**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ВБД: 338.12. (575.3)**

**АЗИМОВА МУҚАДАСХОН МУҲАМЕДОВНА**

# ИДОРАКУНИИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ БАХШИ ДАВЛАТӢ ДАР САМТИ ПЕШНИҲОДИ НЕЪМАТҲОИ МУҲИММИ ИҶТИМОӢ

**(дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ
аз рӯйи ихтисоси: 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт

**Роҳбари илмӣ:**

доктори илмҳои иқтисодӣ,
дотсент Мирсаидов С.А.

**Душанбе, 2023**

МУНДАРИҶА

**НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО 3**
**МУҚАДДИМА 4**
**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ БАХШИ ДАВЛАТИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ИҶТИМОӢ 16**
1.1. Муносибатҳои назариявӣ доир ба шарҳи неъматҳои ҷамъиятӣ ва бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ 16
1.2. Таснифи хусусияти неъматҳои муҳими иҷтимоӣ 30
1.3. Рушди сохтори институтсионалии истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ 48
**БОБИ 2. ТАҲҚИҚИ ВАЗЪИЯТИ ИСТЕҲСОЛ ВА ПЕШНИҲОДИ НЕЪМАТҲОИ МУҲИМИ ИҶТИМОӢ ДАР БАХШИ ДАВЛАТИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ВИЛОЯТИ СУҒД 66**
2.1. Арзёбии сатҳи зуҳури вазифаҳои бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар вилоят 66
2.2. Таҳлили ҳолати рушди истеҳсол ва пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ дар вилоят 80
2.3. Тамоюли инкишофи омилҳои институтсионалии рушди бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар вилояти Суғд 100
**БОБИ 3. ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМҲОИ ИДОРАКУНИИ БАХШИ ДАВЛАТИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ИҶТИМОИИ ВИЛОЯТИ СУҒД** 117
3.1. Такмили механизмҳои идоракунии захираҳо дар бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ 117
3.2. Самтҳои стратегии рушди истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ дар вилоят 130
**ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДОТ 150**
**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот 152**
**Рӯйхати адабиёт 155**
**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия 171**

## НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

**БИМ -** Бозори иҷтимоии муҳим

**ИА** – Иттиҳоди Аврупо

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ИМА –** Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**ИҶШС –** Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ

**ММД –** Маҷмуи маҳсулоти дохила

**МММ –** Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ

**НТҶ** – Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

**СБМ –** Созмони байналхалқии меҳнат

**ВМКБ** – Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон

**ВНМО -** Вируси норасоии масунияти одам

**СММ –** Созмони Милали Муттаҳид

**СМР –** Стратегияи миллии рушд

**ТҒТ –** ташкилоти ғайритиҷоратӣ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таъкид шудааст, ки "вазифаҳои асосии рушди сармояи инсониро дар давраи дарозмуҳлат пешбурди фарогирии иҷтимоӣ тариқи баланд бардоштани дастрасӣ ба хизматрасониҳои босифат, аз ҷумла маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва беҳдошт ва фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар соҳаи иҷтимоӣ"[1] ташкил медиҳад. Иҷрои ин вазифаҳо, дар навбати аввал, бо рушди иқтисодиёти бахши хизматрасониҳои давлатӣ дар доираи пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг), ки заминаи асосии ташаккулу рушди сармояи инсониро ташкил медиҳад, алоқаманд мебошад.

Зеро ташаккул ва рушди низоми иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарчанд ба қадри кофӣ иқтисодиётро бо мол ва хизматрасониҳои гуногун таъмин намояд ҳам, аммо як қатор масъалаҳои асосии ҳаёти кишвар, пеш аз ҳама, истеҳсолу пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоиро ҳаллу фасл карда наметавонад. Бинобар ин, дар низоми иқтисодӣ як бахши фаъолияти иқтисодӣ ҷудо гардидааст, ки дар он механизмҳои бозории тақсимоти неъматҳо пурра баррасӣ карда нашудаанд. Дар ин робита илме ташаккул ва инкишоф ёфт, ки бо омӯзиши хусусиятҳои хоси бахши давлатии иқтисод машғул аст. Дар бахши давлатӣ принсипи ҳамкории бозор ва давлат ҳангоми ҳалли масъалаҳои дорои аҳаммияти муҳимми иҷтимоӣ қарор дорад.

Дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоии даврони соҳибистиқлолии мамлакат ташаккул ва инкишофи бахши давлатии иқтисодиёт ҳамчун унсури таркибии иқтисоди омехта як падидаи нисбатан нав аст. Зарурати инкишофи ин бахш аз кам шудани ҳаҷми як қатор неъматҳои иҷтимоии муҳим бармеояд, ки қаблан онҳо пурра аз ҷониби давлат таъмин мешуданд. Дар айни замон дар шароити дигаргуншавии ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ҳаҷм ва гуногунии талаботи ҷамъиятӣ ба неъматҳои ҷамъиятӣ ва иҷтимоӣ васеъ мегардад. Вобаста ба ин мушкилоти маҳдудияти захираҳои буҷетӣ дар ин бахш мушоҳида мешавад, ки

[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. - Душанбе, 2016. - С. 50.

зарурати дарёфти Сарчашмаҳо ва ҷалби захираҳои иловагиро тақозо менамояд. Бинобар ин, коркарди асосҳои назариявию методологии такмили механизмҳои идоракунии рушди субъектҳои иқтисодии бахши давлатӣ, ки барои оқилонаву самаранок истифода бурдани захираҳо дар истеҳсолу пешниҳоди неъматҳо, хизматрасониҳои муҳимми иҷтимоӣ мусоидат менамояд, мубрамият пайдо мекунад.

Зимнан бояд таъкид намуд, ки дар адабиёти иқтисодии ватанӣ ба муаммоҳои илмии идоракунии рушди бахши давлатии иқтисодиёт дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ, бахусус дар сатҳи минтақаҳои мамлакат кам таваҷҷуҳ дода шудааст. Амалия нишон медиҳад, ки натиҷаҳои фаъолияти бахши давлатӣ, пеш аз ҳама, дар майдони фазоӣ ё ҳудудии истеъмоли онҳо таҷассум меёбанд, яъне сокинони минтақаи алоҳидаи мамлакат ба сифати истеъмолкунандаи неъматҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ баромад мекунанд. Аслан, дар сохтори бахши давлатии иқтисодиёти сатҳҳои гуногун соҳаҳои истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ, ки соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, илм ва амнияти иҷтимоиро дар бар мегиранд, мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Манбаи маблағгузории ин неъматҳоро аслан буҷети маҳаллӣ ташкил медиҳад. Бояд қайд намуд, ки дар даҳ соли охир тамоюли маблағгузории буҷетӣ ба соҳаҳои хизматрасонии муҳимми иҷтимоӣ сифати устувор гирифтааст: соли 2021 нисбат ба соли 2010 ҳаҷми маблағгузорӣ аз буҷети давлат ба соҳаи маориф - 5,7 маротиба, тандурустӣ - 6,8 маротиба, чорабиниҳои фарҳангӣ - 2,1 маротиба афзудааст. Бояд қайд намуд, ин соҳаҳо ба ҷузъи муҳимми иқтисоди миллӣ табдил ёфта, дар истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти дохила низ иштирок менамоянд ва айни замон ҳиссаи онҳо дар истеҳсоли ММД беш аз 5,5 фоизро ташкил медиҳад. Рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат аз сатҳи иқтидори институсионалӣ ва ҷузъи муҳимми он - фарҳанги ташкилии субъектҳои бахши иқтисодиёти давлатии минтақаҳои мамлакат дар самти истеҳсолу пешниҳоди неъматҳо ва ё хизматрасониҳои муҳимми иҷтимоӣ вобаста аст. Бинобар ин, омӯзиши таҷрибаҳои пешрафтаи минтақаҳои мамлакат дар ташкили истеҳсолу

пешниҳоди хизмарасониҳои муҳимми иҷтимоӣ ва дар асоси он зарурати коркарди асосҳои назариявии идоракунии рушди бахши иқтисодиёти давлатӣ дар самти мазкур сабаби интихоби мавзуи тадқиқоти диссертатсиониро муайян намудааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Асосҳои назариявии ташаккули бахши давлатии иқтисодиёт дар назарияи "шикастҳои" бозори Ҷ.М. Кейнс, А. Пигу, назарияи некуаҳволии ҷамъиятии В. Парето, А.Бергсон, Э. Линдал, назарияи неъматҳои ҷамъиятии П. Самуэлсон, М. Олсон, Р. Масгрейв, инчунин дар назарияи интихоби оммавии Д. Бюкенен, Д. Мюллер, М. Олсон, Г. Таллок ва дигарон баррасӣ шудаанд. Равишҳои гуногун оид ба омӯзиши мундариҷа ва хусусиятҳои ташаккули бахши давлатӣ дар доираи неъматҳои иҷтимоӣ дар асарҳои Э.Б. Аткинсон, Х.Р. Вариан, К. Гамилтон, Ф. Котлер, Р. Крамер, Д. Стиглитс, К. Эрроу ва дигарон инъикоси худро ёфтаанд. Мушкилоти рушди иқтисодиёти бахши давлатӣ, масъалаҳои равандҳои ҳамкории сохторҳои давлатӣ, бахши хусусӣ, ташкилоти ғайритиҷоратии ғайридавлатӣ дар асарҳои олимони рус Г.А. Ахинов, В.Э. Гордин, Е.В. Егоров, Э.Х. Жилтсов, О.Ю. Мамедов, И.Н. Молчанов, О.Г. Погорелова, Л.И. Якобсон ва дигарон таҳқиқ шудаанд.

Пайваста бо рушди муносибатҳои бозорӣ дар соҳаҳои неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, хизматрасонии фарҳангӣ ва ғ.) олимони иқтисодшиноси ҷумҳурӣ низ ба омӯзиши масъалаҳои ташаккули бахши давлатии иқтисодиёт таваҷҷуҳи махсус додаанд. Дар таълифоти С.И. Исломов, Т. Низомова, С. Комилов, Р.М. Бобоҷонов, Л.Х. Саидмуродов, А.Б. Мирсаидов, Ҳ.У. Умаров, Ҳ.Н. Фаҷеров, Ф.Р. Шаропов, Б.Ш. Ойматов, Т.Т. Ғаниев ва дигарон таҳлили интиқодии равандҳои мазкур амалӣ шуда, зарурати эҳёи фаъолияти давлат, ҳамчун ниҳоди пешбари бахши давлатии иқтисодиёт дар соҳаи пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ, асоснок карда шудааст.

Аммо дар адабиёти иқтисодии ватанӣ таҳқиқоти махсуси илмӣ дар самти такмили идоракунии субъектҳои иқтисодиёти бахши давлатӣ дар пояи муайян намудани хусусиятҳо ва аломатҳои мушаххас ҳангоми пешниҳоди неъматҳои

муҳимми иҷтимоӣ хеле кам вомехӯрад. То имрӯз консепсияи рушди иқтисодиёти бахши давлатӣ таҳия нашудааст, нақши аксари ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ ҳамчун як ниҳоди пешбаранда ва субъекти муҳимми идоракунии бахши мазкури иқтисод (бо назардошти хусусиятҳои минтақаҳои алоҳидаи кишвар) ба қадри кофӣ муайян нашудааст.

Ҳамин тариқ, гуногунии ҷанбаҳои мухталифи масъалаи мазкур ва сифати системаи мураккаби кушод доштани субъектҳои иқтисоди бахши давлатӣ зарурати ҷустуҷӯ ва асосноккунии муносибатҳои навро дар идоракунии он дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ муайян мекунад.

Дар рафти омӯзиши адабиёти илмӣ, таҳлили маводи озмоишӣ ва амалияи фаъолияти субъектҳои бахши давлатии иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот муайян ва тарҳрезӣ карда шуданд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаҳои дурнамои давлатӣ, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то давраи соли 2030, Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 таҳия гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** аз омӯзиши асосҳои назариявии рушди бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ, таҳлили ҳолат ва тамоюлҳои тағйирёбии он, таҳияи муқаррароти методологӣ ва тавсияҳои амалӣ иборат аст, ки рушди минбаъдаи низоми идоракунии амалкунандаи бахши мазкурро дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ таъмин мекунанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба ин ҳадаф ҳалли вазифаҳои зерин ба назар гирифта шудааст:

- ворид намудани муқаррарот доир ба моҳият ва сохтори неъматҳои ҷамъиятӣ ва неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ҳамчун объекти идоракунии бахши давлатии хизматрасониҳои сатҳои гуногун;

- таҳқиқи рушди низому иқтидори институтсионалии бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ҳамчун механизми идоракунии он, инчунин муайян кардани хусусиятҳои минтақавии фаъолияти бахши мазкур дар соҳаи пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ;

- арзёбии марҳилаҳои рушди бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сифати идоракунии он дар соҳаи пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ;

- муайян намудани саҳми истеҳсол ва пешниҳоди нематҳои муҳимми иҷтимоӣ ба афзоиши МММ-и Суғд дар асоси таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ;

- асоснок намудани роҳҳои такомули низоми ташкилии идоракунӣ, пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ, тавсифи типологияи бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар сатҳи минтақавӣ ва муайян намудани роҳҳои васеъ кардани таъминоти захиравии он;

- коркарди тавсия доир ба фаъол гардонидани самтҳои стратегии низоми идоракунии бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ дар вилояти Суғд.

**Объекти таҳқиқот** субъектҳои бахши давлатии иқтисодиёти вилояти Суғд дар самти истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои (хизматрасониҳои) муҳимми иҷтимоӣ мебошад.

**Предмети таҳқиқот** муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва идоракунӣ вобаста ба таъмини рушди соҳаи пешниҳоди неъматҳои хизматрасониҳои муҳимми иҷтимоӣ дар бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба шумор меравад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Исбот кардани фарзия доир ба нақши гиреҳи идораи бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг) на танҳо дар таъмини рушди инсон ва сармояи инсонии милливу минтақавӣ, балки имконияти таъсиррасонӣ ба ҳалли тазоди (дилеммаи) миёни самаранокии иқтисоди бозорӣ ва рушди соҳаҳои иҷтимоӣ равона шудааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳои бунёдии олимон-иқтисодчиён дар соҳаи назарияи неъматҳои ҷамъиятӣ, дастовардҳои тадқиқотчиёни ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба идоракунии бахши давлатӣ дар соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Инчунин, бо дараҷаи баланди равиши методологӣ асарҳои олимони иқтисоддоне, ки низомҳо ва зернизомҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ҷанбаҳои методии фаъолияти бахши давлатӣ дар таъмини неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро таҳқиқ намудаанд, эҷодкорона истифода бурда шуд.

Дар рафти таҳқиқот усулҳои зерин истифода шуданд: усулҳои диалектикӣ ва системавӣ, усулҳои абстраксия ва муқоисаи илмӣ, усулҳои таҳлили иқтисодӣ ва математикӣ, усули коркарди маълумотҳои оморӣ, усули экстраполятсионӣ, усулҳои моделсозӣ.

**Сарчашмаи маълумот.** Сарчашмаи иттилоотии таҳқиқоти диссертатсиониро санадҳои меъёрии-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва идораҳои минтақавии он, ҳисоботҳо, маводи меъёрӣ ва методии Сарраёсати молияи вилояти Суғд, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ассотсиатсияи ташкилотҳои ғайритиҷоратии Тоҷикистон, раёсат ва намояндагиҳои минтақавии онҳо ташкил кардаанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот**. Диссертатсия солҳои 2014-2023 дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон омода гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар коркарди асосҳои назариявию методии такмили механизмҳои идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ва тавсияҳои амалӣ доир ба баланд бардоштани сатҳи самаранокӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳо дар субъектҳои бахши номбурдаи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад.

Натиҷаҳои назарраси илмие, ки навгонии илмии таҳқиқотро муайян мекунанд, чунинанд:

1. Ба мафҳуми "Бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ" дар асоси ҷамъбасти тафсирҳои гуногуни мафҳуми мазкур, ки дар адабиёти иқтисодӣ мавҷуд аст, тасҳеҳ ворид карда шуд. Бахши давлатӣ ҳамчун як ҷузъи сохтории иқтисоди омехта маҷмӯи сохтор ва ташкилотҳои институтсионалӣ мебошад, ки ба истеҳсол ва пешниҳод кардани неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ баҳри қонеъ кардани эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ва дар асоси захираҳои (пеш аз ҳама молиявӣ) дар ихтиёри онҳо мавҷудбуда равона карда шудааст.

2. Асоснок карда шуд, ки такмилу коркарди механизмҳои идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ғ.) бояд ба сифату хусусияти неъматҳои омехтаи ҷамъиятӣ, ки ба онҳо ҳам танзими давлатӣ ва ҳам танзими бозорӣ хос аст, такя кунад; исбот карда шудааст, ки дар натиҷаи ташаккули маҷмӯи шаклҳои хусусӣ ва давлатии ташкили истеҳсолу пешниҳоди хизматрасониҳои муҳимми иҷтимоӣ як фазои иқтисодӣ (навъи омехтаи иқтисодиёт) барои ҳамкории механизмҳои вазъи бозорӣ ва иштироки сохторҳои давлатӣ ва хусусӣ ё амали ниҳодҳои давлатӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ ба вуҷуд омадааст.

3. Тамоюли устувори рушди истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои ҷамъиятӣ, ки аз табиати давлати иҷтимоӣ бармеояд, дар мамлакат ва минтақаҳои он муаяйн карда шуда, афзалияти вилояти Суғд дар миёни минтақаҳо ҷудо карда шудааст; таносуби муносиби истеҳсолот ва пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ байни марказ ва минтақаҳо, таъминоти захиравии он муайян карда

шудааст; типологияи муайянкунандаи бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар сатҳи минтақа таҳия карда шудааст, ки ба тадбиқи самараноки механизмҳои идоракунии захираҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳими иҷтимоӣ боис мегарданд.

4. Дар асоси таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ, вобастагии суръати афзоиши МММ-и вилояти Суғд аз омилҳои таъсиррасони суръати афзоиши хароҷоти соҳаҳои маориф ва тандурустӣ муайян карда шуд, ки барои таҳияи ояндабинии дурнамои рушди идоракунии бахши давлатии иқтисодиёт дар истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои (хизматрасониҳои) муҳимми иҷтимоӣ истифода шаванд;

5. Тавсияҳои методӣ барои арзёбии фаъолият ва самаранокии низоми идоракунии бахши давлатии хизматрасониҳои вилояти Суғди ҷумҳурӣ дар соҳаи истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ асоснок карда шуданд, ки ба такмил додани низоми идоракунӣ баҳри муносиб гардонидани хароҷоти буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, идоракунии сифати неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ва истеҳсолот, ки ба эҳтиёҷоти сокинони ҷомеаи минтақа равона карда шудаанд, имкон медиҳад.

6. Тавсияҳои илман асоснок карда шуда, оид ба такмили низоми стратегии идоракунии бахши давлатии вилояти Суғд дар самти истеҳсолу пешниҳоди хизматрасониҳои муҳимми иҷтимоӣ пешниҳод гардидаанд, ки зарурати такмили стандартҳои неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ, муносибгардонии сохтори бахши давлатӣ тавассути афзоиши ҳиссаи институтсионалии худмухтор ва ташкилоти ғайритиҷоратии ғайридавлатӣ, рушди механизми шарикии давлат ва бахши хусусиро вобаста ба талаботи марҳалаи нави рушди мамлакат ва минтақаҳои он дар бар мегиранд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- дар асоси омӯзиши муқаррароти назариявӣ равшан намудани моҳият ва сохтори неъматҳои ҷамъиятӣ ҳамчун объекти бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ;

- муайянкунии такмил ва коркарди механизмҳои идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ, бо назардошти сифату хусусияти неъматҳои омехтаи ҷамъиятӣ, ки ба онҳо ҳам танзими давлатӣ ва ҳам танзими бозори хос аст;

- арзёбии таносуби истеҳсолот ва пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ байни марказ ва минтақаҳо, таъминоти захиравии он, ки дар ин замина алгоритми интихоби дурусти субъект, объект ва механизми идоракунии рушди истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ пешниҳод шудааст;

-таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ ва арзёбии самаранокии таъсиррасонии суръати афзоиши хароҷоти неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ба афзоиши МММ-и вилояти Суғд;

- пешниҳоди тавсияҳои методӣ, ки ба такмил додани низоми идоракунӣ баҳри муносиб гардонидани хароҷоти буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, идоракунии сифати неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ва истеҳсолот дар бахши давлатии хизматрасониҳои вилояти Суғди ҷумҳурӣ боис мегардад;

- тавсияҳои илман асоснокшуда оид ба фаъол гардонидани тамоюли стратегии низоми идоракунии бахши давлатии вилояти Суғд дар самти истеҳсолу пешниҳоди хизматрасониҳои муҳимми иҷтимоӣ ва рушди механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ вобаста ба талаботи марҳалаи нави рушди мамлакат ва минтақаҳои он.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**. Аксарияти муқарраротит таҳқиқоти илмӣ барои равшанӣ андохтан ва инкишофи назарияи неъматҳои ҷамъиятӣ, пурра гардидани дониш дар бораи иқтисодиёти бахши давлатӣ дар пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ мусоидат хоҳад кард. Натиҷаҳои ҳосилшудаи таҳқиқоти илмиро барои ташаккули низоми муассири идоракунии бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоии минтақаҳои ҷумҳурӣ истифода бурдан мумкин аст.

Тавсияҳои методӣ ва амалии таҳиякардаи муаллиф дар раванди таълими фанҳои “Иқтисоди бахши давлатӣ”, “Танзими давлатии иқтисод”, “Иқтисоди

минтақавӣ ва менеҷмент”, инчунин, дар таҳияи курсҳои махсуси менеҷмент дар соҳаи иҷтимоӣ дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон истифода шуда метавонанд.

Методология ва амсилаи пешниҳодкардаи муаллифро метавон дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти маҳаллии давлатӣ, ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ барои баҳодиҳии самаранокии фаъолияти онҳо ва таҳияи тавсияҳо оид ба рушди минбаъдаи бахши давлатии иқтисодиёти вилояти Суғд ва такмили низоми идоракунӣ, ки ба қонеъ кардани эҳтиёҷоти иҷтимоии минтақаи мазкур равона карда шудааст, истифода бурд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**. Тавассути гузаронидани таҷрибаҳо дақиқии маълумот ва кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявию таҷрибавӣ таҳия карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқот ба сархатҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт: 1.1. Ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳо дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт дар сатҳи минтақавӣ ва умумимиллӣ. Нақш ва мавқеи хизматрасониҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 1.5. Механизми идоракунии бозори хизматрасониҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 1.9. Асосҳои иқтисодии амалкард ва дастгирии давлатии бахши хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 1.14. Идоракунии сифати хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 1.18. Маблағгузории бахши хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 1.19. Рушди ҳамкориҳои муассисаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт бо субъектҳои соҳаҳои дигари иқтисодиёт мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар муайян кардани ҳадаф, мавзуъ ва объекти таҳқиқот, мудаллал сохтани номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли онҳо, асоснок кардани заминаҳои назариявӣ ва

методии таҳқиқот зоҳир мегардад. Иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар таҳқиқот тавассути интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия, баромадҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ ва илмӣ-назариявии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, инчунин, дар санҷиши амалии натиҷаҳои диссертатсия собит мешавад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқот дар конференсияҳои байналмилаллӣ ва ҷумҳуриявӣ давоми солҳои 2014-2022 маърӯза ва баррасӣ гардидаанд, аз ҷумла конфренсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Тоҷикистон дар асри XXI: дурнамои рушди устувори иқтисоди миллӣ» (Хуҷанд, 2015), конференсияи илмию назариявии омӯзгорону донишҷӯён «Нақши илм дар ташаккули миллат давлатдорӣ» (Хуҷанд, 2016), конференсияи илмию амалии олимон, профессорон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони «Илм ва инноватсия дар низоми татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ», бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи илми тоҷик (Хуҷанд, 2021), конфренсияи илмию амалии профессорону омӯзгорон ва олимони ҷавон таҳти унвони «Ҳамгироии илм ва истеҳсолот баҳри ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ», бахшида ба эълон гаштани солҳои 2020-2026 саноатикунонии босуръати кишвар ва Рӯзи илми тоҷик (Хуҷанд, 2022).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқаррарот ва натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмии дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақолаи илмӣ дар конференсияҳо дар ҳаҷми умумии 3,5 ҷ.ч. инъикос шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, 9 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст. Ҳаҷми умумии кор 172 саҳифаи матни компютерӣ, аз ҷумла 32 ҷадвал, 5 диаграмма ва 4 расмро дар бар мегирад.

**Натиҷаи таҳқиқот.** Дар муқаддима мубрам будани мавзуи диссертатсия асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи кор, объект, мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои

таҳқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст, ҳамзамон, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот ва сохторҳои диссертатсия нишон дода шудааст.

**Боби якум таҳти унвони - "Асосҳои назариявии рушди бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ"** ба омӯзиши муносибатҳои назариявӣ доир ба шарҳи неъматҳои ҷамъиятӣ ва бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ, таснифи хусусиятҳои неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ва рушди сохтори институтсионалии истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим бахшида шудааст.

**Боби дуюм** – "**Таҳқиқи вазъияти истеҳсол ва пешниҳоди неъматҳои муҳими иҷтимоӣ дар бахши давлатии хизматрасониҳои вилояти Суғд"** сатҳи зуҳури вазифаҳои бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоии вилоят, ҳолати рушди истеҳсол ва пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ дар вилоят ва тамоюли инкишофи омилҳои институтсионалии рушди бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоии вилоят таҳқиқ шудаанд.

**Дар боби сеюм – "Такмили идоракунии бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоии вилояти Суғд"** масъалаҳои такмили механизмҳои идоракунии давлатии пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ва самтҳои стратегии рушди истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ дар вилояти Суғд асоснок карда шудаанд.

**Дар хулоса ва пешниҳодоти** диссертатсия бошад, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ аз тарафи муаллиф ҷамъбаст карда шуда, тавсияву пешниҳодҳои хусусиятҳои назариявӣ ва амалидошта пешниҳод гардидаанд.

# БОБИ 1.
# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ БАХШИ ДАВЛАТИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ИҶТИМОӢ

## 1.1. Муносибатҳои назариявӣ доир ба шарҳи неъматҳои ҷамъиятӣ ва бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ

Дар адабиёти иқтисодӣ омӯзиши масъалаҳои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ва вобаста ба ин, неъматҳои ҷамъиятӣ таърихи дурудароз дорад. Дар доираи ин масъала шарҳу тафсири муносибати ҳамдигарии тафзилҳои инфиродӣ, манфиатҳои гурӯҳӣ баҳснок мебошад. Дар маркази баҳси илми иқтисоди анъанавии давраҳои аввал (масалан, дар асарҳои А. Смит) ғамхорӣ нисбати некуаҳволии ҷамъият аз муқаррароте сарчашма мегирифт, ки зуҳури «дасти ноаён»-ро танзим мекунад. Маҳз дар заминаи муқаррароти «дасти ноаён» индивидуализми методологӣ ташаккул ёфтааст, ки тибқи он манфиатҳои гурӯҳӣ ва ҷамъиятӣ ба манфиатҳои шахсони алоҳида баробар карда шудаанд. Принсипи мазкур дар давраи минбаъда аз ҷониби олимони неоклассикӣ инкишоф дода шуд. Принсипи мазкур муносибатро ба манфиатҳои гуногун дар се муқаррароти асосӣ муайян мекунад: а) индивидуализм (инфиродият), тасаллути манфиати шахсӣ дар иқтисод, яъне ҳама гуна эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ ба хоҳиши ашхоси алоҳида баробар карда мешуданд; б) эгоизм (худпарастӣ), яъне кӯшиши ҳар як инсон барои зиёд гардонидани фоидаи шахсии худ; в) соҳибихтиёрии инсон, яъне озод будани инсон нисбати хоҳишҳои шахсӣ. Аз ин хулоса кардан мумкин аст, ки навъи меъёрии бозор дар заминаи амали ин муқаррарот бунёд шудааст. Ба ибораи дигар, дар бозор рафтори ҳар як иштирокчӣ, ки неъматҳои хусусӣ - мол ва хизматрасониро бо ҳам иваз мекунанд, зуҳуроти мазмуни муқаррароти дар боло зикршударо муайян месозад.

Аммо дар ҷомеа неъматҳои ҷамъиятӣ ё молҳое вуҷуд доранд, ки онҳоро дар доираи муқаррароти индивидуализми методологӣ (ғаразӣ шахсӣ ва соҳибихтиёрӣ) тавсиф кардан мушкил аст. Ҳамин тариқ, берун аз ҳудуди бозор иқтисодшиносон ва сиёсатмадорон бо мушкилоти неъматҳо ё молҳои ҷамъиятӣ дучор мешаванд, ки нисбати онҳо на ҳамеша маҳакҳо ва муқаррароти индивидуализми методологӣ қобили истифодаанд.

Вобаста ба ин, мо низ кӯшиш намудем, ки ба масъалаи мазкур назар андозем. Боиси тазаккур аст, ки ҳаллу фасли ин масъала барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он дар давраи гузариш аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад, чунки иқтисодшиносони ватанӣ пас аз солҳои 90-ум, яъне бо оғози таъсиси як низоми ҷадиди иқтисодӣ - низоми бозорӣ ба мушкилоте рӯ ба рӯ шуданд, ки дар он механизми бозории тақсимоти неъматҳо амал намекунад. Бо ҳамин сабаб масъалаи зарурати омӯзиши бахши давлатии иқтисодӣ ба миён омад, ки дар он неъматҳо - захираҳо, молҳо, хизматрасонӣ на ба воситаи бозор, балки ба воситаи чунин муассисаҳои иқтисодӣ, чун мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ тақсим карда мешаванд. Аз ин бармеояд, ки бахши ҷамъиятии иқтисод (одатан бахши давлатии иқтисодиёт ном бурда мешавад) ин як бахш ё як қисми фазои иқтисодиест, ки дар он муносибатҳои бозорӣ амал намекунанд ё қисман амал мекунанд (дар он усули бозории ҳамоҳангсозии фаъолият бартарӣ надорад) ва пеш аз ҳама, на неъматҳои хусусӣ, балки неъматҳои ҷамъиятӣ истеҳсол, таъмин ва истеъмол карда мешаванд. Аз ин ҷо хулосае бармеояд, ки барои муайян кардани хусусиятҳои хоси бахши ҷамъиятии иқтисодиёт, пеш аз ҳама, мазмуни истилоҳи «неъматҳои ҷамъиятӣ»-ро саҳеҳ кардан зарур аст.

Ибтидои ташаккули назарияи неъматҳои ҷамъиятӣ бо номи иқтисодшинос ва файласуфи англис Дэвид Юм алоқаманд аст, ки аввалин маротиба мафҳуми “неъматҳои ҷамъиятӣ”-ро пешниҳод кардааст. Олими мазкур қайд кардааст, ки дар иқтисодиёт чунин неъматҳо ё хизматрасоние мавҷуданд, ки истеҳсоли онҳо фоидаро ба бор намеорад, аммо он метавонад барои ҷомеа дар маҷмуъ муфид бошад. Дар солҳои минбаъда Адам Смит, гарчанде ки амалҳои “дасти ноаён”-

ро ҳамчун муҳаррики асосии иқтисодиёт ва ҷомеа эътироф мекард, ҳамчунин, қайд кардааст, ки давлат бояд баъзе неъматҳоро пешниҳод кунад (мудофиа, маърифати сатҳҳои камбизоати аҳолӣ ва ғайра), ки даромад аз фурӯши онҳо захираҳои дар истеҳсоли онҳо дар бахши хусусӣ сарфшударо пӯшонида наметавонад[2].

Ҷон Стюарт Милл, инчунин, қайд кардааст, ки дар шароити фаъолияти коллективӣ («табиати баъзе аз неъматҳои муайян назорати ҷамъиятиро тақозо мекунад») эҳтиёҷоти инфиродӣ қонеъ карда мешавад. Вобаста ба ин ӯ хусусиятҳои неъматҳои ҷамъиятиро шарҳ додааст[3].

Бояд қайд кард, ки неъматҳои ҷамъиятӣ моҳияти иқтисодӣ доранд ва ба зумраи неъматҳои иқтисодӣ дохил мешаванд. Вобаста ба ин нукта мо ба шарҳи мазмуни мафҳуми неъмати иқтисодӣ рӯ меорем. Дар адабиёти иқтисодӣ муаллифон онро ба таври гуногун муайян месозанд. Ба ақидаи мо, шарҳи неъматҳои ҷамъиятии аз ҷониби яке аз асосгузорони мактаби иқтисодшиносии Австрия К.Менгер пешниҳодшуда нисбатан васеъ мебошад. Иқтисодшиноси мазкур қайд кардааст, ки ҳамаи неъматҳо як асоси ибтидоӣ доранд: "Эҳтиёҷоти инсонӣ - ана аз куҷо занҷири сабабу оқибатҳои иқтисодӣ оғоз меёбанд!"[4].

Вобаста ба ин, К. Менгер шартҳоеро муайян намуд, ки дар онҳо маҳсулот хусусияти неъматро пайдо мекунад: а) эҳтиёҷоти инсон; б) хосиятҳо ё манфиати маҳсулоте, ки барои қонеъ кардани эҳтиёҷоти мазкур таъин шудаанд; в) аз ҷониби шахс дарк намудани манфиат ва зарурати маҳсулоти мазкур; г) имконияти ихтиёрдорӣ кардани маҳсулот. Олими иқтисодшиноси машҳур А.Маршалл таҳти мафҳуми неъмат ҳамаи ашёҳоеро мефаҳмад, ки "эҳтиёҷоти инсонро қонеъ мекунанд"[5].

Аммо, ба андешаи мо, дар таърифи ӯ мафҳуми неъмат танҳо бо ашёҳо ва предметҳо маҳдуд шудааст. Ҳангоме ки неъматҳо чун ашёи куллан фоидаовар

---

[2]. Смит, А. Классика экономической мысли: Сочинения. [Текст]/ А. Смит, Д. Риккардо, Дж. Кейнс, М. Фридман. - М.: Изд-во ЭКСМО-Пресс, 2000. –С. 157.

[3]. Вехи экономической мысли. Экономика благосостояния и общественный выбор. Том 4. Под общ. ред. А.П. Заостровцева. - СПб: Экономическая школа, 2004. - С. 47.

[4]. https://studwood.net/1543844/ekonomika/svoystvanbspi_klassifikatsiya_obschestvennyh_blag

[5] Маршалл А. Принципы экономической науки. Т.2 [Текст]/ А. Маршалл – М., 1993. - С.134.

эътироф мешаванд, онҳо метавонанд на танҳо маҳсули меҳнату заҳмат, балки офаридаҳои табиат бошанд. Инчунин, қайд кардан зарур аст, ки хусусияти ягон ашёе, ки эҳтиёҷоти мушаххаси инсонро қонеъ карда метавонад, онро ба неъмат мубаддал намекунад. Дарк кардани манфиати ашё аз ҷониби инсон (қобилияти ашё бояд аз ҷониби инсон дарк карда шавад), яъне қобилияти қонеъ кардани эҳтиёҷоти ӯ, ба неъмат мубаддал мегардад. Дар маҷмуъ, ақидаеро дастгирӣ кардан мумкин аст, ки ҳама гуна маънӣ, ашё, зуҳурот, маҳсули меҳнат, ки эҳтиёҷоти мушаххаси инсонро қонеъ мекунанд ва ба манфиатҳо, ҳадафҳо ва кӯшишу хоҳишҳои инсон ҷавобгӯ ҳастанд, **неъмат** номида мешаванд. Аз ин рӯ, неъматҳои иқтисодӣ маҷмуи ашёҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, хусусиятҳои онҳо мебошанд, ки метавонанд эҳтиёҷоти гуногуни инсонро қонеъ кунанд ва судмандии он аз ҷониби истеъмолкунанда (инсон) дарк карда мешавад.

Дар адабиёти иқтисодӣ вобаста ба талаботи заминавии он манфиатҳои иқтисодӣ тасниф ё гурӯҳбандӣ карда шудаанд, аммо доираи таҳқиқоти мо неъматҳои ҷамъиятиро фаро мегирад, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ заруранд ва бар замми ин, вазифаҳои муҳимми давлатиро иҷро мекунанд. Барои муайян кардан ё ворид шудан ба мазмуни неъматҳои ҷамъиятӣ, мо таҳлили муқоисавии неъматҳои шахсӣ ва ҷамъиятиро иҷро менамоем.

Аломати асосии неъмати шахсӣ дар он аст, ки агар онро як шахс мавриди истифода қарор диҳад, онро ҳамзамон, шахси дигар истеъмол карда наметавонад.

**Неъматҳои хусусӣ** ин неъмати истеъмоли инфиродӣ мебошад, ки аз ҷониби соҳибони моликияти хусусӣ ва моликияти умумии саҳомӣ истеҳсол карда мешаванд. Ин неъматҳо як қатор хусусиятҳои фарқкунандаи иҷтимоию иқтисодиро доранд, ки дар расми 1.1.1. оварда шудаанд.

| **Неъматхои хусусӣ** | **Неъматхои ҷамъиятӣ** |
| --- | --- |
| *Тақсимшаванда, яъне дар шакли воҳидҳои нисбатан хурд мавҷуд аст, ки ба истеъмолкунандагони алоҳида дастрасанд.* | *Тақсимнашаванда, зеро аз воҳидҳои калон иборатанд ва ба шахсони алоҳида пешниҳод шуда наметавонанд.* |
| *Дорои хусусияти "истисно шудан" мебошад, яъне истисно аз истеъмоли истеъмолкунандае, ки барои неъмат бо нархи бозор маблағ пардохт карда наметавонад (соҳиби неъмат он истеъмолкунанда мегардад, ки қобилияти пардохти онро дорад).* | *Нисбати онҳо (неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ) принсипи "истисно шудан" амал намекунад, ба онҳо истеъмоли муштарак хос аст.* |
| *Неъматҳои гурӯҳи алоҳида дар бахши хусусӣ истеҳсол мешаванд.* | *Неъматҳои софи ҷамъиятӣ (ашё ва хизматрасонӣ) дар бахши давлатӣ истеҳсол мешаванд.* |

**Расми 1.1.1. Хусусиятҳои фарққкунандаи неъматҳои хусусӣ ва ҷамъиятӣ**
**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф бо истифода аз адабиёти илмӣ тартиб дода шудааст.

Неъматҳои ҷамъиятӣ ба неъматҳои соф ва омехта тасниф мешаванд. Неъматҳои софи ҷамъиятӣ ҳамчун ашёи судманд аз рӯйи моҳият мол маҳсуб намешаванд, зеро онҳо, пеш аз ҳама, на барои фурӯш дар бозор истеҳсол шудаанд. Неъматҳои софи ҷамъиятӣ (ашё ва хизматрасонӣ), масалан, амнияти ҷамъиятӣ, мудофиаи миллӣ, шоҳроҳҳо ва ғайра дар бахши давлатӣ истеҳсол мешаванд. Нисбати неъматҳою хизматрасониҳои омехта «принсипи истисно шудан» ва принсипҳои бозор татбиқ карда мешаванд. Аммо дар ин ҷо, "принсипи истисно шудан" ба андозаи миёна ифода меёбад ва "таъсири беруна" аз истеъмоли онҳо моҳияти ҷиддӣ ё васеътар дорад: масалан, роҳҳои мошингард, соҳаи фарҳанг, маориф, тандурустӣ ва ғайра. Нисбати ин неъмату хизматрасониҳо метавонанд нархҳо муқаррар карда шаванд ва субъектҳои бахши хусусӣ ва соҳибкорон метавонанд неъматҳо ё хизматрасонии мазкурро ба истеъмолкунандагон ба ивази пардохти маблағ пешниҳод кунанд. Аммо вобаста ба он ки онҳо (соҳибкорон) ҳаҷми пурраи истеҳсоли чунин неъматҳоро пурра ба зиммаи худ намегиранд, ин вазифаро пурра ё қисман бо мақсади пешгирии норасоии ашё ва хизматрасонии аз ҷиҳати иҷтимоӣ судманд давлат

ичро мекунад. Маҳз муносибатҳои зикршуда заминаи бахши соҳибкории давлатию хусусиро ташкил медиҳанд.

Ҳамин тариқ, берун аз ҳудуди муносибатҳои софи бозорӣ як қатор неъмат ва маҳсулҳое мавҷуданд, ки ба истеъмолкунандагон «ройгон» пешниҳод мешаванд. Аммо мафҳуми "ройгон" маънои қатъ гардидани амали фишангҳои бозории неъматҳо ё захираҳои мазкурро дар иқтисод дорад. Маҳз бо ҳамин сабаб таҳлили иқтисодии ин маҷмуи маҳсулот ва хизматрасонӣ (неъматҳои ҷамъиятӣ), ки "ройгон" пешниҳод мешаванд, душвор аст. Аз ин рӯ, дар адабиёти иқтисодӣ як қатор консепсияҳои ба ҳам мухолиф ва равишҳои гуногуни методологии арзёбии неъматҳои ҷамъиятӣ вуҷуд доранд. Дар зер мо консепсияҳои муосири неъматҳои ҷамъиятиро баррасӣ хоҳем кард, ки мухталиф будани шарҳу эзоҳи мафҳуми мазкурро нишон медиҳанд.

Аксарияти олимони иқтисодшинос қайд мекунанд, ки консепсияи ҷадиди неъматҳои иҷтимоӣ соли 1954 аз ҷониби профессори америкоӣ П.Самуэлсон пешниҳод шудааст. Консепсияи мазкурро профессори дигари америкоӣ Р.Масгрейв инкишоф додааст ва консепсияи неъмати аз ҷиҳати иҷтимоӣ судмандро («неъмати шоиста»)-ро ташаккул дод[6].

П.Самуэлсон менависад, ки «Неъматҳои иҷтимоӣ гуфта, неъматҳоеро меноманд, ки судмандии истифодаи онҳо барои тамоми ҷомеа тақсим карда мешавад, новобаста аз он ки баъзе намояндагони ҷомеа ин неъматро харидан мехоҳанд ё не. Истеъмоли чунин неъмат аз ҷониби ҳар як фард истифодаи онро аз ҷониби фарди дигар коҳиш намедиҳад"[7].

Х. Ламперт таъкид мекунад, ки "неъматҳои ҷамъиятӣ - .... ашёе мебошад, ки боигарии ҷомеа буда, бо ду аломати зерин тавсиф карда мешаванд: (1) онҳо метавонанд аз ҷониби зиёда аз як шахс ё як гурӯҳи хурд бидуни зарар ба истифодабарандагон истифода шаванд (дар чунин ҳолат сухан дар бораи "мавҷуд набудани рақобат дар истеъмол" меравад); (2) ба ҳеҷ кас истифодаи он

---

[6]Масгрейв Р.А. Государственные финансы: теория и практика. Пер с англ. / Р. А. Масгрейв, П. Б. Масгрейв. – М.: Бизнес Атлас, 2009. – 716 с.
[7] Пол А. Самуэльсон, Вильям Д. Нордхаус. Экономика: пер с англ. - М.: «Издательство БИНОМ», 1997. - С. 338.

дар асоси талабот оид ба пардохти нархи муайян рад карда намешавад, зеро фоидаи ашё наметавонад маҳдуд карда шавад (дар ин ҳолатҳо дар бораи беэътибор будани принсипи истисно сухан меравад)”[8].

Аз нуқтаи назари В. Николсон бошад, “неъмат он гоҳ ҷамъиятӣ аст, агар он истеҳсол шуда бошад, ҳеҷ кас наметавонад аз дастрасӣ ба он истисно карда шавад. Маъмулан, неъматҳои ҷамъиятӣ дар истеъмол beрақобатанд, аммо на қатъиян”[9].

Дар таърифҳои зикршуда назарҳои мухолиф мавҷуданд: аломати муайянкунандаи неъмати ҷамъиятӣ ё истисно нашудан аз истеъмол тибқи ақидаи Николсон ё рақобатнопазирӣ дар истеъмол ба ақидаи П.Самуэлсон мебошад. Д.Э. Стиглитс қайд менамояд, ки “ба неъматҳои ҷамъиятӣ бояд ҳарду ин хусусият хос бошанд, аммо то ин ё он дараҷа, ки тақсими ин неъматҳоро ба “соф” ва “ғайрисоф”муайян мекунанд[10].

Ҳамин тариқ, ба назари Х. Ламперт ва Д.Э. Стиглитс мавқеи мобайнӣ мушоҳида мешавад. Меъёрҳои алтернативӣ, ба монанди рақобатпазирӣ ва рақобатнопазирӣ, истисно ва бидуни истисно будан дар асоси фарқияти неъматҳои хусусӣ ва софи ҷамъиятӣ қарор мегирад. Дар маҷмуъ, гуфтан мумкин аст, ки дар адабиёти иқтисодӣ таърифи ягонаи неъматҳои ҷамъиятӣ вуҷуд надорад. Дар адабиёти иқтисоди ватанӣ доир ба нақшу ҷойгоҳи неъматҳои ҷамъиятӣ, бахусус неъматҳои ҷамъиятии муҳимми иҷтимоӣ назарҳои гуногун вомехӯранд. Масалан, О.Бобоев[11] дар асарҳои худ дар доираи таҳқиқи масъалаҳои ифрасохторӣ ба нақши неъматҳои ҷамъиятӣ ва ё неъматҳое, ки сифати истифодаи умум доранд, алоқамандии таъсири самараи беруна ва неъматҳои ҷамъиятӣ (объектҳои инфрасохторӣ) ва ҳамкории фаъоли

[8]. Ламперт, Х. Социальная рыночная экономика. Германский путь [Текст]/Х.Ламперт. - М.: «Дело ЛТД2, 1994. - С. 38.
[9]. Николсон, В. Микроэкономическая теория [Текст]/В.Николсон. - Москва: Международные отношения, 1995. - С. 272.
[10]. Стиглиц, Дж. Экономика государственного сектора: пер. с англ. [Текст]/Дж. Стиглиц. - М.: ИНФРА-М, 1997. - С. 119-123.
[11] Бобоев, О. Инфраструктура и экономический рост: проблемы взаимовлияния [Текст]/ О.Бобоев //Известия АН РТ. Отделение общественных наук. - Душанбе, 2018.-№4 (252). – С.25 0,35 п.л.

онҳоро таъкид намудааст. Олими дигари тоҷик Л.Ҳ. Саидмуродов[12] бошад, нақши неъматҳои ҷпмъиятӣ, махсусан хизматрасониҳои иҷтимоиро дар миллигардӣ ва татбиқи Ҳадафи рушди устувор қайд намудааст. Ш. Раҳимзода[13] дар мақолаи худ ба самтҳои афзалиятноки илмҳои иқтисодӣ ва татбиқи ҳуҷҷатҳои стратегии рушди миллӣ, масъалаи зарурати пажӯҳиши муаммоҳои илмии бахши ҷамъиятии иқтисодиёт ва рушди инсон, ки аз сатҳи рушди таҳсилоту солимии он вобастагӣ дорад, таваҷҷуҳи махсус додааст. Дар таҳқиқоти профессор А.Б. Мирсаидов[14] моҳияти неъматҳои ҷамъиятӣ, навъи онҳо, инчунин, меъёрҳои арзёбии онҳо муфассал инъикос ёфтаанд. Ба ақидаи вай, неъматҳои ҷамъиятӣ молҳо ё хидматҳое мебошанд, ки ба он ҳамаи аъзоёни ҷомеа манфиатдоранд ва аксар вақт тавассути андозбандии давлатӣ ройгон пешниҳод карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки ҳамаи муаллифон эътироф мекунанд, ки неъматҳои ҷамъиятӣ ду аломати хос доранд: а) рақобатнопазирӣ дар истеъмол; б) бидуни истисно будан. Вале афкори онҳо нисбати масъалаи зерин баҳсноку мухталиф аст: маҳз кадоме аз ду аломати дар боло зикршуда ҳамчун аломати неъмати ҷамъиятиро муайянкунанда мебошад ва то кадом андоза аломати дуюм ба неъмати ҷамъиятӣ бояд хос бошад.

Равиши неоинститутсионалӣ нисбати арзёбӣ ва шарҳи неъматҳои ҷамъиятӣ, ба назари мо, бештар моҳияти амалӣ дорад. Намояндагони мактаби иқтисодии неоинститутсионалӣ муносибатҳои иқтисодиро ҳамчун падидае муайян мекунанд, ки аз амалҳои ҳам ниҳодҳои расмӣ (санадҳои қонунгузорӣ, меъёр ва қоидаҳои муқарраркардаи давлат ва ғайра) ва ғайрирасмӣ (расму оинҳо, анъанаҳо, арзишҳои динӣ, ахлоқӣ ва миллӣ) бармеоянд. Ниҳод ҳамчун “маҷмуи ҳудудҳои расмии дар қонун муқарраршуда ва ғайрирасмии дар

---

[12] Саидмуродов, Л.Х. Таджикистан на пути национализации Целей Устойчивого Развития [Текст]/ Л.Х. Саидмуродов // Экономика Таджикистана. – Душанбе, 2017. -№ 2. - С.9-21.
[13] Рахимзода, Ш. Приоритетные направления экономической науки в реализации стратегических документов национального развития [Текст]/ Ш.Рахимзода // Таджикистан и современный мир. – Душанбе: «МТС», 2020. - № 5 (68). – С.32
[13.] Мирсаидов, А.Б. Место и роль общественного сектора в экономики Республики Таджикистан [Текст]/ А.Б. Мирсаидов //Экономика Таджикистана, 2016. - № 4. - С 36-42.

қонунҳои муқаррарӣ муайяншуда, ки ҳамкории фардҳоро дар муҳити иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ ташаккул медиҳанд”[15].

Аз ин рӯ, мо масъалаи неъматҳои ҷамъиятиро дар доираи ниҳодҳои расмӣ (дар Конститутсия, қонунгузории дар шакли хаттӣ дарҷшуда) ва ниҳодҳои ғайрирасмӣ (дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон) баррасӣ менамоем[16].

Аҳаммияти равиши мазкур чунин аст: якум, ин равиш ба субъектҳои хоҷагидор маҷмуи махсуси нақш ва муносибатҳои иҷтимоиро медиҳад, ки аз муҳити институтсионалӣ бармеоянд. Дуюм, масъалаи марказии ҳалталаб дар доираи иқтисодиёт дар маҷмуъ ташкил ва назорат мебошад ва на танҳо бо масъалаҳои тақсимоти захираҳо, тақсими даромадҳо ва раванди муайян кардани сатҳи умумии даромад, истеҳсол, шуғл ва нархҳо дар дохили низоми муайян маҳдуд мешавад. Ба ибораи дигар, равиши неоинститутсионалӣ на танҳо бо доираи бозор маҳдуд мешавад. Ба ақидаи ҷонибдорони равиши мазкур, механизми муосири тақсими захираҳо танҳо бо механизми бозор мувофиқат намекунад. Онҳо, инчунин, бо сохтори институтсионалии иқтисодиёт, ки бозори воқеиро ташкил медиҳад ва тавассути он амал мекунанд, алоқаи зич доранд. Ин равиш ба омӯзиши нуктаҳои зерин диққат медиҳад:

- раванд ва қувваҳое, ки таҳаввули ташкилотро идора мекунанд;
- назорат дар иқтисодиёт;
- ташкили ниҳодии бозор.

Вобаста ба ин, истеҳсоли неъматҳои ҷамъиятӣ аз низоми сиёсии ҷомеа, кишвар алоқаманд мебошад. Дар адабиёти иқтисодӣ дар бештари мавридҳо қайд карда мешавад, ки давлат ҳамчун мақомоти дастаҷамъӣ (ҷамъиятӣ) ҳамчун истеҳсолкунандаи асосии неъматҳои ҷамъиятӣ (коллективӣ) баромад мекунад. Аммо, ба андешаи мо, ин ҷо ҳудуди муҳимро байни истеҳсоли давлатӣ ва таъминоти давлатӣ бояд муқаррар намуд. Мафҳумҳои зикршударо

[15] Олейник, А.Н. Институциональная экономика: учебное пособие [Текст]/А.Н. Олейник. - М.: ИНФРА-М, 2000. - С. 188.
[16] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз с. 2007, № 6, мод. 428; с. 2008, № 6, мод. 488, с. 2010, № 7. мод 568. Қонуни ҶТ аз 28.08.2017 с., № 1461 [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj /content/ (санаи муроҷиат: 13.11.2019).

дар аксари маврид иваз мекунанд, ҳарчанде ки онҳо аз нуқтаи назари мантиқӣ ва татбиқӣ байни ҳам фарқ мекунанд.

Дар ин робита, Д.Стиглитс[17] ин ду равандро дар такя ба мисолҳои зерин таҳқиқ кардааст: давлат мудофиаи миллиро таъмин мекунад, аммо аксарияти молҳое, ки он барои мақсади мазкур харидорӣ мекунад, дар бахши хусусӣ истеҳсол карда мешаванд. Ҳукумат нисбати хизматрасонии почта монополия дорад, аммо он барои истифодаи почта маблағи пардохт меситонад, ки аз фаъолияти корхонаи хусусӣ фарқияти кам дорад. Аз ин рӯ, ба давлат табиати духӯра хос аст: аз як тараф, давлат неъматҳоро ба сифати монополист истеҳсол карда, онро шабеҳ бо ширкатҳои хусусӣ мефурӯшад ва аз тарафи дигар, ҳамчун мақомоти дастаҷамъӣ ба ҷомеа неъматҳоеро фароҳам меорад, ки рақобатнопазир ва (ё) беистисно мебошанд. Вобаста ба ин, дар фаъолияти давлат принсипи софи бозорӣ ва ғайрибозорӣ мавҷуд нест, яъне ба он шакли омехтаи фаъолият хос аст. Аммо пешниҳоди неъматҳои давлатӣ масъалаи асосӣ ё вазифаи давлат аст. Бинобар ин, давлат бояд эҳтиёҷот ва хоҳишҳои ҳама аъзоёни ҷомеаро ба назари эътибор гирад ва мақомоти ҳокимияти давлатии маҳаллӣ ин эҳтиёҷотро дар минтақаҳо ба назар гиранд. Инчунин, аз он тақозо мешавад, ки то кадом андоза мувофиқ будани тақсимоти эҳтиёҷоти мазкури иҷтимоиро муайян кунад.

Дар робита ба ин, Я. Корнай қайд мекунад, ки «вобаста аз он ки тасмими ҷудо кардан (тақсим кардан)-ро қабул мекунад, мо ду шакли асосии онро тасниф мекунем. Яке аз онҳо тақсимоти аз ҷониби истеҳсолкунанда амалишаванда мебошад - истеҳсолкунандаи маҳсулот ё хизматрасонии мустақилона тасмими тақсими маҳсулоти худро дар байни истифодабарандагони эҳтимолӣ ба ҷо меорад, аммо инро мутобиқи нархҳои пешниҳодшудаи талабот иҷро намекунад. Шакли дуюм - тақсимоти маъмурӣ мебошад. Масалан, вазорат муайян менамояд, ки корхонаи истеҳсолкунанда маҳсулоти худро ба кадом хоҷагии хонаводагӣ диҳад. Ҳамин тариқ, дар ин ҷо

[17] Стиглиц, Дж. Экономика государственного сектора: пер. с англ. [Текст]/Дж. Стиглиц. - М.: ИНФРА-М, 1997. - С.154.

истеҳсолкунанда ва тақсимкунанда ҳам дар доираи ташкилӣ ва ҳам бо сабабҳои рафтор ба ҳам мувофиқат надоранд”[18].

Дар чунин шароит, дар ҷараёни тақсими неъматҳо якчанд аломатҳои муайянкунанда истифода бурда мешаванд ва дар байни онҳо набояд нархи талабот мавҷуд бошад. Тақсимот бояд бо аломатҳои ғайринархӣ амалӣ карда шавад, яъне ҳангоми тақсимоти неъматҳои давлатӣ афзалият ба аломатҳои ғайринархӣ дода мешавад. Тибқи андешаи Я.Корнай, аломатҳои дар амал бештар истифодашавандаи зеринро номбар кардан мумкин аст:

а) дараҷаи эҳтиёҷ;

б) шоиста будан;

в) мақоми иҷтимоӣ;

г) пайдоиш;

д) афкори сиёсӣ;

е) коррупсия ва ғайра.

Аммо ин аломатҳо баҳснок ба назар мерасанд (ҳангоми тақсимоти неъматҳои истеъмолӣ ба назар гирифтани пайдоиш, шоистагӣ, мавқеи иҷтимоӣ ва ғайра баҳсноканд), аммо амалия шаҳодат медиҳад, ки ягон ҷомеае вуҷуд надорад, ки дар он ҳангоми тақсимоти неъматҳои ҷамъиятӣ аломатҳои зикршуда ягон нақш надошта бошанд. Бинобар ин, омӯзиши тафовути дараҷаи аҳаммияти аломатҳои мазкур муҳим арзёбӣ мешавад. Бояд муайян карда шавад, ки:

- интихоб аз рӯйи ин аломатҳо то кадом андоза шаффоф ва ошкоро аст;

- маҳз кӣ тақсимотро амалӣ менамояд, зеро таъсири омили субъективӣ возеҳ аст;

- мундариҷаи мушаххаси аломатҳои инфиродӣ ва ғайра дар чист.

Барои тасдиқи тахминҳои мазкур як мисоли одӣ - дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти олиро баррасӣ менамоем. Тавре ки маълум аст, қабули довталабон набояд аз маблағи пешниҳодкардаи ӯ барои таҳсил, яъне аз нархи талабот, балки бояд аз холҳои гирифтаи довталаб ва озмун ҳангоми

[18] Корнай, Я. Дефицит. Пер с венгерского Березиной С., Булаха С. [Текст]/Я.Корнай. - М: Наука, 1990. - С.442.

имтиҳонҳои дохилшавӣ вобаста бошад. Аммо дар ин мисол омили мавқеи иҷтимоии оила, робитаҳо, ришва ва ғайра ҷой дорад. Аз ин рӯ, мундариҷаи мушаххаси аломатҳое, ки ҳангоми тақсимот истифода мешаванд, аз хусусиятҳои низоми ташаккулёфтаи муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ё низоми ҷамъиятӣ-иқтисодӣ вобаста аст. Маҳз "бо ҳамин сабаб баҳодиҳии "аз сиёсат озод"-и тақсимот танҳо аз мавқеи иқтисодӣ ё технократӣ ғайриимкон аст"[19].

Акнун ба таҳлили аломати аввал - дараҷаи эҳтиёҷ таваҷҷуҳ меандозем. Мушоҳидаҳо далолат мекунанд, ки вобаста ба дараҷаи эҳтиёҷот давлат нақшаи тақсимотро асосан дар соҳаи тандурустӣ, манзил, инчунин, дар соҳаи тақсимоти озуқаворӣ ҷорӣ мекунад (вақте ки кишвар дар зинаи нисбатан пасти рушди иқтисодӣ қарор дорад). Дар ин маврид аломати эҳтиёҷ ҳамчун аломати интихоб ба мавқеи пеш мебарояд. Зарурати қонеъ кардани ниёзҳои асосии муқаррарии ҳама аъзоёни ҷомеа, таъмини онҳо бо ҳадди ақали озуқаворӣ, манзил, хизматрасонии тиббӣ ва маориф татбиқи принсипи тақсимоти "ба ҳар кас мувофиқи эҳтиёҷоти ӯ"-ро тақозо мекунад. Дар ин гуна ҳолат, неъматҳои софи ҷамъиятии аз ҷониби давлат пешниҳодшуда дар асоси аломатҳои ғайринархӣ тақсим карда мешаванд ё истеъмоли онҳо аз истеъмолкунанда хароҷоти бевоситаи шахсиро талаб намекунад. Ба таври умумӣ, дар аксари мавридҳо ғайриимкон будани истеҳсоли онҳо дар бахши хусусии иқтисодиёт ҳамчун аломати муайянкунандаи неъматҳои софи ҷамъиятӣ баромад мекунад. Субъектҳои бахши хусусӣ барои таъмини онҳо имкон надоранд, зеро хароҷоти онҳо барои истеҳсоли неъматҳои мазкур бо фоида пӯшонида намешаванд. Ғайр аз ин, агар истеъмолкунандагон имконияти пардохти ин гуна хизматрасониҳоро дошта бошанд, аммо доираи ин истеъмолкунандагон хеле маҳдуд мешавад. Бинобар ин, дар аксар мавридҳо, неъматҳои софи ҷамъиятӣ объекти мубодила ё ашёи хариду фурӯш буда наметавонанд. Аммо, ҳамзамон, дар низоми иқтисодӣ транзаксияҳои тиҷоратӣ ё аҳдҳо оид ба неъматҳои ҷамъиятӣ ва мутаносибан гирифтани фоида вуҷуд доранд. Дар ин маврид фоида ҳамчун сабаби асосии водоркунандаи фаъолияти сохторҳои давлатӣ баррасӣ карда намешавад ва

---

[19] Корнай, Я. Дефицит. Пер с венгерского Березиной С., Булаха С. [Текст]/Я.Корнай. - М: Наука, 1990. - С.444

фоидаи бадастомада танҳо барои рушди ин ташкилотҳо истифода мешавад. Аз ин рӯ, аксарияти корхонаҳои бахши давлатиро ташкилоти ғайритиҷоратӣ меноманд.

Тавре ки дар боло зикр гардид, дар бахши ҷамъиятии иқтисод фаъолияти давлат мавқеи аввалиндараҷа дорад, аз ин рӯ, ин бахшро аксар вақт давлатӣ меноманд. Аммо ин шабоҳат “тахминӣ” аст, зеро рафтори иқтисодии ташкилоти ҷамъиятӣ дар бахши давлатӣ чунин аст:

Аз як тараф, онҳо ҳамчун сохтори худидоракунанда аксар вақт таҳти назорати давлатӣ қарор надоранд ва аз ҷониби давлат маблағгузорӣ карда намешаванд. Аз ин рӯ, фаъолияти онҳо аз рӯйи нишонаҳо ба корхонаҳои бахши хусусӣ шабоҳат дорад, ки онҳо тибқи принсипҳои тиҷоратӣ, тартиби худтанзимкунӣ ва худидоракунӣ фаъолият менамоянд. Аз тарафи дигар, муассисаҳои давлатӣ ба монанди ташкилоти ҷамъиятӣ, қабл аз ҳама, ба қонеъ сохтани талаботи ҷамъиятӣ самтгузорӣ шудаанд. Самти мазкур фаъолияти онҳоро ба ҳамдигар монанд мекунад. Ғайр аз ин, бахши ҷамъиятии иқтисодиёт назар ба бахши давлатӣ мафҳуми васеътар дорад. Бахши ҷамъиятӣ аз инҳо иборат аст:

- бахши давлатӣ;
- бахши ғайритиҷоратии иқтисодиёт;
- бахши тиҷоратии иқтисодиёт, ки неъматҳои корпоративиро ба вуҷуд меорад: неъмати умумӣ барои корпоратсия хусусияти дуҷонибаи ҳуқуқӣ дорад, зеро манфиати хусусӣ, ки аз рӯйи моҳияти худ хусусӣ аст, якҷоя бо ин манфиати ҷамъиятиро низ дорад.
- ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ нисбати риояи Конститутсия дар ҳифзи ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳрвандон.

Самараи мусбати беруна (внешний положительный эффект) яке аз муҳимтарин хусусиятҳои истеҳсол ва истеъмоли неъматҳои ҷамъиятӣ мебошад. Самараи беруна на танҳо ба фазои фаъолият, ки бо неъмати ҷамъиятӣ фаро гирифта шудааст, таъсир мерасонад, балки инчунин, ба он ашхос, гурӯҳи одамоне, ки берун аз ин низом қарор доранд ва ё аз ин фаъолият дур ҳастанд,

таъсир мерасонад. Маҳз дар шароити мазкур масъалаи хориҷ кардани шахсони бегонае, ки бе пардохт кардани он аз самараи мусбати берунаи неъмати ҷамъиятӣ баҳра мебаранд, ба миён меояд. Ҳаллу фасли ин зуҳурот кори душвор аст.

Чӣ тавре ки дар боло зикр гардид, таъсири берунаи неъматҳои омехтаи ҷамъиятӣ самти мусбат ё манфӣ дорад. Онҳо ба доираи амали бозор дохил шуда, объекти муомилоти бозорӣ мебошанд: онҳо аз рӯйи моҳият неъматҳои муздноканд. Аммо, дар тафовут аз неъматҳои одии хусусӣ дар ин ҷо таъсири манфии бозор (дар истеҳсол ва истеъмоли неъматҳои омехтаи ҷамъиятӣ) аз ҷониби давлат ислоҳ карда мешавад. Масалан, бо истифодаи воситаҳои андозӣ ислоҳ ворид карда мешавад: андозҳои махсус истифода (масалан, аксизҳо) ва дар сурати натиҷаҳои мусбат ҳосил шудан, механизми додани субсидия истифода мешавад.

Пешгирии истифодабарии ройгони неъматҳои ҷамъиятии миллӣ ё маҳаллӣ, инчунин, тавассути маҷбурсозии давлатӣ тавассути ҷамъоварии андозҳо ба манфиати ҳамаи аъзоёни ҷомеа ба роҳ монда мешавад. Ҳамин тариқ, равиши иҷтимоӣ-ҳатмӣ баҳри ташаккули воситаҳои истеҳсоли неъматҳои софи ҷамъиятӣ тавассути андозбандии ҳатмӣ, мувофиқати шаклҳои давлатӣ ва ҷамъиятии ташкил намудани таъмин ва истифодаи неъматҳои мазкур аломати муҳим ва хусусияти неъматҳои ҷамъиятӣ мебошад.

Дар маҷмуъ, амалия нишон медиҳад, ки неъматҳои ҷамъиятӣ дар шакли соф кам ба мушоҳида мерасанд. Аксари онҳо неъматҳои омехта мебошанд, ки на ба гурӯҳи неъматҳои ҷамъиятӣ ва на ба неъматҳои соф пурра дохил мешаванд. Нисбати неъматҳои омехта истисноҳои маҳдуд ва рақобат имконпазир аст. Зеро неъматҳои мазкур аз ҷониби ташкилоти хусусӣ ҳам пешниҳод шуда метавонанд. Аммо ҳаҷми он бо сабаби дастнорас будани онҳо ба ашхоси дорои даромади кам метавонад нокифоя бошад, бинобар ин, набудани ин неъматҳо аз ҷониби давлат ҷуброн карда мешавад. Масалан, манфиат аз истифодаи хадамоти маориф ба таври ҷиддӣ хусусияти инфиродӣ ва тақсимшаванда дорад.

Усули тақсимот, таъминот ва аз ҷониби давлат пешниҳод шудани неъматҳои ҷамъиятӣ шакли омехта дорад: меъёрҳои интихоби ғайринархӣ ва интихоби нархӣ истифода мешаванд. Дар шароити мазкур таъминот ба як субъект нисбат ба субъекти дигар бартарият дорад ва аз ин рӯ, аз нав тақсим кардани даромад ва неъматҳоро байни фардҳо ифода мекунад. Ин ҷо мушоҳида кардан мумкин аст, ки тақсимот ва аз нав тақсим кардан бо ҳам рақобат менамоянд: ҳар қадаре ки таъсири нархи неъмат ба рафтори харидорон ва фурӯшандагон кам бошад, ҳамон қадар тақсимоти бозор бо тақсимоти ғайрибозорӣ иловатан пурра карда мешавад ё иваз карда мешавад.

Муқаррароти мазкур (вобаста ба пешниҳод ва тақсимоти неъматҳои ҷамъиятӣ) боиси пайдо шудани масъалаи ҷустуҷӯи усули муайянкунии сохтор ва миқдори самарабахши ин неъматҳо мегардад. Ин ҳам аз шароити захираҳои маҳдуд дар ҳар лаҳза ва ҳам аз рақобати мақсадҳои субъектҳои хоҷагидорӣ бармеояд. Ҷустуҷӯи усули зикршуда бо ду ҳолат мураккаб мегардад:

а) мавҷуд будани фарқият дар баҳогузории аъзоёни ҷомеа, шахсони алоҳида ба судмандии неъматҳои ҷамъиятӣ;

б) шакли ғайримолии онҳо, мутаносибан, онҳо нарх надоранд ва муносибатҳои вобаста ба истеъмоли онҳо дар хароҷоти шахс мустақиман ифода карда намешаванд. Аммо ифодаи ин масъала шубҳаовар аст: аз як тараф, меъёри нархҳои бозорӣ имкон намедиҳад, ки миқдори муносиби неъматҳои ҷамъиятӣ муайян карда шавад ва аз ҷониби дигар, пешниҳоди неъматҳои мазкурро аз ҷониби давлат муносиб гардонидан ғайриимкон аст, зеро маҳдудияти мазкур (муносибгардонӣ)-и миқдорӣ ба маҳдудкунии нархӣ баробар аст, бинобар ин, имконияти муносибгардонии миқдории онҳо тавассути низоми нархҳо сурат мегирад.

## 1.1. Таснифи хусусияти неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ

Неъмати ҷамъиятӣ, бахусус неъмати софи ҷамъиятӣ шароит ва омили рушди иқтисоди миллиро тавассути ангезиш додани омилҳои иҷтимоии рушди

иқтисодӣ таъмин менамояд. Чӣ тавре ки дар параграфи аввал зикр шуд, ба неъмати софи ҷамъиятӣ ду хусусияти асосӣ (меъёр) - рақобатнопазир будан ва истисноӣ набудан[20] хосанд, ки барои онро аз неъмати алтернативии хусусӣ ҷудо кардан имкон медиҳанд. Бори дигар қайд менамоем, ки рақобат надоштан (мувофиқ будан, интихоб надоштан, рақобат накардан) ба неъмати ҷамъиятӣ маънои онро дорад, ки истеъмоли он аз ҷониби як шахс истеъмоли шахси дигарро истисно намекунад. Истисно нашудани (тақсимнопазирии) моли ҷамъиятӣ маънои онро дорад, ки истеъмоли мол аз ҷониби як шаҳрванд шаҳрвандони дигарро аз истеъмол хориҷ намекунад.

Неъмати софи хусусӣ ва неъмати софи ҷамъиятӣ ба қутбҳои бениҳоят дури миқёси неъматҳои иқтисодӣ шабоҳат доранд, ки ҷойгиршавии онҳо ба як қутби муайян аз рӯйи зиёд будани хусусиятҳои неъматҳои хусусӣ ё ҷамъиятӣ муайян карда мешавад. Чӣ тавре ки дар зерфасли қаблӣ зикр кардем, дар ҳаёти воқеӣ асосан мувофиқати ин ҳудудҳо вуҷуд дорад, ки он дар неъматҳои омехтаи ҷамъиятӣ зоҳир ё инъикос меёбанд.

Ба неъматҳои омехта дараҷаи мухталифи истисно шудан ва қисман кам шудан хос аст (яъне ҷараёни истеъмоли онҳо коҳиш меёбанд). Дар асл бошад, неъматҳои омехта дар тафовут аз неъмати софи ҷамъиятӣ неъмати ҷамъиятии истисноӣ аст. Ботафсил хусусиятҳои зерини онро чунин тавсиф кардан мумкин аст:

- истеъмоли муштарак бо интихоб ва инчунин, имкони интихоб дар истифодаи он;
- камшавӣ ҳангоми истеъмол, яъне дар ҷараёни истеъмол он кам мешавад;
- хислати музднокӣ, яъне объекти хариду фурӯш мегардад.

Дар амал бошад, аз ҳама бештар неъмати ҷамъиятӣ дар шакли неъматҳои омехта вомехӯрад. Он то сатҳи муайян, яъне ба ном ҳадди ҳудудӣ ғайриистисно

[20] Неконкурентность (совместность, неизбирательность, несостязательность) общественного блага означает, что его потребление одним человеком не исключает потребления другим человеком. Неисключаемость (неделимость) общественных благ означает, что потребление благ одним гражданином не исключает из потребления других граждан. Различают техническую невозможность и экономическую нецелесообразность исключения из потребления общественных благ.

мемонад. Берун аз ҳудуди ин сатҳ тадриҷан норасоии неъмати мазкур барои ҳама оғоз меёбад. Ба ибораи дигар, пас аз сатҳи ҳудудӣ раванди истисно кардани истеъмоли дигарон оғоз мешавад: имконияти истеъмоли чунин неъмат аз ҷониби дигарон коҳиш меёбад. Масалан, судмандии истифодаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии мавҷуда ва пешниҳоди хизматрасонии таълимӣ дар ҷумҳурӣ то сатҳи муайян барои ҳамаи истеъмолкунандагон якхелу баробар боқӣ мемонад.

**Диаграммаи 1.2.1. Шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва шумораи хонандагон дар давраи солҳои 2014-2022**




**Сарчашма:** Маҷмуаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. - С.45.

Аммо дар даврае, ки истеъмолкунандагони нав пайдо мешаванд (ҳангоми афзудани шумораи кӯдакон), аз як лаҳзаи муайян, масалан, ҳангоми истифодаи синфҳо дар мактабҳо норасоии ҷойҳои нишаст барои хонандагон ба назар мерасад. Дар айни замон падидаи мазкур дар ҷумҳурӣ, махсусан дар минтақаҳои деҳоти ҷумҳурӣ зиёд ба мушоҳида мерасад.

Масалан, дар давраи солҳои 2014-2021 шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар ҷумҳурӣ ба 113 адад ё 2,9% афзудааст. Шумораи хонандагон бошад, дар давраи баррасишаванда ба 479,8 ҳазор нафар ё 27,9% зиёд шуд. Агар дар соли 2014 ба ҳисоби миёна дар як муассиса 447 нафар рост ояд, пас ба ҳар як воҳиди муассисаҳои афзуда 4246 нафар хонанда рост меояд. (479,8/113).

Ин аз афзоиши босуръати шумораи хонандагон дар муқоиса бо шумораи сохтмони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ далолат мекунад ва аз ин рӯ, нарасидани ҷойҳои хонанда дар мактабҳо ба мушоҳида мерасад. Дар ин ҳолат, неъмати изофии ҷамъиятӣ - хизматрасонии маориф то ҳадди муайян хусусият ва аломатҳои неъмати софро соҳиб буд ва дастрасӣ ба он барои ҳама аъзоёни ҷомеа бемузд буд.

Дар мавриде, ки эҳтиёҷ аз сатҳи муқаррарӣ ё мутаносиб болотар шавад, неъмати мазкур хусусият ва аломатҳои неъмати шахсии музднокро ба худ қабул мекунад. Он волидоне, ки даромади пулии хуб доранд, омодаанд барои таҳсили фарзандони худ дар мактаби миёнаи хусусӣ, литсей ё гимназия маблағ пардохт кунанд.

Ҳамин тариқ, мавҷудияти имкониятҳои дигар мушкилоти бавуҷудомадаро ҳал карда метавонад. Ба ибораи дигар, мавҷудияти неъматҳои изофии ҷамъиятии музднок пешниҳод ва талаботро ба танзим медарорад, ки истифодаи оқилонаи заминаи моддӣ-техникии истеҳсоли ин намуди неъматро таъмин намуда, барои нигоҳдорӣ ва сифати баланди хизматрасонии онҳо имкон медиҳад.

Гурӯҳи неъматҳои ҷамъиятӣ, инчунин, бо назардошти меъёрҳои таъсири беруна (экстерналӣ) истеҳсол карда мешаванд. Таъсири беруна метавонад ҳам самараи мусбат, масалан, самараи баланд бардоштани сатҳи маърифати аҳолӣ, мустаҳкам намудани саломатӣ, рушди илму фарҳанг ва ғайра, ҳамчунон ва ҳам самараи манфӣ дошта бошад, ба мисли, зарар ба муҳити зист ва солимии инсон вобаста ба воридкунии истеҳсолот ва технологияҳои номукаммали экологӣ. Ин самараҳо, ҳамзамон, аз рӯйи ҳаҷм ва давраи амали таъсири худ гуногун мебошанд. Бо назардошти миқёс ва давраи таъсир намудҳои зерини неъматҳои ҷамъиятии гуногунро тасниф кардан мумкин аст:

а) неъмати софи ҷамъиятӣ, ки самараи таъсири берунаи он аҳаммияти миллӣ ва байналмилалӣ дорад (масалан, кашфиёт дар соҳаи илми заминавӣ, шоҳкориҳои ҷаҳонии адабиёт ва фарҳанг, алоқаи моҳворай ва ғайра);

б) неъмати ҷамъиятии дорои самараи таъсири минтақавӣ (масалан, радио ва телевизиони маҳаллӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқи шаҳр, дастаҳои оташнишонӣ, иншоотҳои фароғатӣ ва ғайра).

Самараи беруна метавонад бо неъмати истисношаванда (музднок)-и истеъмоли муштарак мувофиқат кунад. Вобаста ба ин, низоми неъматҳои ҷамъиятӣ ба (1) неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ва (2) неъматҳои (хизматрасониҳо)-и соҳаҳо бо инҳисории табиӣ тасниф карда мешаванд. Неъматҳои муҳимми иҷтимоиро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Маориф, соҳаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва тандурустӣ, ки самараи баланди иҷтимоӣ доранд, ба неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ дохил мешаванд. Истеъмоли ин неъматҳо, пеш аз ҳама, вобаста ба ҳадафҳои сиёсӣ ё иҷтимоии ҷомеа зарур ва матлуб маҳсуб мешавад. Ғайр аз ин, неъматҳои мазкур ба доираи эҳтиёҷоти якумдараҷа, яъне эҳтиёҷоти ҳаётан муҳим дохил карда шудаанд. Бинобар ин, барои неъматҳои мазкур принсипи истисно шудан ба осонӣ муқаррар шуда, вобаста ба ин, истеҳсол ва таъминоти он дар заминаи механизми бозор ташкил карда мешавад. Аммо, низоми бозор, яъне субъектҳои бахши хусусӣ ба ин манфиатдор нестанд ва онҳоро ба миқдори кофӣ истеҳсол нахоҳанд кард. Аз ин рӯ, ҳукумат истеҳсолот ё маблағгузории онҳоро ба зиммаи худ мегирад, то ки ба пайдоиши эҳтимолии тақсимоти ками захираҳо ба ин соҳа роҳ надиҳад. Ба ибораи дигар, вобаста ба он ки ин неъматҳо барои ҷомеа таъсири назаррас доранд, давлат истеҳсоли онҳоро ба зиммаи худ мегирад[21].

Масалан, хизматрасонии тиббӣ неъмати аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим маҳсуб меёбад, истеҳсол ва пешниҳоди хизматрасонии мазкурро метавон дар заминаи механизмҳои бозорӣ ташкил намуд. Ин талаботи аслан воқеии аҳолӣ аст. Аммо тибқи принсипҳои бозор, танҳо онҳое, ки хизматрасониро пардохт карда метавонанд, аз хадамоти тиббӣ ва хидматрасонӣ истифода мебаранд. Масалан, дар ҷумҳурӣ ҳаҷми хизматрасонии муздноки тиббӣ дар давраи аз соли 2015 то соли 2020 беш аз 1,8 маротиба афзоиш ёфтааст.

[21] Подобные товары и услуги иногда называют *квазиобщественными* (условно государственными) *благами*

Тибқи маълумоти дар ҷадвали 1.2.1. овардашуда афзоиши ҳаҷми хизматрасонии музднoки муассисаҳои давлатии соҳаи тандурустӣ нисбат ба ҳаҷми хизматрасонии бахши ғайридавлатӣ назаррас аст. Зеро айни замон дар ҷумҳурӣ ҳиссаи моликияти давлатӣ дар ин соҳа афзалият дорад ва табиист, ки онҳо, пеш аз ҳама, барои татбиқи манфиатҳои кормандони соҳаи тиб истифода мешаванд. Рушди соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи солимии аҳолӣ, ки яке аз бахшҳои муҳим мебошад, минбаъд низ ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон боқӣ мемонад.

Тайи 30 соли истиқлоли давлатӣ ҷиҳати беҳтар намудани солимии сокинони кишвар ва ба роҳ мондани фаъолияти самарабахши ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ усулҳои муосири ташхису табобат роҳандозӣ гардида, неруи зеҳнии соҳа ва инфрасохтори муассисаҳои тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ таҳким ва тавсеа пайдо кард. [22]

Афзоиши ҳаҷми хизматрасонии музднoки тиббӣ ба афзоиши даромади пулии аҳолӣ вобаста аст. Дар давраи аз соли 2015 то 2020 даромади пулии аҳолӣ 2,5 маротиба, ҳаҷми пасандозҳо - 1,6 маротиба ва даромади воқеии як корманд - 2,6 маротиба зиёд шудааст.[23]

Дар мамлакат мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасониҳои нигаҳдории тандурустии давлатӣ ройгон мебошад. Дар моддаи 38-и Конститутсия қайд карда шудааст, ки “шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун аз ёрии тиббии ройгон дар муассисаҳои нигаҳдории тандурустии давлатӣ истифода менамояд”[24]. Аммо, бинобар вуҷуд доштани маҳдудияти захираҳои буҷети давлатӣ афзоиши хизматрасонии музднoки тиббӣ мушоҳида мешавад, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ чандон ба мақсад мувофиқ нест. Зеро, на ҳама шаҳрвандон қобилияти пардохтпазирӣ доранд. Дар натиҷа ин ба саломатии миллат зарар расонида метавонад. Аз ин рӯ, дар аксарияти

---

[22] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 21.12.2021, шаҳри Душанбе. - С.29

[23] Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ маҷмӯаи оморӣ. - Душанбе, 2021. - С.191-201.

[24] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [манбаи электронї] URL: http://prezident.tj/ru/taxonomy/term/5/112 (санаи муроҷиат: 03.03.2021)

кишварҳои мутараққии дорои иқтисоди бозорӣ суғуртаи ҳатмии тиббӣ ҷорӣ карда шудааст, ки он аз ҳисоби маблағгузориҳои давлатӣ амалӣ карда мешавад.

**Ҷадвали 1.2.1. - Суръати афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои музднoки тиббӣ ва осоишгоҳӣ-солимгардонӣ аз рӯйи шакли моликият (млн сомонӣ)**

| | 2015 сол | 2016 сол | 2017 сол | 2018 сол | 2019 сол | 2020 сол | 2021 сол | Соли 2021 бо % нисбат ба соли 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ хизматрасонии тиббии музднок** | 371,0 | 402,9 | 447,1 | 490,7 | 628,9 | 687,9 | 826,6 | 222,8 |
| *аз он ҷумла: моликияти давлатӣ* | 105,9 | 137,1 | 152,2 | 185,0 | 242,1 | 217,8 | 277,9 | 262,4 |
| *моликияти ғайридавлатӣ* | 265,1 | 266,8 | 294,9 | 305,7 | 306,8 | 461,1 | 548,7 | 206,9 |
| **Осоишгоҳӣ-солимгардонӣ** | 47,3 | 38,8 | 43,4 | 48,1 | 63,7 | 29,7 | 42,0 | 88,7 |
| *аз он ҷумла: моликияти давлатӣ* | 26,1 | 21,1 | 21,6 | 24,7 | 26,6 | 13,9 | 19,2 | 73,5 |
| *моликияти ғайридавлатӣ* | 21,2 | 17,7 | 24,8 | 23,4 | 37,1 | 15,9 | 22,8 | 107,5 |

**Сарчашма:** Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022. - С – 358.

Чӣ тавре ки маълумоти ҷадвали 1.2.1. нишон медиҳад, дар мамлакат дар давраи солҳои 2015-2021 ҳаҷми хизматрасонии тиббии пулакӣ беш аз 122,8% афзудааст. Ҳарчанд ҳиссаи хизматрасониҳои тандурустии давлатӣ дар ҳаҷми умум зиёд нест, аммо сурати рушди он баланд аст, дар давраи таҳлилӣ беш аз 2,6 маротиба зиёд шудааст. Ин аз тамоюли мусбии давлати иҷтимоӣ шаҳодат медиҳад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар дилхоҳ кишвар дар ҷараёни истифодаи неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим мушкилоте ба миён меояд, ки бо вайрон кардани мустақилияти истеъмолкунандагон вобаста аст. Ин мушкилот бо сабабҳои зерин ба вуҷуд меояд:

- иттилооти маҳдуди субъектҳо оид ба истеҳсол ва пешниҳоди неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим;
- сатҳи нокифояи маърифати истеъмолкунандагон, аъзои ҷомеа, андозсупорандагон;

- сатҳи пасти масъулияти шаҳрвандӣ.

Вайрон кардани принсипи иттилоот доштан дар иқтисоди бозорӣ ва мавҷудияти зуҳуроти мухолифати агентҳо дар ҳама неъмату хизматрасониҳои иҷтимоӣ мушоҳида мешавад. Аммо дар бештари мавридҳо он ба неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим зиёдтар таъсир мерасонад, чунки дар шароити моҳияти иҷтимоӣ доштани истеъмол, душвории муайян кардани нишондиҳандаҳои сифатӣ, инчунин, сатҳи таъсири мустақим ба саломатӣ ва амнияти одамон ба вуҷуд меояд. Пешгирии ин гуна зухурот тариқи таъмини сатҳи дастрасии оммавии иттилоот имконпазир аст: беҳтар аст, ки он ройгон бошад, то ки он ба неъмати ҷамъиятӣ табдил ёбад. Дарвоқеъ, маҳсули иттилоотӣ неъмати ҷамъиятӣ мебошад.

Азбаски маҳсулоти иттилоотӣ, пеш аз ҳама, ғоя ва маҳсули фаъолияти шахси мушаххас аст, худи ӯ аввалин истеъмолкунандаи ин маҳсулот мебошад.

Дар натиҷаи дастрасии оммавии иттилоот шумораи истеъмолкунандагони ин маҳсулот зиёд ва хусусиятҳои неъмати ҷамъиятиро соҳиб мешавад. Шиддатнокии истифодаи он бо омилҳои зерин муайян карда мешавад:

***Якум***, талаботи ҷомеа ба иттилоот дар ҷомеа воқеан вуҷуд дорад. Дар ҳама шароити баробар, ҳар қадаре, ки сатҳи он баланд бошад, ҳамон қадар шумораи истеъмолкунандагони иттилоот зиёдтар мешавад. Аммо маҳсули иттилоотӣ, пеш аз ҳама, бояд ба дониш такя кунад, дар ҳолати акс он чандон аҳаммият надорад ва эҳтимолияти табдил ёфтани он ба неъмати ҷамъиятӣ ночиз мебошад.

***Дуюм***, дар шароити иқтисоди бозорӣ рафтори аҳолӣ ба қолаби «инсони иқтисодӣ» ё қолаби «агенти бозор» хеле монанд мешавад. Аз ин рӯ, истеъмоли иттилоот музднок аст ва аз ин рӯ, озод нест. Агар ҳамаи аъзоёни ҷомеа омода бошанд, ки маълумоти дар онҳо бударо ба шахсони дигар ройгон (мутобиқ ба шакли ғайрибозорӣ) диҳанд, он гоҳ истеъмоли иттилоот бемузд мегардад ва шумораи истеъмолкунандагон нисбат ба ҳолати қаблӣ зиёдтар мешавад.

***Сеюм***, ба шумораи истеъмолкунандагони маҳсулоти иттилоотӣ *сатҳи хароҷоти транзаксионӣ вобаста ба интиқоли иттилоот* таъсир мерасонад.

Агар маҳсули иттилоотӣ ба дониш вобаста бошад ва бемузд аз як шахс ба шахси дигар интиқол шавад, он барои баъзе аъзоёни ҷомеа муваққатан дастнорас мешавад, зеро интиқоли иттилоот сарфи вақти муайян ва захираҳои моддиро талаб мекунад. Ҳар қадаре, ки ҳаҷми умумии транзаксияҳо дар ҷомеа баланд бошанд, ҳамон қадар дар шароити дигар миқдори истеъмолкунандагони маҳсули иттилоотӣ, новобаста аз он ки хароҷот аз ҷониби кӣ амалӣ мешавад, камтар аст.

Бо рушди технологияҳои иттилоотӣ сатҳи хароҷоти трансаксионӣ барои интиқоли иттилоот тадриҷан паст мешавад ва ин омил ба шумораи истеъмолкунандагони маҳсулоти иттилоотӣ торафт таъсири кам мерасонад.

Вақте ки инсон савияи пасти маърифатӣ ва маълумоти маҳдуд дорад, шахс интихоби дурустро иҷро карда наметавонад. Бинобар ин, давлат бояд ба рафтор ва ниятҳои одамон таъсир расонад, алалхусус вақте ки зуҳуроти тамоюлҳои бадшавии сохтори афзалиятҳои инфиродиро нишон медиҳанд, мушоҳида мешавад. Масалан, одамон ба *неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ зараровар* (тамоку, машрубот, маводи нашъадор) ва истеъмоли нокифояи *неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим* майл доранд. Дар чунин ҳолат, зарурати вайрон кардани мустақилияти истеъмолкунандагон ба вуҷуд меояд. Барои баланд бардоштани сатҳи дониши аъзоёни ҷомеа, давлат истеъмолкунандагонро ба соҳиб шудан ба маълумоти миёнаи ҳатмӣ, эмкунии оммавӣ, муоинаи ҳарсолаи тиббӣ ва ғайра ҳавасманд менамояд.

Неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим маҳз ба туфайли самараи мусбати беруна неъматҳои омехта мебошанд. Аз рӯйи моҳият неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ табиати баҳснок доранд, ки асоси он пайдоиши мушкилот байни афзалиятҳои иҷтимоии инфиродии ҷорӣ ва афзалиятҳои дарозмуддати ҷамъиятӣ оид ба истеъмол ва истифодаи онҳо асос мебошанд. Аз ин рӯ, давлат кӯшиш мекунад, ки мушкилоти мазкурро ба манфиати афзалиятҳои ҷамъиятӣ ва муқаррар намудани тартиби ҳатмии истеъмоли неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ҳал намояд. Масалан, дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон ба тариқи қонунҳои конститутсионӣ таълими ҳатмии умумӣ ҷорӣ карда шуда, сатҳи ҳатмии ҳифзи

саломатӣ ва амнияти иҷтимоӣ муқаррар карда шудааст. Мутобиқи моддаи 41 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Ҳар шахс ҳуқуқи таҳсил дорад. Таълими умумии асосӣ ҳатмист. Давлат таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад. Ҳар кас дар доираи муқаррарнамудаи қонун метавонад дар муассисаҳои таълимии давлатӣ маълумоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад.” Мутобиқи моддаи 38 “Ҳар шаҳрванд ба ҳифзи саломатӣ ҳуқуқ дорад. Ҳар шаҳрванд дар доираи муқаррарнамудаи қонун аз кӯмаки тиббии ройгон дар муассисаҳои давлатии тиббӣ истифода мебарад”[25].

Давлат озодиҳои истеъмолкунандагонро бо мақсади ҳифз аз худашон маҳдуд мекунад. Масалан, ҳангоми озодии интихоби истеъмолкунанда, ҳеҷ гуна кафолате вуҷуд надорад, ки як қисми аҳолӣ маблағҳои худро ба ҷойи таҳсилот ва неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ба истеъмоли ҷорӣ сарф накунанд. Ба ибораи дигар, давлат сифатҳои патерналии (ҳифзкунанда)-и худро нишон дода, рафтори ғайриоқилонаи истеъмолии аъзоёни ҷомеаро нарм мекунад ва барои фароҳам овардани шароитҳое, ки дастрасии баробарро ба манфиатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим таъмин мекунанд, чораҳо меандешад. Аммо дар баробари ин, бо васеъ шудани доираи неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ, бо воридшавии пардохтҳои трансфертӣ ва дигар тадбирҳо ба ин соҳа, хавфи ба вуҷуд омадани падидаҳои манфии патерналистиро (патернализм аз калимаи лотинӣ paternus, моҳияти падарона, сарпарастиро) дорад. Д.Стиглитс дуруст қайд мекунад, ки дар шароите, ки давлат ба зиммаи худ ҳаҷми калони масъулияти патерналистиро мегирад, як гурӯҳи шаҳрвандон тавассути сохторҳои қудратӣ метавонанд ирода ва афзалиятҳои худро ба дигар табақаҳои аҳолӣ сарборӣ кунанд. Илова бар ин, мушкилии патернализми давлатӣ[26] дар он аст, ки он дар заминаи амалҳои авторитарӣ асос ёфтааст. Дар чунин шароит моҳияти неъматҳои мазкур ҳамчун воситаи рӯпӯшкунии ифодаи иродаи агентҳои

---

[25] Конститутсияи Ҷумхурии Тоҷикистон [манбаи электронї] URL: http://prezident.tj/ru/taxonomy/term/5/112 (санаи муроЉиат: 03.03.2022)

[26] Патернализм (лат. paternus — падарона, сарпарастона) маънои сарпарастӣ, парасториро дорад, яъне парастории калонсолон нисбати хурдсолон, зертобеон.

давлатӣ хизмат менамояд ва сафедкунии “экспансияи” давлатро таъмин мекунад.

Патернализми оқилона бояд ҳамчун сарпарастии ҳокимияти давлатӣ нисбати шаҳрвандон ҳангоми қонеъ кардани ниёзҳои онҳо вуҷуд дошта бошад. Аммо дар ин маврид сиёсати дахолат накардан ба тиҷорат, хусусан ба фаъолияти корхонаҳои хурду миёна бояд татбиқ карда шавад. Патернализми давлатӣ махсусан дар шароити иқтисоди бозорӣ зарурат дорад, зеро бозор аксари мушкилоти иҷтимоиро ҳал карда наметавонад: воситаҳои танзими бозор ҳангоми баҳрабардорӣ аз неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ, ба монанди хизматрасонии маориф, тандурустӣ ва фарҳангӣ амал намекунанд.

Табиати дарозмуддат ва миқёси калони таъсири берунаи неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим арзёбии миқдорӣ ва андозагирии ҳиссаи ҳар як шахсро ба самараи умумии беруна мушкил мегардонад. Дар ҷараёни ташаккули фонди махсус (дар асоси ҷамъоварии ихтиёрии воситаҳои аҳолӣ) барои истеҳсоли неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ, мушкилоти ба ном «саркашҳо» ба миён меояд. Ба ибораи дигар, ин мушкилот дар он зоҳир мешавад, ки шахсони алоҳида ба фонди мазкур ворид кардани маблағ ё хароҷотро барои нигоҳдории муассисаҳои соҳаи иҷтимоию фарҳангӣ хоҳиш надоранд.

**Ҷадвали 1.2.2. – Натиҷаи пурсиши гузаронидашуда оид ба ташаккули фонд**

| Сатҳи хоҳиши иштирок дар ташаккули фонд | Пурсидашудагон, бо % |
|---|---|
| Хоҳишмандон барои пардохти маблағ | 63,1 |
| Иштироки пурраи соҳибкоронро талабкардагон | 21,2 |
| Аз тарафи давлат иҷро шудани корҳо (уҳдадории давлат) | 18, 3 |
| Маблағ доданро рад карданд | 15,7 |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Масалан, дар ноҳияи Б. Ғафуров ҷамоати Овчи-қалъача барои таъмири мактаби №71 бо ташаккули фонди ҷамъиятӣ дар ҳаҷми 150 ҳазор сомонӣ зарурат дошт. Фонд барои иштироки 500 нафар пешбинӣ шудааст, ки ба ҳар нафар маблағи 300 сомонӣ рост меояд. Ҳангоми гузаронидани пурсишнома

байни 500 волидайн, ки истеъмолкунандагони хизматрасонии мактаби мазкур буданд, натиҷа чунин буд: (нигаред ба ҷадвали 1.2.2).

Дар байни шахсоне, ки розӣ шуданд, зиёда аз 32%-ро соҳибкорон, деҳқонон, шахсони дорои сатҳи даромади кофӣ буданд. Дар натиҷа, ба фонд танҳо 51,3% пурсидашудагон сармоягузорӣ карданд. Ҳамин тариқ, фонд ба маблағи 76,9 ҳазор сомонӣ ташкил карда шуд, яъне аз 500 нафар танҳо 256 нафар иштирок карданд. Ҳолати мазкур метавонад дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ ба мушоҳида расад.

Дар чунин шароит ташкили истеҳсоли неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ истифодаи сохторҳои давлатӣ бо тартиби ҳатмии истеъмоли ин неъматҳо ва мутаносибан андозбандии ҳатмиро талаб мекунад.

Тавре ки дар боло зикр гардид, дар тафовут аз неъматҳои софи ҷамъиятӣ, неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ метавонанд дар асоси принсипи бозорӣ ба таври хусусӣ пешниҳод шуда бошанд.

Аз ин рӯ, асосан ду усули пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоиро тасниф мекунанд:

**усули якум** - аз ҷониби давлат (муассисаҳои давлатӣ) пешниҳод намудани неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ. Аммо ин амал то сатҳи иҷтимоие, ки дар Конститутсия собит шудааст, анҷом дода мешавад ва берун аз ин сатҳ ба таври музднок ба субъектҳои бахши хусусӣ ё субъектҳои ғайридавлатӣ пешниҳод карда мешавад.

Аз ин рӯ, дар **усули дуюм** - ташкили пешниҳоди хусусии неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ: а) дар асоси шартнома байни ташкилоти ҷамъиятӣ ва корхонаҳои хусусӣ; б) тариқи додани иҷозатнома ба субъектҳои бахши хусусӣ барои истифода кардани фаъолияти иқтисодӣ вобаста ба намудҳои алоҳидаи неъматҳои омехтаи ҷамъиятӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, инкишофи маҷмуи шаклҳои хусусӣ ва ҷамъиятии ташкил намудани пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ маънои онро дорад, ки иқтисоди бахши ҷамъиятӣ намуди омехтаи иқтисодро мегирад, доираи амали муассисаҳои давлатӣ, сиёсӣ ва иқтисодиро ифода мекунад. Ба ибораи дигар,

фазои иқтисодӣ барои ҳамкориҳои механизмҳои сунъии бозорӣ ва иштироки сохторҳои давлатӣ ва хусусӣ дар пешниҳоди неъматҳои ҷамъиятӣ. Ин дар бораи умумияти бахшҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ-ихтиёрӣ ва мансубияти онҳо ба бахши давлатии иқтисодиёт шаҳодат медиҳад. Маълумоти оморӣ дар бораи хароҷоти мушаххаси ҷамъиятӣ барои истеҳсоли онҳо тасаввуроти тахминиро дар бораи таносуби байни намудҳои гуногуни неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ пешниҳод мекунанд. Масалан, дар охири асри XX дар ИМА ҳиссаи хароҷоти давлатӣ дар ММД барои неъматҳои софи ҷамъиятӣ 9,1%, барои неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим - 6,1% ва бо воридкунии пардохтҳои иҷтимоӣ - 17,8%, барои неъматҳои сунъии ҷамъиятӣ - 4,5% (барои инфрасохтори истеҳсолӣ ва соҳаҳои инҳисори табиӣ) ташкил карда буданд. Дар Германия дар ҳамин давра барои неъматҳои софи ҷамъиятӣ 8,2% ММД, ба неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (аз ҷумла трансфертҳои иҷтимоӣ) - 31,2%, ба неъматҳои воқеии иҷтимоӣ - 13,3%, ба дигар неъматҳои ҷамъиятӣ - 4,6% сарф карда шуда буд. Чунин манзара дар кишварҳои дигари аз ҷиҳати саноатӣ тараққикарда мушоҳида мешавад. Ин вазъият шаҳодати он аст, ки неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ дар хароҷоти давлатӣ дар мақоми аввал, неъматҳои софи ҷамъиятӣ дар мақоми дуюм ва неъматҳои ҷамъиятии дигар дар мақоми сеюм қарор доранд.




**Диаграммаи 1.2.2. Хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истеҳсол ва пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (млн сомонӣ)**

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. - С.335, 2022.С.-389

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2021 нисбат ба соли 2014 аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба соҳаи маориф 2,2 маротиба, барои тандурустӣ - 2,9 маротиба, чорабиниҳои фарҳангӣ – 2,4 маротиба зиёдтар маблағ ҷудо карда шуд. Ҳамзамон, соли 2021 ба ин соҳаҳо, яъне барои пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ зиёда аз 9,3% (5,3 +2,8 +1,17) ММД-и кишвар ё 31,5% (17,9 + 9,7 + 3,9) буҷети ҷумҳуриявӣ равона карда шудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеияти равандҳои самти иҷтимоии хоҷагии халқ мушоҳида карда мешавад. Вале дар шароити нав (дар амалияи иқтисоди бозорӣ) ташаккули воқеияти муайяне лозим аст, ки барои тағйир додани шакли анъанавии то ҳол мавҷудбудаи ба ном табиати ғайрибозории истеҳсолот ва тақсимоти неъматҳои ҷамъиятӣ водор мекунад. Имрӯз, ба андешаи мо, бояд қолабҳо ё тарҳҳои нави бозори аҳаммияти иҷтимоидошта ташаккул дода шаванд.

Дар адабиёти иқтисодӣ, аз ҷумла дар адабиёти ватанӣ то ҳол фаҳмиши ягонаи бозори неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим вуҷуд надорад. Барои муайян кардани моҳияти он одатан мувофиқати рафтори бозорӣ ва ғайрибозорӣ муқаррар карда мешавад ё гурӯҳҳои бозорӣ ва ғайрибозории иқтисодиёт ҷудо карда мешаванд. Илова бар ин, равишҳои ҷойдошта нисбати шарҳи бозорӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим хеле аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масалан, вобаста аз ҳолат, бозори “аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим” гуфта, бозорҳоеро меноманд, ки танҳо дар соҳаи иҷтимоӣ фаъолият мекунанд ё зуҳуроти куллан гуногун мебошанд[27].

Дар маҷмуъ, агар ба муҳтавои иқтисоди бозории муосир амиқ назар андозем, маълум мешавад, ки он бештар хусусияти гуногунвазифа буданро мегирад. Бояд зикр карда шавад, ки алҳол бозор ҳамчун ниҳод, ба ғайр аз вазифаҳои мубодила, инчунин, як қатор вазифаҳои дигарро иҷро мекунад, ба монанди: вазифаи иттилоотӣ; нарх; такрористеҳсол; иртиботӣ; ҳавасмандкунанда ва ғ. Маълум аст, ки дар раванди татбиқи вазифаҳои мазкур

[27]. Гринберг, Р. С. Социальная экономика: введение в новую аксиоматику] [Текст]/ Р.С. Гринберг, А.Я. Рубинштейн // Российский экономический журнал. – 1997. – №1. – С. 35.

дар ҷомеа, пеш аз ҳама, аҳаммияти иҷтимоии он зоҳир мешавад. Ҳамин тавр, хусусияти гуногунвазифагии бозор онро аз тасаввуроти бозори анъанавӣ тафовут мебахшад.

Дар раванди инкишофи муносибатҳои бозорӣ равандҳои иҷтимоишавӣ, таъсисёбии ниҳодҳо, нақши омилҳои иҷтимоӣ ва агентҳои назораткунанда, ки вазифаҳои онҳоро одатан давлат иҷро мекунад, афзоиш меёбанд.

Дар чунин шароити бозорҳо, мол ва хизматрасониҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммиятдошта ва дорои аломатҳои неъматҳои омехта ҳамчун объекти мубодила амал мекунанд. Аммо дар ин ҷо чунин сифатҳо зуҳур мекунанд:

- моҳияти иҷтимоии неъматҳои мазкур, яъне гирифтани самара аз ҷониби шахсони воқеие, ки хароҷоти чашмрасро намебаранд;

- хусусияти неъмати шахсӣ, ки чун объекти муносибатҳои бозорӣ баромад мекунад ва дорои тамоми хусусиятҳои мол мебошад (арзиши истеъмолӣ, нархи бозорӣ ва ғайра).

- чунин навъи неъматҳо, ба монанди неъмати шахсӣ бо самараи назарраси мусбати беруна нисбатан равшан муайян карда мешаванд.

Тавсифи чунин сифатҳо ва ё зуҳурот дар асарҳои олимони ватанӣ инъикос ёфтаанд. Масалан дар монографияи коллективии кормандони Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, ки зери таҳрири илмии академик Н. Қаюмов ба нашр расидааст, қайд карда мешавад, ки ғанӣ гардидани иқтидори илмии ҷомеа бевосита тавассути таъсири самараи берунаи он дар ҷомеа табақаи саноатчиён афзун шуда, тафаккури индустриалии аъзоёни ҷомеа васеъ мегардад[28]. Муҳаққиқи дигари тоҷик А.И. Субҳонов[29]. афзудааст, ки пайваста бо рушди сатҳи маълумотнокии аҳолӣ сифати гузариши демографӣ беҳтар шуда, дар бозори меҳнат сегменти тахассусии қувваи корӣ меафзояд. Ин натиҷаи самараҳои мусбати рушди низоми маорифи миллӣ, бахусус рушди низоми таҳсилоти касбии мамлакат мебошад. Дар монографияи А.Б.

---

[28] Каюмов, Н.К. Экономический и научно-технический потенциал инновационного развития Республики Таджикистан: современное состояние, проблемы и перспективы развития (коллективная монография) [Текст]/ Н.К. Каюмов. – Душанбе, 2018. - С. 3-67.

[29] Субхонов А.И. Демографическое развитие и рынок труда Таджикистана в условиях рыночной экономики [Текст]/А.И. Субхонов //Евразийский юридический журнал, 2016. - №1 (92). - С. 210-213.

Мирсаидов, А.Қ. Бобиев қайд шудааст, ки нововобаста аз он ки беш аз 70%-и таҳсилоти олии касбӣ бо тариқи шартнома сурат мегирад, яъне сифати тиҷоратӣ дорад, сифр муносибатҳои бозорӣ гирифтааст, аммо таҳсилгирандагони он минбаъд на танҳо самараҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба даст меоранд, балки бо туфайли самараҳои мусбати берунаи низоми таҳсилоти олии касбӣ дар кишвар табақаи зеҳнӣ ташаккул меёбад, ки он омили рушди ояндаи иқтисоди миллӣ мебошад.[30]

Ҳамин тариқ, табиати неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ба табиати неъматҳои ҷамъиятӣ шабоҳат доранд: онҳо ба истеъмолкунандагон ройгон ё бо нархҳое пешниҳод карда мешаванд, ки хароҷоти истеҳсолии онҳоро пӯшонида наметавонанд. Аммо ба самараи берунаи ин хизматрасонӣ фоида ва хароҷот дохил мешавад, ки дар низоми нархҳои дар бозор ташаккулёфта инъикос намешаванд. Масалан, хизматрасонии таълимӣ ба зумраи неъматҳои маъмулии муҳимми иҷтимоӣ дохил мешавад. Зеро истеъмоли хизматрасонии мазкур на танҳо ба сармояи инсонӣ, бевосита ба шахси алоҳида, балки ба сатҳи некуаҳволии аъзои дигари ҷомеа таъсири мусбат мерасонад, ки дар маҳсулнокии баланди меҳнат, афзудани сифати маҳсулот ва хароҷоти нисбатан пастшавандаи истеҳсолот зоҳир мешавад[31].

Чунин хусусиятҳоро соҳаи хизматрасонии тиббӣ низ соҳиб аст. Қайд кардан зарур аст, ки оид ба масъалаи дохил намудани маориф ба неъматҳои ҷамъиятӣ ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Масалан, бархе олимон қисми хизматрасонии таълимӣ - таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаро ба неъматҳои ҷамъиятӣ ва таҳсилоти олӣ, аспирантура, касбӣ ба неъматҳои сунъии давлатӣ дохил мекунад[32]. Олими америкоӣ С. Фишер таъкид мекунад, ки ғамхории давлат оид

[30] Мирсаидов, А.Б. Рыночная трансформация системы высшего образование в Таджикистане (механизмы повышение конкурентоспособности): монография [Текст]/ А.Б. Мирсаидов, А.К. Бобиев. – Душанбе, 2017. – С.46-47.

[31]. Тамбовцев, В. Реформы российского образования и экономическая теория [Текст]/В.Тамбовцев // Вопросы экономики. – 2005. – №3. – С. 4-19.

[32]. Стиглиц, Дж. Экономика государственного сектора: пер. с англ. [Текст]/Дж. Стиглиц. - М.: ИНФРА-М, 1997. - С.78.

ба истеъмоли неъматҳои зарурӣ ҳамкориро бо бахши тиҷоратӣ истисно намекунад[33].

Олими рус Л.И. Якобсон таҳсилро ба гурӯҳи неъматҳои хос дохил мекунад, зеро он бо таъсири хеле мусбати махсус тавсиф мешавад. Маҳз ҳамин мақсаднокии маблағгузории давлатӣ онҳоро муайян мекунад. Чунин неъматҳоро аз неъматҳои омехта ҷудо кардан кори саҳл нест[34].

Новобаста аз андешаҳои пурихтилоф оид ба табиати истеъмоли маориф, аксарияти муаллифон онро ҳамчун неъмати омехта эътироф мекунанд, ки дар худ хусусиятҳои неъмати софи ҷамъиятӣ ва неъмати софи хусусиро дар бар мегиранд. Хизматрасонии маориф бо хусусияти муштараки истеъмол, мавҷуд набудани хусусияти нодир будан, васеъ паҳн шудан ва номаҳдуд будан тавсиф мешавад: истеъмоли иттилоот барои пайдоиши иттилоот ва донишҳои нав, бидуни маҳдудияти имконияти аъзои дигари ҷомеа дар истифодаи иттилооти мазкур ба манфиати худ сабаб мегардад.

Муайян кардани хусусиятҳои хос ва меъёрҳои асосии бозори неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим мундариҷаи неъматҳои муҳимми иҷтимоиро ба таври васеъ ошкор мекунад. Ҳамзамон, меъёрҳои пешниҳодшудаи олимони рус Е.Г. Гушина, В.В. Шиховетс[35] низ қобили қабуланд, зеро аксарияти бозорҳои мавҷуда самти иҷтимоӣ доранд ё метавонанд як унсури аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро дошта бошанд (нигар ба ҷадвали 1.2.3.).

Дар бозори неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ нархҳо нақши махсусро мебозанд ва бо хусусияти ташаккулёбии талабот ва пешниҳоди неъматҳои ҷамъиятӣ муайян карда мешаванд.

[33]. Фишер, С. Экономика [Текст]/ С. Фишер, Р. Дорнбуш, Р. Шмалензи Москва: Дело, 1993. – С.65

[34]. Якобсон, Л.И. Экономика общественного сектора: Основы теории государственных финансов [Текст]/Л.И. Якобсон. - М.: Аспект Пресс, 1996. - С. 39.

[35]. Гущина, Е.Г. Сущность маркетингового механизма взаимодействия субъектов социально-значимых рынков – рынка образовательных услуг и рынка труда [Текст]/ Е.Г. Гущина, В.В. Шиховец // Современная экономика: проблемы и решения. - 2012. - С.92

**Ҷадвали 1.2.3. - Хусусиятҳои моҳияти бозори неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим (БИМ)**

| Тавсифоти БИМ | Меъёрҳои асосии БИМ | Таърифи БИМ |
|---|---|---|
| *- талаботи инсон ва дар маҷмуъ ҷомеаро ба неъматҳои моддӣ ва маънавӣ қонеъ мекунад;*<br>*- истеъмоли мол ва хизмати иҷтимоии муҳимро барои қисмати зиёди аҳолӣ таъмин мекунад;*<br>*- ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, баландшавии сатҳи некуаҳволӣ мусоидат мекунад;*<br>*- вазифаҳои худро бо дастгирии назарраси давлатӣ амалӣ мекунад;*<br>*- мақсад зиёд кардани миқёси самараи мусбат аз истеъмоли неъматҳои мазкур;*<br>*- зарурати ҳамкориро бо бозорҳои молҳои ҳамшафати аҳаммияти иҷтимоидошта ба вуҷуд меорад.* | *- моҳияти амбивалентии неъмат, ки аҳаммияти ҷамъиятӣ ва инфиродӣ дорад;*<br>*- миқёси самараи мусбати берунаи ташкилшаванда*<br>*- дараҷаи баланди иштироки давлат дар танзими бозори мазкур, ки дар ташаккули меъёрҳо, механизми нархгузорӣ дар таъмини кафолати гирифтани фоида ифода меёбад.* | *Низоми муносибатҳои иқтисодӣ оид ба мубодилаи иттилооти неъмати махсуси ҷамъиятӣ, ки аҳаммияти иҷтимоии он бо дараҷаи баланди фарогирии истеъмолкунандагон, миқёси калони самараи берунаи ташкилшаванда ва нақши ҷиддии давлат дар ҷараёни фаъолият ва танзими бозорҳои аз ҷиҳати иқтисоди муҳим.* |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Аммо дар ин маврид навъҳои онҳо ба назар гирифта мешаванд, зеро вобаста ба қисмати бахши давлатӣ дар нархгузорӣ тафовут вуҷуд дорад. Тартиби нархгузорӣ барои неъмати софи ҷамъиятӣ аз неъматҳои омехтаи ҷамъиятии шаклҳои гуногун фарқ дорад. Неъмати софи ҷамъиятӣ аз тарафи ҳамаи аъзои ҷомеа истеъмол мешавад ва онҳое, ки ба харидории он омода нестанд, аз истеъмол хориҷ карда намешаванд. Масалан, барои неъматҳои софи ҷамъиятӣ, вақте ки он бемузд аст, тавозуни талабот ва пешниҳоди онҳо на ба воситаи механизми нарх, балки бо механизми қабули тасмимҳо муқаррар мегардад, ки ба онҳо дохил мешавад: а) риоя кардани тавозуни андозӣ дар асоси тавозуни даромадҳои андоз ва ҳаҷми маблағгузорӣ; б) муқаррар кардани реҷаи самаранокӣ тавассути истифодаи кортҳо (чиптаҳо, купонҳо) ва тартиби гирифтани неъматҳои давлатӣ; в) истифодаи ташкилоти иҷтимоии овоздиҳӣ (бо истифодаи низоми умумии интихоб). Тавозуни талабот ва пешниҳоди баъзе неъматҳои омехтаи ҷамъиятӣ, аз ҷумла неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим бо истифода аз нарх муқаррар карда мешавад. Ҳамин тариқ, қисматҳои гуногуни

бахши ҷамъиятӣ бо таносуби гуногуни танзими нархӣ ва ғайринархӣ тафовут доранд. Барои як қисмати бахши давлатӣ, ки ба неъматҳои ҷамъиятии соф ва муҳимми иҷтимоӣ одатан танзими ғайринархӣ хос аст. Дар мавриди қисматҳои бахши ҷамъиятӣ вобаста ба истеҳсол ва истеъмоли маҳсули монополияи табиӣ ва неъматҳои истиношавандаи ҷамъиятӣ, дар муқарраркунии тавозуни талабот ва пешниҳод танзими нархгузорӣ нақши ҷиддиро мебозад.

## 1.3. Рушди сохтори институтсионалии истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ

Истеҳсол ва пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ тавассути низоми ниҳодии бахши давлатии иқтисодиёт амалӣ карда мешавад. Низоми ниҳодӣ - ин маҷмуи сохторҳои ниҳодҳои мухталиф мебошад, ки дар фазои ягонаи ниҳоди якҷоя мавҷуданд ва баробар фаъолият мекунанд. Таҳти сохтори ниҳодӣ чун унсури сохторӣ дар низоми ниҳодӣ маҷмуи ниҳодҳое дар назар дошта мешавад, ки бо тарзи муайян бутунии батанзимдаровардашудаи бахши ҷамъиятии иқтисодро ташаккул медиҳанд. Аз ин бармеояд, ки субъектҳои хоҷагидории бахши давлатии иқтисодиёт (ташкилотҳо, корхонаҳои шаклҳои гуногуни моликият, хонаводаҳо, давлат ва ғайра) дар раванди таъмин ва истеъмоли неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ дар доираи сохторҳои гуногуни ниҳодӣ амал мекунанд.

Айни ҳол дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он се навъи сохторҳои ниҳодии (воқеан якҷоя амалкунанда) аз ҷиҳати сифат гуногунро ҷудо кардан мумкин аст. Ин сохторҳо на танҳо дар маҷмуъ муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, балки ҳаракати неъматҳои ҷамъиятӣ, захираҳо, аз ҷумла неъматҳои иҷтимоиро низ ба танзим медароранд.

Навъи якуми сохтори ниҳодӣ иқтисодиёти редистрибутивӣ ё тақсимкунанда мебошад. Навъи дуюм - иқтисоди бозорӣ. Навъи сеюм, иқтисодиёти мутақобила - иқтисодиёти хайриявӣ ё кумаки мутақобилаи шабакавӣ. Хусусиятҳои ин намудҳои иқтисод дар адабиёти иқтисодӣ ва

ҷомеашиносӣ то андозае шарҳ ва тавсиф дода шудаанд: аломату хусусиятҳои инфиродӣ, нақш ва мавқеи онҳо дар ҳаёти иқтисодии ҷомеа муайян карда шудаанд. Аммо, дар маҷмуъ ниҳоди чунин муассисаҳо чун давлат, бозор, рақобат бештар универсалӣ ё умумӣ мебошанд. Муассисаи пешбари ниҳодӣ дар ин ҷо давлат аст. Аммо дар адабиёти иқтисодӣ оид ба нақши муассисаи давлатӣ дар иқтисодиёт нуктаҳои назари гуногун вуҷуд доранд.

Масалан, Ҷ.Роулс[36] дар асари худ "Назарияи адолат" қайд кардааст, ки вазифаҳои давлат бояд танҳо ба муҳофизат аз зӯроварӣ, дуздӣ ва қаллобӣ равона карда шаванд ва маҷбуркунӣ танҳо нисбати шахсоне татбиқ карда мешавад, ки шартномаҳоро вайрон мекунанд. Ба ақидаи ӯ, дар мавриди вазифаҳои дигари давлат онҳо вайронкунии ҳуқуқҳои шахс мегарданд ва бинобар ин, татбиқи онҳо беасос мебошад. Ҷ. Бюкенен[37], баръакс таъкид мекунад, ки давлат бо истифодаи механизмҳо, ба монанди андозбандӣ ва хароҷоти давлатӣ вазъи мавҷудаи иқтисодиро аз нуқтаи назари Парето-самаранокӣ беҳтар мекунад. Ба ақидаи Ҷ. Бюкенен, агар тасмимҳои ҳукумат аз ҷониби аҳолӣ ва ҳамватанон якдилона дастгирӣ карда шаванд, он гоҳ ҳуқуқҳои ягон аъзои ҷомеа поймол карда намешаванд. Олими тоҷик Т.Ҷ. Усмонова таъкид намудааст, ки дар сиёсати макроиқтисодии давлат таъмини рушди соҳаҳои иҷтимоии мамлакат, ки ҳадафи муътадил намудани тазоди миёни рушди иқтисодӣ ва иҷтимоиро дорад, хеле муҳим мебошад. Дар ин раванд такмили механизмҳои рушди ҳаёти иҷтимоӣ ҳамчун механизми давлатӣ танзими иқтисодӣ хидмат менамояд[38]. Олими дигари ватанӣ Р.М. Бобоҷонов[39] ба зарурати дастгирии рушди сармояи инсонӣ тавассути такмили механизмҳои танзиму дастгирии рушди иқтисодиёти бахши ҷамъиятӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода,

---

[36] Роулз, Дж. Теория справедливости [Текст]/ Дж. Роулз. - Новосибирск: Издательство Новосибирского университета, 1995. – С.234.

[37]. Бьюкенен, Дж. Конституция экономической политики. Сочинения. Пер. с анг. Серия: «Нобелевские лауреаты по экономике». Т.1. [Текст]/Джеймс М. Бьюкенен. Фонд экономической инициативы; гл. ред. кол: Нуреев Р.М. и др./ - М.: Таурус Альфа, 1997. - 560 с

[38] Хакимов М.Ф. Теоретические подходы к формированию и проведению макроэкономической политики//Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - Душанбе: "Сино". - 2015. - ч.1 - С.104

[39] Бабаджанов Р.М. Формирование человеческого капитала и проблемы его использования в Республике Таджикистан: монография [Текст]/Р.М. Бабаджанов. – Душанбе: РТСУ, 2017. – С.17

тамоюли рушди маблағгузории давлатиро дар соҳаи таҳсилот муҳим арзёбӣ намудааст.

Дар маҷмуъ, тадбирҳои иштироки давлат дар иқтисодиёт аз ҷониби муҳаққиқони хориҷию ватанӣ таҳия шуда, нақш ва аҳаммияти давлат, аз ҷумла мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таҳқиқ карда шудаанд. Ҳангоми ҷамъбасти таҳқиқоти онҳо метавон як қатор принсипҳоро номбар кард, ки рафтори оқилонаи давлатро заминагузорӣ мекунанд (нигар ба ҷадвали 1.3.1).

**Ҷадвали 1.3.1. - Принсипҳои рафтори оқилонаи мақомоти идоракунии давлатӣ**

| Принсипҳо | Тафсир |
|---|---|
| **К. Полани** | *Хусусиятҳои фаъолияти соҳаҳои гуногуни бахши иқтисодиро ба назар мегиранд.* |
| **У. Баумол** | *Хусусиятҳои фаъолияти иҷтимоиро дар иқтисоди бозорӣ тавсиф медиҳанд* |
| **Принсипи мувофиқат (Т.Ҷ. Усмонова, М.Т. Каримова, Р.М. Бобоҷонов ва ғ.)** | *Оқилона ташаккул додани хароҷоти буҷетҳои марказӣ, минтақавӣ, корпоративӣ ва оилавӣ* |
| **Демократизми прагматикӣ (Н. Қаюмов, А.Б. Мирсаидов)** | *Афзалияти ҳадафҳои иҷтимоӣ ва субсидияро дар раванди тақсимоти захираҳои ҷамъиятӣ муқаррар мекунад.* |

**Сарчашма:** Муаллиф аз рӯйи омӯзиши адабиёти илмӣ таҳия намудааст.

Дар зерфасли қаблӣ мо байни таъмини истеъмоли неъматҳои давлатӣ ва истеҳсолоти давлатӣ тафовут гузоштем. Аммо боз як тавзеҳот зарурат дорад. **Якум**, баъзе хизматрасониҳо, гарчанде ки аз ҷониби давлат маблағгузорӣ карда шаванд ҳам (дар заминаи андозбандии ҳатмӣ), зарурати идоракунии ин хизматрасониҳо аз ҷониби давлат пешбинӣ намешавад. **Дуюм**, давлат бояд неъматҳои ҷамъиятиро дар ҳолатҳое фароҳам орад, ки роҳи дигари самараноки таъмин кардани он вуҷуд надошта бошад. Аз ин рӯ, раванди иштироки давлат дар пешниҳоди хизматрасонӣ бояд ба ду принсипи дар боло зикршуда, яъне принсипи мувофиқат ва демократизми прагматикӣ асос ёбад. Дар ин ҳолат фаъолияти низоми бозорӣ, ки ниёзи мардумро ба миқдори зиёди неъматҳои муҳимтарин қонеъ мегардонад, вайрон намешавад. Ҳамин тариқ, давлат дар ҷараёни иҷрои вазифаҳои махсуси худ қоидаҳои рафтори бозорро вайрон намекунад. Қисми зиёди истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои ҷамъиятӣ бо тавассути буҷет маблағгузорӣ мешаванд (нигаред ба ҷадвали 1.3.2).

**Ҷадвали 1.3.2. - Маблағгузории буҷетии истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | 2010 | | 2015 | | 2021 | | Соли 2021 нисбат ба соли 2010 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | млн сомонӣ | дар ММД, % | млн сомонӣ | дар ММД, % | млн сомонӣ | дар ММД, % | мар | Б ф., % |
| **Ҳамагӣ хароҷот, млн сомонӣ** | 6712,6 | 27,2 | 16277,4 | 31,9 | 29342,7 | 29,6 | 4,3 | 2,4 |
| аз он ҷумла: дар бахши ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, млн сомонӣ | 384,3 | 1,6 | 1521,1 | 3,1 | 1947,7 | 2 | 5,0 | 0,4 |
| маориф | 989,91 | 4,0 | 2539,3 | 5,2 | 5259,8 | 5,3 | 5,3 | 1,3 |
| тандурустӣ | 354,9 | 1,4 | 1037,2 | 2,1 | 2850,0 | 2,9 | 8,0 | 1,5 |
| чорабиниҳои фарҳангӣ - оммавӣ, солимгардонӣ ва динӣ | 297,4 | 1,7 | 574,3 | 1,2 | 1162,3 | 1,2 | 3,9 | 2,2 |
| суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | 860,2 | 3,5 | 2637,4 | 5,4 | 4193,5 | 4,2 | 4,8 | 1,3 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2022. - С.389

Аз маълумоти ҷадвали 1.3.2. бармеояд, ки ҳаҷми қисми хароҷоти буҷети давлатӣ дар давраи солҳои 2010- 2020 аз 6712,6 то 29342,7 млн сомонӣ ва ё беш аз 4,3 маротиба афзудааст. Дар ин давраи таҳлилӣ вазни қиёсии он низ дар ММД аз 27,2 то 29,6% ва ё беш аз 2 фоиз қисми хароҷоти буҷети кишвар зиёд шудааст. Ин маънои онро дорад, ки давлат беш аз 30% - и ММД-ро барои амалӣ намудани вазифаҳои иҷтимоии худ, истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои ҷамъиятӣ, ки аслан бо тасаввуроти ғайрибозорӣ сурат мегирад, дар ихтиёри худ гирифтааст. **Неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ** – маориф, тандурустӣ ва фарҳанг ангезабахши рушди инсон ва сармояи инсонӣ буда, ҷузъи асосии сиёсату вазифаи иҷтимоии давлат мебошанд. Аз ин лиҳоз, маблағгузории соҳаи маориф дар давраи солҳои 2010-2021 беш аз 5,3 маротиба афзуда, ҳиссаи он дар ММД бошад, 1,3 банди фоиз боло рафтааст. Дар ин давраи таҳлилӣ ҳаҷми маблағгузории буҷавии соҳаи тандурустӣ беш аз 8,0 маротиба ва ҳиссаи он дар ММД ба 1,5 банди фоиз афзудааст, маблағгузорӣ аз 297,4 то 1162,3 млн сомонӣ афзудааст. Дар ин давраи таҳлилӣ дар бахши ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, ки аслан барои иҷрои вазифаҳои иҷтимоии давлат ва идоракунии истеҳсолу

пешниҳоди неъматҳои ҷамъиятӣ равона шудааст, ҳаҷми маблағгузорӣ беш аз 5 маротиба боло рафтааст. Афзудани он пайваста бо зиёд шудани талаботи ҷомеа ба неъматҳои нав ба нави ҷамъиятӣ сифати объективӣ дорад. Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ҷузъи муҳимми сиёсати иҷтимоии давлат мебошад ва бинобар он, ҳаҷми маблағгузории буҷетии он дар давраи солҳои 2010-2021 4,8 маротиба зиёд шуда, ҳиссаи он дар ММД ба 1,3 банди фоиз зиёд шудааст. Ҳамин тавр, самти иҷтимоӣ ё таъйиноти иҷтимоии давлат фаъол мешавад. Фақат дар соли 2021 барои истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми ҷамъиятӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг) беш аз 9272,1 млн сомонӣ аз буҷаи давлат сафарбар шудааст, ки 31,5%-и ҳамаи хароҷоти буҷаро, ки баробар ба 9,3%-и ММД рост меояд, ташкил додааст.[40]

Аммо, гарчанде ки иштироки ниҳодҳои давлатӣ дар қонеъ кардани эҳтиёҷоти неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ аҳаммият дошта бошад ҳам, ин маънои онро надорад, ки онҳо ҳатман бояд мустақиман истеҳсоли ин неъматҳоро ба уҳда гиранд.

Давлат дар маблағгузории истеҳсоли хизмат иштирок мекунад, аммо истеҳсоли мустақими неъмати мазкур метавонад ба як корхонаи хусусӣ ё ба ташкилоти мустақили ғайритиҷоратӣ вогузор карда шавад. Масалан, маблағгузории соҳаи маориф меафзояд ва истеҳсоли хизматрасонии таълимӣ ба муассисаҳои ин соҳа вогузор карда мешавад. Вобаста ба истеҳсол ва пешниҳоди неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим, ҳамчун яке аз намуди неъматҳои омехтаи ҷамъиятӣ, масъалаи муносибгардонии иштироки давлат дар ташкил ва маблағгузории онҳо мувофиқи мақсад мебуд. Агар хусусияти ғайристисно будан аз истеъмол дар соҳаи неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим камтар ба назар расад, пас зарурати истифодаи механизмҳои бозорӣ ва ташаббуси соҳибкорӣ, инчунин, таҳлили дурнамои он равшан ба назар мерасад. Ин неъматҳо бартариҳои махсус доранд, зеро самараи мусбати берунаашон барои тамоми ҷомеа ё қисмати зиёди он паҳн мегардад ва аз ин рӯ, давлат

[40] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. - С.389

одатан ҳадди ақал маблағгузории онҳоро ба зиммаи худ мегирад. Аз ин ҷо бармеояд, ки арзиши истеҳсоли ин гуна неъматҳо, дар ҳар сурат, як ҳиссаи онҳо, ки ба самараҳои беруна алоқаманд аст, аз ҳисоби ҷамъият пардохт карда мешавад. Ба захираҳои молиявии истеҳсоли ин неъматҳо дохил мешаванд: а) давлатӣ (буҷет, қарзи давлатӣ, фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ) ва буҷетҳои маҳаллӣ (фондҳои ғайрибуҷетии маҳаллии мақомоти худидоракунии маҳаллӣ); б) маблағгузории ғайритиҷоратӣ. Равшан мегардад, ки қисми аввали таркибӣ андозаи маблағҳои давлатӣ ва маҳаллиро дар бар мегирад ва дар ин ҷо ба сифати унсури асосӣ низоми буҷетӣ, ки аз рӯйи андозаи буҷети ҷумҳуриявӣ ифода мегардад ва ҷузъи дигар - андозаи буҷети фондҳои ғайрибуҷетии суғуртаи давлатии иҷтимоӣ баромад мекунанд.

Аз маълумоти ҷадвали 1.3.3. бармеояд, ки пайваста бо афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти дохилии мамлакат ҳаҷми хароҷоти буҷаи давлатӣ низ меафзояд. Дар давраи солҳои 2010 - 2021 ҳаҷми ММД аз 24,7 то 98,9 млрд сомонӣ ва ё беш аз 4,0 маротиба афзудааст. Мувофиқан ҳаҷми хароҷоти буҷети давлатӣ аз 6,7 то 29,3 млрд сомонӣ ва ё 4,4 маротиба зиёд шудааст. Чуноне ки мебинем, дар ин давраи таҳлилӣ сурати афзоиши хароҷоти буҷаи давлатӣ аз сурати афзоиши ҳаҷми ММД баланд аст, коэффитсиенти пешравӣ ба 1,1 баробар аст (4,4/4,0). Дар ин давраи таҳлилӣ ҳиссаи хароҷоти буҷет дар ММД аз 27,1 то 29,6% афзудааст. Агар мо ба сурати афзоиш нисбат ба солҳои гузаштаи ин нишондиҳандаҳо назар кунем, пас аён мешавад, ки сураъти афзоиши хароҷоти буҷет аз сурати афзоиши ММД баланд мебошад.

Яъне пайваста бо боло рафтани талаботи ҷомеа ба неъматҳои ҷамъиятӣ ва ноил шудан ба стандартҳои муҳимми ҳаётӣ ҳаҷми хароҷоти буҷетӣ зиёд шуда, бахши давлатии иқтисодиёти мамлакат ва бахши хусусӣ дар тамоми манотиқи мамлакат васеъ гардида истодааст.

Дар мавриди истеҳсол ва пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ давлат усулҳои гуногун (мустақим ва ғайримустақим)-ро истифода мебарад. Усули мустақим: давлат бевосита истеҳсоли онҳоро анҷом медиҳад, баъзан ҳамчун

монополист амал мекунад ё фармоишҳои давлатиро барои истеҳсоли ин неъматҳо ба бахши хусусӣ ташаккул медиҳад.

**Ҷадвали 1.3.3. - Динамикаи истеҳсоли ММД ва хароҷоти буҷаи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Солҳо | ММД, млн сомонӣ | Суръати афзоиш нисбат ба солҳои гузашта % | Ҳаҷми хароҷоти буҷет, млн сомонӣ | Дар % ба ММД | Суръати афзоиш нисбат ба солҳои гузашта % |
|---|---|---|---|---|---|
| 2010 | 24707,1 | 106,5 | 6712,6 | 27,1 | 118, 0 |
| 2011 | 30069, 3 | 107,4 | 8562,0 | 28,5 | 127.5 |
| 2012 | 36161,1 | 107,5 | 9107,8 | 25,2 | 106, 4 |
| 2013 | 40525,5 | 107,4 | 11591,6 | 28,6 | 127,4 |
| 2014 | 45606,6 | 106,7 | 13190,4 | 28,9 | 114,7 |
| 2015 | 50977,8 | 106,03 | 16277,4 | 33,6 | 123,3 |
| 2016 | 54790,3 | 106,9 | 18294,3 | 33,6 | 112,2 |
| 2017 | 64434,4 | 107,1 | 22264,2 | 36,4 | 121,9 |
| 2018 | 71059,2 | 107,6 | 24187,4 | 35,1 | 109,0 |
| 2019 | 79109,8 | 107,4 | 23806,6 | 30,8 | 98,7 |
| 2020 | 82543,0 | 104,5 | 24812,5 | 30,1 | 104,2 |
| 2021 | 98910,7 | 119,8 | 29342,7 | 29,6 | 118,2 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2021. - С.15-19, 2022. С.210, 389

Усули ғайримустақим: пешниҳоди субсидияҳо, қарзҳои имтиёзнок, имтиёзҳои андозӣ ба корхонаҳои ғайридавлатӣ, ки корхонаҳои мазкурро барои зиёд кардани пешниҳоди неъматҳои мазкур ҳавасманд мекунанд. Дар робита ба ин, Ҷ.Бюкенен пайдарҳамии байни ду вазифаи мухталифи давлатро ҷудо мекунад:

**Якум**, «давлати ҳимоякунанда», ки он чун натиҷаи созишномаи одамон ва як навъ кафили риояи шартномаи конститутсионӣ аз ҷониби онҳо амал мекунад, яъне риояи ҳуқуқҳо дар ҷомеа маънои гузаришро аз беҳокимиятӣ (анархия) ба ташкилоти сиёсӣ дорад.

**Дуюм** - «давлати истеҳсолкунанда» мебошад, ки давлатро ҳамчун истеҳсолкунандаи неъматҳои ҷамъиятӣ тавсиф мекунад. Ин вазифаи давлат дар асоси ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ ҳамчун як шакли созишномаи байни шаҳрвандон нисбати қонеъ кардани ниёзҳои муштараки онҳо оид ба неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд. Аммо, азбаски дар ҷараёни сиёсӣ зуҳуроти ҷустуҷӯи иҷораи сиёсӣ ва “изофат ё фаровонии қудрат” ва сатҳи пасти таъсири

аъзоёни ҷомеа дар қабули тасмимҳо ба назар мерасанд, Ҷ.Бюкенен ва Г.Таллок нисбати инкишофи зуҳуроти мазкур ва самти режими автократӣ монеъшаванда маҷмуи қоидаҳоро пешниҳод мекунанд[41].

Дар адабиёти иқтисодӣ аксарияти намояндагони мактабҳои иқтисодии институтсионалӣ таъкид мекунанд, ки меъёри ягонаи одилона будани тасмимҳои ҳукумат дар самти сиёсати иқтисодӣ мувофиқати онҳо ба конститутсия, шартномаи иҷтимоӣ ё ризоияти шаҳрвандӣ мебошад. Масалан, С.Афонсев менависад, ки "мушкилоти танзими давлатӣ на танҳо моҳияти иқтисодӣ, балки моҳияти иқтисодӣ-сиёсӣ дорад, зеро он ба таври ҷиддӣ ба раванди қабули қарорҳо дар соҳаи сиёсӣ бо ихтилофи ба он хоси манфиатҳо, ниҳодҳои мушаххаси қабули қарорхо ва ғайра таъсир мерасонанд. Баррасии масъалаҳои танзими давлатӣ метавонад дар сурате самаранок ва амиқ бошад, агар ҳам омилҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ ба назар гирифта шаванд, ба ибораи дигар, гузариш аз таҳлили иқтисодӣ ба таҳлили иқтисодию сиёсии масъала зарур аст"[42].

Ба ақидаи М. Ротбард "давлат аз рӯйи моҳияти худ ягона созмонест, ки бо зӯроварии муназзамшуда дар миқёси калон машғул аст" [43]. Вобаста ба ин масъала олимони ватанӣ Ҳ.Н. Фақеров, М.Ҳ. Саидова, Н.Ш. Марупова чунин қайд намудаанд, ки "устувории рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии мамлакат барои ноил шудан ба рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии табақаҳои гуногуни аҳолӣ, инчунин, ташаккули низоми самараноки ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ки ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад, мусоидат менамояд. Дар ҳар ҷомеа яке аз муҳимтарин унсурҳои раванди сиёсӣ сиёсати иҷтимоӣ буда, сиёсати иҷтимоии давлат на танҳо дар самти умумӣ, балки

---

[41] Бюкенен, Дж., Таллок Г. Общественные блага, перераспределение и поиск ренты [Текст] / пер. с англ. Л. Гончаровой. М.: Изд. Института Гайдара, 2011. – 224 с.

[42]. Афонцев, С.А. Методологические основы современного экономико - политического анализа [Текст] /С.А. Афонцев // Истоки. Вып. 3. - М.: ГУ ВШЭ, 2001. - С.77.

[43] Ротбард, М. Власть и рынок: Государство и экономика [Текст]/ М.Ротбард. - Челябинск: Социум, 2003. - С.17-18.

махсусан устувории равандҳои иҷтимоию иқтисодиро муайян менамояд ва аз татбиқи стратегияи сиёсати иҷтимоӣ вобаста аст”.[44]

Муаллифон, ба ақидаи мо, давлатро ҳамчун созмоне баррасӣ мекунанд, ки қонеъ шудани талаботро бо усули сиёсӣ таъмин мекунад.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки вазифаи ҳокимият тавассути пешниҳоди неъматҳои ҷамъиятӣ татбиқ мегардад, ки барои таҳвилашон агентҳои иқтисодиёт андоз месупоранд. Ҳангоми ҷамъоварии андозҳо давлат неъматҳои муҳимми иҷтимоиро дар баробари таъминкунандагони ғайритиҷоратӣ ва (ё) тиҷоратӣ таъмин менамояд.

Дар ин ҳолат, андоз ҳамчун нархи неъматҳои давлатӣ ё хизматрасонии ҷамъиятӣ баромад мекунад. Ба зумраи ин гуна неъматҳо ва хизматрасонӣ: маориф, илм, фарҳанг (дар ин ҷо қисман таъсис додани шуъбаҳои тиҷоратӣ дар донишгоҳҳо, осорхонаҳои тиҷоратӣ имконпазир аст), тандурустӣ (таҳвили тиҷоратии хизматрасонии махсус низ иҷозат дода шудааст) ва ғайра.

Бояд таъкид намоем, ки дар бозори неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ танзими давлатӣ аҳаммияти махсус дорад. Аммо танзим бояд ба равишҳои муайяни методологӣ асос ёбад. Аз ин ҷанба, пеш аз ҳама, саҳеҳу возеҳ намудани худи мафҳуми «танзими давлатӣ» аҳаммияти хосса дорад. Танзими давлатӣ як ҷузъи сохтории идораи давлатӣ мебошад, ки истифодаи қудрат тавассути анъана ва ниҳодҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ ба манфиати неъматҳои умумӣ сурат мегирад. Мақсадҳои танзим равона карда мешаванд:

а) ба худи иштирокчиёни аҳднома дар ҷараёни муомилоти бозории неъматҳои хусусӣ (масалан, меъёрҳои сифати маҳсулот ба таври истисноӣ ба фоидаи иштирокчиёни аҳднома барои харидории маҳсулоти муайян таъсир мерасонанд);

б) ба таъсири берунае, ки аҳд барои тарафҳои сеюм ба вуҷуд меорад, яъне неъмати коллективӣ будан (масалан, қонунгузорӣ оид ба ҳифзи саломатии

[44] Факеров, Х.Н. Особенности социальной защиты населения в условиях трансформационных процессов [Текст]/ Х.Н. Факеров, М.Х. Саидова, Н.Ш. Марупова // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – Душанбе, 2021. - №3 (37). – С. 20-26.

миллӣ на манфиатҳои иштирокчиёни аҳднома ва иштирокчиёни аҳднома, балки манфиати ҳамаи бозингаронро ҳимоя мекунад).

Дар низоми танзим чораҳои ниҳодӣ, яъне "қоидаҳои бозӣ" ё меъёрҳои гуногуни аз ҷониби давлатҳо қабулшуда аҳаммияти марказӣ доранд. Вобаста ба ин, А.Либман чор навъи меъёрҳоро муайян мекунад[45]**:**

**Навъи якум** чораҳоеро дар назар дорад, ки барои маҳдуд кардани амалҳои агентҳои хусусӣ ва давлатӣ дар эҷоди монеаҳо барои воридшавӣ ё хориҷшавӣ аз бозор нигаронида шудааст: қонунҳои зиддиинҳисорӣ, маҳдудияти монеаҳои гумрукӣ ва ғайра. Ба ибораи дигар, меъёрҳои мазкур механизми бозориро аз дахолати усули ғайрибозории ҳамоҳангсозӣ (иерархия) муҳофизат мекунанд.

**Навъи дуюм** меъёрҳоеро дар бар мегирад, ки муносибатҳои бозориро ташкил медиҳанд: ҳифзи ҳуқуқи моликият, масъулият барои иҷрои шартномаҳо.

**Навъи сеюм** стандартҳои экологиро ва **навъи чорум** стандартҳои сифати маҳсулотро дар бар мегирад[46]**.**

Тафовут байни ин навъи меъёрҳо нисбӣ аст: масалан, қонунгузории андоз, ҳамзамон, ба меъёрҳои навъи дуюм тааллуқ дорад (зеро он робитаи байни давлатро ҳамчун таъминкунандаи неъматҳои давлатӣ, ниҳод ва корхонаҳои хусусие, ки ин неъматҳоро истеъмол мекунанд ва бо истифодаи андозу хироҷҳо ва ғ. пардохт мекунад, нигоҳ медорад). Қонунгузории меҳнатӣ низ меъёрҳои навъи дуюм (барои ноил шудан ба мақсадҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа мусоидат мекунанд) ва навъи сеюмро (муносибатҳои корманд ва корфармо танзим мешаванд) дар бар мегирад. Хароҷоти баланди транзаксионии фаъолияти фаромарзӣ, пеш аз ҳама, бо меъёрҳои навъи якум алоқаманд мебошанд: онҳо монеаҳои бевоситаро ба вуҷуд меоранд, ки ба ҳаракати неъмат ва омилҳои истеҳсолот халал мерасонанд. Дар робита ба меъёрҳои дигар сатҳи муносиби мувофиқат мавҷуд аст, ки зиёд шудани он барои субъектҳои хоҷагидорӣ манфиатнок нест. Савол ба миён меояд, ки чӣ гуна метавон сатҳи мутаносиби

[45] Либман, А. Экономическая интеграция на постсоветском пространстве: институциональный аспект [Текст]/ А. Либман//Вопросы экономики. - 2005. -№ 3. - С.142-156.
[46] Там же.

тавозуниро муайян кард? Барои соҳаҳои гуногуни танзими иқтисодиёт он бо мурури замон метавонад ҳам гуногунҷанба шавад ва ҳам тағйир ёбад. Мутаносибан, мушкилоти асосӣ на муайян кардани самтҳои мушаххаси раванди ботавозун, балки таҳия намудани механизмҳои ботавозунсозии ниҳодҳоест, ки натиҷаҳои муносиброро бо хароҷоти камтарин таъмин мекунанд.

Боз як сохтори ниҳодии бахши давлатӣ дар пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ бозор мебошад. Дар аввал мо мафҳуми бозорро ҳамчун ниҳод муайян мекунем. Л. фон Мизес ақида дорад, ки “бозор ҷой, ашё ё зоти коллективӣ нест. **Бозор** - ин равандест, ки тавассути фаъолияти муштараки фардҳои алоҳида, ки дар шароити тақсимоти меҳнат ҳамкорӣ мекунанд, ба ҳаракат оварда мешавад”[47].

Ба андешаи Р. Коас, “бозорҳо - ниҳодҳое мебошанд, ки барои осон шудани мубодила мусоидат мекунанд, яъне барои коҳиш додани хароҷоти амалиёти мубодилавӣ вуҷуд доранд”[48].

Бо назардошти он ки мафҳумҳои гуногуни бозор “бо баъзе нуктаҳои асосӣ бештар услубан ва инчунин, бо мукаммалӣ ва муфассалии худ фарқ мекунанд”, В. Тамбовсев таъкид мекунад, ки “ҳама гуна бозорро метавон ба таври мухтасар ҳамчун фазои ҷуғрофӣ ё амалкунанда тавсиф дод, ки дар он аҳдҳои мутақобила судманд баста мешаванд”[49]. Ё ин ки муаллифи дигар қайд мекунад, ки “бозорҳо ниҳодҳои мубодилавӣ мебошанд: одамон ба бозор мераванд, то ки як чизро ба чизи дигар иваз кунанд ...”[50]. Аммо, сарфи назар аз таърифҳои гуногуни мавҷуда як қатор нуктаҳои умумиеро, ки ба таърифи бозор хосанд, метавонем муайян намоем:

- мавҷудияти субъектҳои бисёре, ки неъматҳоро доранд ва метавонанд онҳоро аслан табодул намоянд;

---

[47] Людвиг фон Мизес. Человеческая деятельность: Трактат по экономической теории [Текст]/Мизес фон Л. - М.: «НПО «Экономика», 2000. – С.243

[48] Коуз, Р. Фирма, рынок и право [Текст]/ Р.Коуз. - М.: Дело Лтд, 1993. - С.9

[49]. Тамбовцев, В.Л. Институциональный рынок как механизм институциональных изменений [Текст]/ В.Л. Тамбовцев // Общественные науки и современность. – 2001. - № 5. - С 27-41.

[50] Бьюкенен Дж., лауреат Нобелевской премии, профессор Центра исследований общественного выбора (Ферфакс, Вирджиния, США). Конституция экономической политики https://lukyanenko.at.ua/_ld/1/114____.pdf

- муқаррар кардани таносуби мубодила (нарх) дар натиҷаи аҳдномаи ихтиёран басташаванда;

- назардошти манфиатҳои худ ва маълумоти дастрас ҳангоми бастани аҳднома.

Акнун савол ба миён меояд, ки ҳангоми истеҳсол ва истеъмоли неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ чӣ гуна вазъият ба амал меояд? Истеъмолкунандагон ва таҳвилгарони ин неъматҳо, ҳамчун агент дар бозор, тасмим мегиранд, ки на танҳо бо назардошти қоидаҳои бозор ё муассиса, балки қарорро аз рӯйи ангезаҳои иҷтимоӣ қабул кунанд. Ба ибораи дигар, шахсони алоҳида, гурӯҳҳо ва дар маҷмуъ, ҷомеа ҳамчун ҳомили муносибатҳо манфиати возеҳ ва алоҳида дошта, чун як субъекти мустақил барои ҷустуҷӯи ин манфиат фаъолият мекунанд. Гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва дар маҷмуъ, ҷомеа ҳамчун иштирокчиёни комили бозор амал мекунанд, зеро ҳама гуна ҷомеа дорои "масунияти иҷтимоӣ" мебошад, ки он дар ташаккули қувваҳои ба "ҳифзи худ"-и ҷомеа равонашуда зоҳир мегардад ва барои муайян ва татбиқ кардани талаботи ин субъектҳои бозор кумак мекунад. Эҳтиёҷоти мазкур бо харидории мол ва хизматҳое вобаста мебошанд, ки дар бозори неъматҳои ҷамъиятӣ хусусияти махсус доранд. Хусусияти мазкур аз «судмандии духӯра»-и мол ва хизматҳо, ки дар мубодила иштирок мекунанд, яъне судмандии инфиродӣ ва иҷтимоӣ доранд, бармеоянд. Р. Коуз дар кори худ қайд кардааст: "... барои бозор муҳим он нест, ки захираи мазкурро кӣ соҳибӣ мекунад, балки онро касе доро аст. Он гоҳ имконияти амалиёти бозор бо ин захира барои таҳвили он бо занҷири мубодилаҳои бозор ба вуҷуд меояд. Худ далели мавҷудияти ҳуқуқ ба моликият ва равшану возеҳ онро муайян кардан аз масъалаи ба ин ё он иштирокчӣ додани он муҳимтар аст..."[51].

Аз нуқтаи назари Коуз, чӣ гуна будани моликият - давлатӣ ва ё хусусӣ - барои бозор "намунавӣ" будан, аслан фарқе надорад. Д.Бюкенен ақида дорад,

---

[51]. Коуз, Р. «Природа фирмы»: истолкование // Природа фирмы. Под ред. О. Уильямсона, С. Уинтера [Текст]/Р.Коуз. - М.: Дело, 2001. - С. 79-80.

ки «бозорҳо - ин ниҳодҳои мубодила мебошанд»[52] ва муассисаҳои он «шартҳои умумӣ ва кодексҳои этикии рафтори инсон» мебошанд. Инҳо урфу одат, "қонунҳо", одатҳо ё қоидаҳои танзимкунанда мебошанд"[53].

Дар навбати худ, худи "ҳуқуқ" ва "қонунҳо" - "неъмати ҷамъиятӣ" мебошанд[54].

Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки тибқи гуфтаи Бюкенен, бозорҳо - мубодилаи неъматҳои ҷамъиятӣ мебошанд. Ҳамин тариқ, дар асоси консепсияи неъмати ҷамъиятӣ як қатор хусусиятҳои бозори неъматҳои муҳимми иҷтимоиро муқаррар кардан мумкин аст:

- талабот ба неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим бояд ба таври баробар қонеъ карда шавад: неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим ба як аъзои ҷомеаи истеъмолӣ нисбат ба аъзои дигар ба миқдори камтар пешниҳод шуда наметавонанд, яъне пешниҳоди ин неъматҳоро бояд давлат танзим намояд;

- истеҳсоли неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ҳам дар бахши давлатӣ ва ҳам дар бахши хусусӣ бо сабаби моҳияти гуногун доштани онҳо истеҳсол карда мешавад;

- дар ҷараёни истеҳсолот ва пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ мушкилоти истифодаи бемузд ба вуҷуд меояд: таваҷҷуҳ ба неъматҳои ҷамъиятӣ бо саркашӣ аз пардохт ва иштирок дар амалҳои дастаҷамъона, ки барои ба даст овардани ин неъматҳо заруранд, ҳамшафат аст;

- баробарии хароҷоти ниҳоӣ барои ҷомеа ва манфиати ниҳоии ҷамъиятӣ аз васеъ кардани истеҳсолот дар муайян кардани ҳаҷми истеҳсоли неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ принсипи асосӣ мебошад, дар бахшҳои хусусӣ баробарии хароҷоти ниҳоӣ ва фоидаи ниҳоӣ барои ин муассисаҳо мавҷуданд;

- истеҳсоли неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ амали мувофиқашудаи дастаҷамъиро пешбинӣ мекунад ва ин тавассути иштироки бевосита дар

---

[52]. Бьюкенен, Дж. Конституция экономической политики. Сочинения. Пер. с анг. Серия: «Нобелевские лауреаты по экономике». Т.1. [Текст]/Джеймс М. Бьюкенен. Фонд экономической инициативы; гл. ред. кол: Нуреев Р.М. и др./ - М.: Таурус Альфа, 1997. - С. 22

[53]. Бьюкенен, Дж. Границы свободы. Между анархией и Левиафаном Сочинения. Пер. с анг. Серия: «Нобелевские лауреаты по экономике». Т.1. [Текст]/Джеймс М. Бьюкенен. гл. ред. кол: Нуреев Р.М. и др./ - М.: Таурус Альфа, 1997. – С. 210

[54]. Там же

истеҳсоли неъмати мазкур ё маблағгузории муштарак дар офаридани он ифода меёбад;

- давлат ва мақомоти маҳаллии давлатӣ ҳамчун иштирокчиёни фаъоли ҳаёти иқтисодӣ муқаррар карда мешаванд, ки буҷет ва андозро чун воситаи таъмини қаноатмандӣ аз неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ истифода намоянд.

Ташаккул ва рушди бозори неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ рисолати зерин дорад: **якум**, фароҳам овардани шароит барои аҳолӣ ва аъзоёни ҷомеа, ки дар доираи шароитҳои мазкур онҳо метавонанд бо даромади худ озодона талаботро ба неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим (дар бозор) ташаккул ва инкишоф диҳанд, бо ин на танҳо рафтори мусбати устувор ва хоҳиши амалӣ кардани тартиботи баландтарини эҳтиёҷот (тибқи зинанизоми Маслоу)-ро таъмин мекунанд, балки болоравии некуаҳволии оилаҳои худро таъмин карда метавонанд; **дуюм**, ҳифзи иҷтимоӣ ҳамчун қисми сиёсати иҷтимоии давлат татбиқ карда мешавад. Равиши мазкур, яъне принсипи бозорӣ ва ғайрибозории ташкили истеҳсолот ва пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ба сиёсати иҷтимоӣ хусусияти пешравандаро (превентивиро) ато мекунад.

## Хулосаи боби 1-ум

1. Бояд қайд кард, ки неъматҳои ҷамъиятӣ моҳияти иқтисодӣ доранд ва ба зумраи неъматҳои иқтисодӣ дохил мешаванд. Ҳангоме ки неъматҳо чун ашёи куллан фоидаовар эътироф мешаванд, онҳо метавонанд на танҳо маҳсули меҳнату заҳмат, балки офаридаҳои табиат бошанд. Дар маҷмуъ, ақидаеро дастгирӣ кардан мумкин аст, ки ҳама гуна маънӣ, ашё, зуҳурот, маҳсули меҳнат, ки эҳтиёҷоти мушаххаси инсонро қонеъ мекунанд ва ба манфиатҳо, ҳадаф ва кӯшишу хоҳишҳои инсон ҷавобгӯ ҳастанд, неъмат номида мешаванд.

2. Дар бахши ҷамъиятии иқтисод фаъолияти давлат мавқеи аввалиндараҷа дорад, аз ин рӯ, ин бахшро аксар вақт давлатӣ меноманд. Аммо ин шабоҳат “тахминӣ” аст, зеро рафтори иқтисодии ташкилоти ҷамъиятӣ дар бахши давлатӣ чунин аст: аз як тараф, онҳо ҳамчун сохтори худидоракунанда, аксар вақт таҳти назорати давлатӣ қарор надоранд ва аз ҷониби давлат

маблағгузорӣ карда намешаванд. Аз ин рӯ, фаъолияти онҳо аз рӯйи нишонаҳо ба корхонаҳои бахши хусусӣ шабоҳат дорад, ки онҳо тибқи принсипҳои тиҷоратӣ, тартиби худтанзимкунӣ ва худидоракунӣ фаъолият менамоянд. Аз тарафи дигар, муассисаҳои давлатӣ ба монанди ташкилоти ҷамъиятӣ, қабл аз ҳама, ба қонеъ сохтани талаботи ҷамъиятӣ самтгузорӣ шудаанд. Самти мазкур фаъолияти онҳоро ба ҳамдигар монанд мекунад. Ғайр аз ин, бахши ҷамъиятии иқтисодиёт назар ба бахши давлатӣ мафҳуми васеътар мебошад. Бахши ҷамъиятӣ иборат аст аз:

- бахши давлатӣ;
- бахши ғайритиҷоратии иқтисодиёт;
- бахши тиҷоратии иқтисодиёт, ки неъматҳои корпоративиро ба вуҷуд меорад: неъмати умумӣ барои корпоратсия хусусияти дуҷонибаи ҳуқуқӣ дорад, зеро манфиати хусусӣ, ки аз рӯйи моҳияти худ хусусӣ аст, якҷоя бо ин манфиати ҷамъиятиро низ дорад.

3. Амалия нишон медиҳад, ки неъматҳои ҷамъиятӣ дар шакли соф кам ба мушоҳида мерасанд. Аксари онҳо неъматҳои омехта мебошанд, ки на ба гурӯҳи неъматҳои ҷамъиятӣ ва на ба неъматҳои соф пурра дохил мешаванд. Нисбати неъматҳои омехта истисноҳои маҳдуд ва рақобат имконпазир аст. Зеро неъматҳои мазкур аз ҷониби ташкилоти хусусӣ ҳам пешниҳод шуда метавонанд. Аммо ҳаҷми он бо сабаби дастнорас будани онҳо ба ашхоси дорои даромади кам метавонад нокифоя бошад, бинобар ин, набудани ин неъматҳо аз ҷониби давлат ҷуброн карда мешавад. Масалан, манфиат аз истифодаи хадамоти маориф ба таври ҷиддӣ хусусияти инфиродӣ ва тақсимшаванда дорад.

4. Маориф, соҳаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва тандурустӣ, ки самараи баланди иҷтимоӣ доранд, ба неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ дохил мешаванд. Истеъмоли ин неъматҳо, пеш аз ҳама, вобаста ба ҳадафҳои сиёсӣ ё иҷтимоии ҷомеа зарур ва матлуб маҳсуб меёбад. Ғайр аз ин, неъматҳои мазкур ба доираи эҳтиёҷоти якумдараҷа, яъне эҳтиёҷоти ҳаётан муҳим дохил карда шудаанд. Бинобар ин, барои неъматҳои мазкур принсипи истисно шудан ба осонӣ муқаррар карда мешавад ва вобаста ба ин, истеҳсол ва таъминоти он дар заминаи механизми

бозор ташкил карда мешавад. Аммо, низоми бозор, яъне субъектҳои бахши хусусӣ ба ин манфиатдор нестанд ва онҳоро ба миқдори кофӣ истеҳсол нахоҳанд кард. Аз ин рӯ, ҳукумат истеҳсолот ё маблағгузории онҳоро ба зиммаи худ мегирад, то ки ба пайдоиши эҳтимолии тақсимоти ками захираҳо ба ин соҳа роҳ надиҳад. Ба ибораи дигар, вобаста ба он ки ин неъматҳо барои ҷомеа таъсири назаррас доранд, давлат истеҳсоли онҳоро ба зиммаи худ мегирад.

5. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеияти равандҳои самти иҷтимоии хоҷагии халқ мушоҳида карда мешавад. Вале дар шароити нав (дар амалияи иқтисоди бозорӣ) ташаккули воқеияти муайяне лозим аст, ки барои тағйир додани шакли анъанавии то ҳол мавҷудаи ба ном табиати ғайрибозории истеҳсолот ва тақсимоти неъматҳои ҷамъиятӣ водор кунад. Имрӯз, ба андешаи мо, бояд қолабҳо ё тарҳҳои нави бозори аҳаммияти иҷтимоидошта ташаккул дода шаванд.

Дар чунин шароити бозорҳо мол ва хизматрасониҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммиятдошта ва дорои аломатҳои неъматҳои омехта ҳамчун объекти мубодила амал мекунанд:

- моҳияти иҷтимоии неъматҳои мазкур, яъне гирифтани самара аз ҷониби шахсони воқеие, ки хароҷоти чашмрас надоранд;
- хусусияти неъмати шахсӣ, ки чун объекти муносибатҳои бозорӣ баромад мекунад ва дорои тамоми хусусиятҳои мол мебошад (арзиши истеъмолӣ, нархи бозорӣ ва ғайра).
- чунин навъи неъматҳо, ба монанди неъмати шахсӣ бо самараи назарраси мусбати беруна нисбатан равшан муайян карда мешаванд.

6. Дар баробари боло рафтани талаботи ҷомеа ба неъматҳои ҷамъиятӣ ва ноил шудан ба стандартҳои муҳимми ҳаётӣ ҳаҷми хароҷоти буҷетӣ зиёд шуда, бахши давлатии иқтисодиёти мамлакат дар тамоми манотиқи мамлакат васеъ гардида истодааст.

Вобаста ба истеҳсол ва пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ давлат усулҳои гуногун (мустақим ва ғайримустақим)-ро истифода мебарад. Усули

мустақим: давлат бевосита истеҳсоли онҳоро анҷом медиҳад, баъзан ҳамчун монополист амал мекунад ё фармоишҳои давлатиро барои истеҳсоли ин неъматҳо ба бахши хусусӣ месупорад.

Усули ғайримустақим: пешниҳоди субсидияҳо, қарзҳои имтиёзнок, имтиёзҳои андозӣ ба корхонаҳои ғайридавлатӣ, ки корхонаҳои мазкурро барои зиёд кардани пешниҳоди неъматҳои мазкур ҳавасманд мекунанд.

Умуман, вазифаи ҳокимият тавассути пешниҳоди неъматҳои ҷамъиятӣ татбиқ мегардад, ки барои таҳвилашон агентҳои иқтисодиёт андоз месупоранд. Ҳангоми ҷамъоварии андозҳо давлат неъматҳои муҳимми иҷтимоиро дар баробари таъминкунандагони ғайритиҷоратӣ ва (ё) тиҷоратӣ таъмин менамояд.

7. Бозор ҳамчун сохтори ниҳоди бахши давлатӣ дар пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷо, дар асоси консепсияи неъмати ҷамъиятӣ чунин хусусиятҳои бозори неъматҳои муҳимми иҷтимоиро ҷудо намудан ба маврид аст:

- талабот ба неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим бояд ба таври баробар қонеъ карда шавад: неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим ба як аъзои ҷомеаи истеъмолӣ нисбат ба аъзои дигар ба миқдори камтар пешниҳод шуда наметавонанд, яъне пешниҳоди ин неъматҳоро бояд давлат танзим намояд;

- истеҳсоли неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ҳам дар бахши давлатӣ ва ҳам дар бахши хусусӣ бо сабаби моҳияти гуногун доштани онҳо истеҳсол карда мешавад;

- дар ҷараёни истеҳсолот ва пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ мушкилоти истифодаи бемузд ба вуҷуд меояд: таваҷҷуҳ ба неъматҳои ҷамъиятӣ бо саркашӣ аз пардохт ва иштирок дар амалҳои дастаҷамъона, ки барои ба даст овардани ин неъматҳо заруранд, ҳамшафат аст;

- баробарии хароҷоти ниҳоӣ барои ҷомеа ва манфиати ниҳоии ҷамъиятӣ аз васеъ кардани истеҳсолот дар муайян кардани ҳаҷми истеҳсоли неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ принсипи асосӣ мебошад, дар бахшҳои хусусӣ баробарии хароҷоти ниҳоӣ ва фоидаи ниҳоӣ барои ин муассисаҳо мавҷуданд.

8. Тандурустӣ дар ҳар як давлат мавқеи калидиро дар таъмини солимии миллат мебозад, ки онро ҳамчун неъмати аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим арзёбӣ намудан мувофиқи мақсад аст ва ин аслан талаботи воқеии аҳолӣ ва ҷамъият мебошад. Ҳамзамон, дар рафти тадқиқот муайян гашт, ки дар ҷумҳурӣ ҳаҷми хизматрасонии музднoки тиббӣ дар давоми солҳои 2015-2021 беш аз 1,8 маротиба афзоиш ёфтааст. Афзоиши ҳаҷми хизматрасонии музднoки муассисаҳои давлатии соҳаи тандурустӣ нисбат ба ҳаҷми хизматрасонии бахши ғайридавлатӣ назаррас аст.

Боиси қайд аст, ки дар ҷумҳурӣ ҳиссаи моликияти давлатӣ дар ин соҳа афзалият дорад ва табиист, ки онҳо, пеш аз ҳама, барои татбиқи манфиатҳои кормандони соҳаи тиб истифода мешаванд. Аз ин ҷост, ки рушди соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи солимии аҳолӣ яке аз бахшҳои ҳаётан муҳим боқӣ монда, ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон муайян гаштааст.

# БОБИ 2.
# ТАҲҚИҚИ ВАЗЪИЯТИ ИСТЕҲСОЛ ВА ПЕШНИҲОДИ НЕЪМАТҲОИ МУҲИМИ ИҶТИМОӢ ДАР БАХШИ ДАВЛАТИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ВИЛОЯТИ СУҒД

## 2.1. Арзёбии сатҳи зуҳури вазифаҳои бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар вилоят

Дар шароити давраи гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёни ташаккул ва рушди намуди омехтаи иқтисодиёт торафт тақвият меёбад. Дар доираи ин намуд мушкилоти омилҳои беруна ва истеҳсолот ва пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ боиси ба вуҷуд омадани соҳаи фаъолияти иқтисодие гардид, ки дар он механизмҳои бозории тақсимоти неъматҳо пурра корандозӣ нашудаанд. Ба ибораи дигар, бахши махсуси ҷамъиятии иқтисодиёт, ки дар он захираҳо ҳам тавассути бозор ва ҳам тавассути дигар ниҳодҳои иқтисодӣ, дар навбати аввал, тавассути давлат тақсим карда мешаванд, ба фаъолият оғоз кард. Иштироки чунин ниҳодҳо (ба истиснои бозор), ба мисли давлат ва як қатор ташкилоти давлатӣ ва ғайритиҷоратӣ аз вазифаҳои умумии бахши ҷамъиятии иқтисод бармеояд, зеро соҳаи таъмини неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ яке аз муҳимтарин зернизомҳои бахши давлатии иқтисодиёт мебошад. Аз ин рӯ, дар ибтидо мо вазифаҳои асосии бахши давлатии иқтисодиётро тавсиф медиҳем, ки вазифаҳои мазкур моҳияти муътадилкунанда, дистрибутивӣ ва аллокативии тақсимот доранд (нигар ба ҷадвали 2.1.1).

Мундариҷаи вазифаҳои мазкур шаҳодат медиҳад, ки татбиқи онҳо бо фаъолияти давлат комилан вобаста аст. Масалан, дар ҷараёни татбиқи вазифаи муътадилкунӣ аз ҷониби давлат дар иқтисодиёт заминаҳои баланд бардоштани сатҳи шуғл ва даромади аҳолӣ тавассути васеъ кардани заминаи андозӣ ва зиёд кардани воситаҳои фондҳои давлатӣ роҳандозӣ ва сатҳи қонеъкунии эҳтиёҷоти иҷтимоӣ баланд ва рушди соҳаи иҷтимоӣ таъмин карда мешавад.

**Ҷадвали 2.1.1. - Вазифаҳои асосии бахши давлатӣ**

| Вазифаҳо | Мундарича |
|---|---|
| **Муътадилкунанда** | *Аз татбиқи сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат вобаста аст, ки ба тағйирёбии қиматҳои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ таъсир мерасонанд: ММД, таваррум, сатҳи бекорӣ, касри буҷети давлатӣ ва ғ.* |
| **Аллокативӣ** | *Аз тақсимоти захираҳо ҳам байни бахши хусусӣ ва ҷамъиятӣ, ҳам дар дохили бахши давлатӣ вобаста аст, таваҷҷуҳи калон ба ҷараёни тақсимот ва аз нав тақсим кардани воситаҳо байни буҷетҳои сатҳҳои гуногун дода мешавад.* |
| **Дистрибутивӣ** | *Тақсимоти даромадро вобаста ба принсипҳои дар асоси назарияи некуаҳволии ҷамъиятӣ гузошташуда дар назар дорад. Сиёсати азнавтақсимкунии даромад татбиқи маҷмуи чораҳоро оид ба муътадилкунии сатҳи миёнаи зисти аҳолӣ, паст кардани миқёси камбизоатӣ, кам кардани фосилаи сатҳи зисти байни гуруҳҳои гуногуни аҳолиро пешбинӣ мекунад.* |

**Сарчашма:** Дар натиҷаи омӯзиши адабиёти илмӣ муаллиф таҳия намудааст.

Дар натиҷаи татбиқи вазифаи аллокативӣ тақсимот ва азнавтақсимкунии воситаҳо байни буҷетҳои сатҳҳои гуногун ба роҳ монда мешавад, ҳудудҳои масъулияти буҷетҳои минтақавӣ барои татбиқи баъзе вазифаҳо муайян карда мешаванд, инчунин, мустақилияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳам дар гирифтани воситаҳои буҷетӣ ва ҳам дар истифодаи онҳо муайян мегардад. Вазифаи дистрибутивӣ, ки тавассути сиёсати тақсимоти даромад амалӣ карда мешавад, барои иқтисоди минтақаҳо ва дар маҷмуъ кишвар аҳаммияти бузург дорад. Ин бо он шарҳ дода мешавад, ки болоравии миқёси камбизоатӣ ба кам шудани талаботи пардохтпазирии аҳолӣ ва чун натиҷа, ба кам шудани ҳаҷми сармоягузорӣ ва истеҳсоли миллӣ оварда мерасонад. Дар ҷараёни татбиқи вазифаи дистрибутивӣ, инчунин, фароҳам шудани шароити баробари дастрасӣ ба неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ таъмин мегардад. Барои мисол, сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он равона карда шудааст, ки тавассути таъмини фаъолияти пурсамари тамоми сохтор ва мақомоти давлатӣ барои ҳар як шаҳрванди кишвар шароити зиндагии арзанда таъмин шавад. Бо ин мақсад, Ҳукумати кишвар барои таъмини рушди устувор чандин барномаву ҳуҷҷатҳои муҳим, аз ҷумла, Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2015, Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои

солҳои 2013-2015 [55], Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва дигар барномаҳои давлатиро қабул намуд. Дар натиҷаи амалӣ гаштани ҳуҷҷатҳои стратегӣ нишондиҳандаи сатҳи камбизоатӣ аз 38,3%-и соли 2013 то 26,3% дар соли 2020 паст гардида, ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ аз 12 млрд сомонии соли 2013 то 23,6 млрд сомонӣ дар соли 2020, яъне 2 баробар афзоиш ёфт. Инчунин, лоиҳаҳои давлатӣ ва сармоягузорӣ амалӣ гашта, беш аз 4 млрд сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ равона карда шуд. Яъне дар натиҷаи татбиқи ин ҳуҷҷатҳои барномавӣ рушди иқтисодии кишвар ва минтақаҳои он, идоракунии самаранок ва амалӣ шудани афзалиятҳои стратегии кишвар таъмин карда шуда, ба таври ҷиддӣ сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ беҳтар гашт.

Қайд кардан зарур аст, ки татбиқи манфиатҳои ҷамъиятӣ, ки бо амалисозии вазифа ва чораҳои гуногуни бахши давлатии ҷумҳурӣ ба самти пешниҳод ҳамчун ташкилоти зернизомӣ вобастаанд, якчанд сатҳҳоро дар бар мегирад. Ба ибораи дигар, фаъолияти ин зернизомро на танҳо дар сатҳи кишвар баррасӣ кардан, балки ба фаъолияти бахши ҷамъиятии минтақавӣ таваҷҷуҳ кардан мумкин аст. Аз ин рӯ, оид ба имконпазир ва мувофиқи мақсад будани ғайримутамарказкунонӣ дар бахши давлатӣ: вогузор кардани баъзе вазифаҳо ба сатҳи минтақавӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба миён меояд.

Аммо амалисозии вазифаи муътадилкунандаи бахши давлатӣ, ки низоми танзимкунандаи таъсири давлат ба тағйирёбии қиматҳои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ (ба монанди ММД, таваррум, сатҳи бекорӣ, касри буҷети давлатӣ ва ғайра) аст, ба зиммаи Ҳукумати ҷумҳурӣ вогузор шудааст. Вазифаи дистрибутивӣ, яъне аз нав тақсим кардани даромад низ асосан ба таври мутамарказ амалӣ карда мешавад.

Чунки дар акси ҳол бо вазъи зуҳуроти кӯчидан ё муҳоҷиршавии аҳолӣ дучор шудан мумкин аст: аҳолии даромади баланддошта ба минтақаҳое

[55] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ. (26.05.13), ш. Душанбе. С.22

мераванд, ки тақсими даромад заиф аст ва аҳолии камдаромад ба ҷойҳои сердаромад хоҳанд рафт.

Масалан, дар шаҳри Душанбе шумораи бекорон назар ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ нисбатан камтар аст ва музди миёнаи ҳармоҳаи номиналии ҳисобшуда аз ҳама баланд аст: ин нишондиҳанда нисбат ба нишондиҳандаи миёнаи мамлакат да сатҳи 1,49 ва ё 49% баланд мебошад. Аз ин рӯ, дар солҳои охир воридшавии аҳолии қобили меҳнат ба шаҳри Душанбе афзоиш ёфтааст (нигар ба ҷадвали 2.1.2).

Ин ҳолат мутаносибан, фарогирии бозори неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро дар Душанбе васеъ ва дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, ки шумораи бекорон дар онҳо зиёд аст, маҳдуд менамояд. Масалан, дар вилояти Суғд шумораи бекорон 7,8 ҳазор нафарро ташкил додааст, ки ин нишондиҳанда дар байни минтақаҳои ҷумҳурӣ мавқеи сеюмро ишғол мекунад. Аммо сатҳи музди меҳнати номиналии ҳармоҳаи ҳисобшуда 88%-и музди меҳнати номиналии миёни тамоми кормандони соҳаҳои иқтисодиёти мамлакатро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 2.1.2. - Шумораи бекорон ва сатҳи музди меҳнати кормандон дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021**

| | Ҷумҳурии Тоҷикистон | ВМКБ | Вилояти Хатлон | Вилояти Суғд | НТҶ | шаҳри Душанбе |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи бекорон, ҳазор нафар | 54,6 | 5,5 | 16,2 | 7,8 | 21,1 | 4,0 |
| Музди меҳнати номиналии ҳармоҳаи ҳисобшуда, сомонӣ | 1540,84 | 1459,28 | 1143,19 | 1418,81 | 1274,72 | 2282,97 |
| Фарқият аз музди миёнаи ҳармоҳаи мамлакат | | 0,95 | 0,74 | 0,92 | 0,83 | 1,48 |

**Сарчашма: Аз рӯйи сарчашмаи зерин ҳисоб карда шуд:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. - С.95, 136.

Дар доираи вазифаи аллокативӣ, яъне иҷрои вазифаи тақсимоти захираҳо давлат бо роҳи ғайримарказикунонӣ амал мекунад. Ваколатҳои тақсимот ва азнавтақсимкунӣ байни марказ ва минтақа (сатҳи мақомоти ҳокимияти давлатии ҷумҳриявӣ ва маҳаллӣ) муайян карда мешавад. Дар ин раванд вобаста

ба тамоюли бештар ба ниёзҳои аҳолии минтақа ва маҳаллӣ, самаранокии истифодаи захираҳои бахши давлатӣ меафзояд. Аслан дар сатҳи минтақавӣ барои муайян кардани афзалиятҳои истеъмолкунандагон ва ҷалби Сарчашмаҳои иловагии ғайридавлатии маблағгузорӣ барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ имкониятҳои бештар мавҷуданд. Вобаста ба ин, дар баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон борҳо қайд мегардад, ки зарурати идома додани ислоҳоти иқтисодӣ ва таъмини рушди босуботи минтақаҳои кишвар ҷузъи таркибии сиёсати давлат мебошад. Аз ин рӯ, бо назардошти арзишҳои миллӣ рушди шаҳр ва минтақаҳои мамлакат шарти зарурии баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ арзёбӣ мегардад.

Дар айни замон сатҳҳои гуногуни ҳокимияти давлатӣ ваколатҳои худро доранд, ки дар санадҳои қонунгузории ҷумҳурӣ тасдиқ шудаанд. Байни сатҳҳои ҳокимият робитаҳои рақобатнок рушд ёфтаанд ва тақсими ваколатҳо байни онҳо бо бартарияти ҳар кадоме аз сатҳҳо муайян карда мешавад.

Мақомоти марказӣ барои қабули қарорҳо пойгоҳи хуби иттилоотӣ доранд, метавонанд мутахассисони нисбатан баландихтисосро ҷалб кунанд, захираҳои назарраси молиявӣ ва моддиро ҷамъоварӣ кунанд, кишварро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ кунанд. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бошанд, анъана ва хусусиятҳои қаламрави муайян, сарватҳои табиии он, вазъи фаъолияти соҳибкорӣ, манфиат ва эҳтиёҷоти аҳолиро хубтар медонанд.

Вазифаҳои асосӣ дар соҳаи пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ дар доираи бахши давлатӣ самтҳои зерин доранд:

**Якум**, барои қонеъ кардани эҳтиёҷот тавассути истеҳсоли маҷмуи муайяни неъматҳо (мол ва хизматрасонӣ) масъулият ба дӯш гирифта мешавад. Дар ин ҷо чунин неъматҳое истеҳсол карда мешаванд, ки ё ба неъматҳои ҷамъиятӣ ва иҷтимоии муҳим, ё ба омилҳои асосии ташаккули ин неъматҳо тааллуқ доранд. Масалан, ташкили ярмаркаи мактабӣ ва фурӯши лавозимоти мактабӣ бо нархҳои нисбатан арзон.

**Дуюм,** мутобиқи қонунгузории мавҷуда барномаҳои гуногуни кумаки иҷтимоиро барои аъзои эҳтиёҷманди ҷомеа маблағгузорӣ ва ташкил менамояд,

барои дастрасӣ ба неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ шароит фароҳам меорад. Ба ин гурӯҳи аҳолӣ, масалан, шаҳрвандони камбизоат, маъюбон, иштирокчиёни амалиётҳои ҷангӣ ва дигарон дохил мешаванд.

**Сеюм**, барномаҳои гуногунро оид ба суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ ва тиббӣ дар ҳолати гум кардани қобилияти меҳнатӣ (муваққатӣ ё тибқи синну сол) маблағгузорӣ ва таъмин менамояд. Барои ин тадбирҳо заминаи ниҳодӣ дар мамлакат вуҷуд дорад. Масалан, тибқи моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», «суғуртаи давлатии иҷтимоӣ низоми навъҳои аз ҷониби давлат кафолатдодашудаи таъмини ашхоси суғурташуда ҳангоми маҳрум гардидан аз музди меҳнат ё даромад дар натиҷаи беморӣ, осеби меҳнатӣ ё бемории касбӣ, маъюбӣ, ҳомиладорӣ ва таваллуд, пирӣ, бекорӣ, аз даст додани саробон, фавтидан ва дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби саҳмҳои ҳатмии суғуртаи корфармоён ва шаҳрвандон иборат мебошад. Суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ҳатмӣ мебошад».[56]

Дар ин ҳолат, он маблағи суғуртаро ҷамъ меорад ва ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳодисаи суғурта маблағҳои дахлдорро пардохт мекунад. Тавре маълум аст, даромади низоми суғуртаи давлатии иҷтимоӣ тавассути пардохтҳои ҳатмӣ ба фондҳои ғайрибуҷетии дахлдор ташаккул меёбад: андухтҳои иҷтимоӣ мунтазам ворид карда мешаванд ва ҳатмӣ мебошанд. Инчунин, бояд қайд кард, ки агар низоми суғурта ҳатмӣ бошад, пас он ба неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ робита дорад ва агар ихтиёрӣ бошад, пас он ба неъмати клубӣ тааллуқ дорад [57].

Инчунин, низоми кумаки иҷтимоӣ мавҷуд аст, ки нигоҳубини аъзои осебпазири ҷамъиятро таъмин мекунад. Дар ҳолати мазкур ба аъзоёни осебпазир намудҳои мухталифи неъматҳои ҷамъиятӣ ва иҷтимоӣ пешниҳод мешаванд, ки истеъмоли онҳо самти мақсаднок дорад, аммо барои ҳамаи аъзои

---

[56] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» Қонуни ҶТ аз 1.08.2003 № 35, аз 29.04.2006 № 187, аз 5.03.2007 № 244, аз 30.07.2007 № 332, аз 6.10.2008 № 440, аз 16.04.2012 № 824, аз 01.08.2012 № 893, аз 28.12.2013 № 1059 [манбаи электронӣ] URL: http://nafaka.tj/tj/qonunho/qonun-13-12-1997-517

[57]. Ахинов, Г.А. Основы экономики общественного сектора [Текст]/Г.А. Ахинов. - М.: Экономический факультет МГУ, ТЕИС, 2006. - С.29.

ҷомеа ҳатмӣ нест. Таҳияи равишҳои ягона нисбати муайян кардани гурӯҳҳои аҳолии ба кумак ниёзманд муҳим аст.

Бояд қайд кард, ки маблағгузории истеҳсолот ва пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ба аҳолӣ, ки истеъмоли онҳо моҳияти умумӣ ва ҳатмӣ дорад, тавассути низоми молия ва андоз амалӣ карда мешавад. Ба ибораи дигар, ташкили истеҳсоли неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ дар асоси андозбандӣ ба роҳ монда шудааст. Дар асл, дар давлати ҳуқуқбунёд андозбандӣ ҳамчун як низоми ихтиёрӣ ва ҳатмии муносибатҳои иқтисодии байни шахсият ва давлат ҳамчун пардохт ба давлат барои татбиқи барномаҳои умумии давлатӣ баррасӣ карда мешавад.

Акнун сохтор, ҳаҷм, номгӯйи неъматҳои муҳимми иҷтимоиро аз нуқтаи назари иқтисодиёти бахши ҷамъиятии минтақа муфассал баррасӣ менамоем. Аксарияти неъматҳои ҷамъиятӣ ва муҳимми иҷтимоӣ хусусияти минтақавӣ доранд, яъне аз ҷониби сокинони минтақаи муайян истеъмол карда мешаванд. Тавре ки аллакай дар боло қайд карда шуд, ғайримарказикунонӣ имкон медиҳад, ки сохтори амудии бахши давлатӣ муносиб гардонида шавад, ваколат ва ӯҳдадориҳои фискалӣ барои пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ба сатҳи минтақавӣ, ки имконияти бештари татбиқи онҳоро дорад, супорида шаванд. Дар адабиёти иқтисодӣ аксарияти олимону таҳқиқотгарон чунин меҳисобанд, ки қарори ғайримарказӣ гардонидани истеҳсол ва таҳвили неъматҳои ҷамъиятӣ назар ба қарори мутамарказ самараи бештар дорад[58].

Дар маҷмуъ, тақсими ваколатҳо байни марказ ва минтақа, байни сатҳҳои алоҳидаи ҳокимият тақсимоти ваколатҳои хароҷотӣ ва даромадро дар бар мегирад. Минтақаи муайян, вилоятҳои кишвар барои истеҳсоли неъматҳои муҳимми иҷтимоии муайян масъулиятро ба зимма мегиранд ва мутаносибан воситаҳои худро вобаста ба ин мустақилона сарф мекунанд. Тақсимоти ваколатҳои хароҷотӣ аз рӯйи самтҳои алоҳидаи низоми буҷет дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаҳои 18 ва 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи

[58] Якобсон, Л.И. Экономика общественного сектора: Основы теории государственных финансов [Текст]/Л.И. Якобсон. - М.: Аспект Пресс, 1996. - С. 289.; Ахинов, Г.А. Экономика общественного сектора [Текст]/ Г.А. Ахинов, Е.Н. Жильцов. - М.: ИНФРА-М, 2008. - С.303.

буҷети давлатӣ" (28 июни соли 2011 №723 қабул шудааст), ки дар ҷадвали 2.1.3. оварда, ба таври равшану возеҳ муайян шудааст.

**Ҷадвали 2.1.3. - Тақсимоти ваколатҳо байни сатҳҳои алоҳидаи ҳокимият дар самти маблағгузории бахши ҷамъиятӣ**

| **Хароҷоти муштараки буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ (моддаи 19)** | **Хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ (моддаи 18)** |
|---|---|
| *Дастгирии давлатии соҳаи саноат, сохтмон, хоҷагии қишоварзӣ, энергетика, нақлиёт, алоқа ва хоҷагии роҳ* | *Таъмини фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроияи худидоракунии маҳаллии шаҳракҳо ва деҳот* |
| *Таъмини фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ* | *Ташаккули моликияти коммуналӣ дар маҳалҳо ва идоракунии он* |
| *Таъмини бехатарии зиддисӯхтор* | *Ташкил ва таъмини фаъолият ва инкишофи муассисаҳо ва рушди муассисаҳои маданӣ, варзишӣ ва тарбияи ҷисмонӣ, матбуоти даврӣ ва нашриёҳо, муассисаҳои дигаре, ки ба моликияти коммуналӣ тааллуқ доранд ё дар ихтиёри мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ қарордошта* |
| *Таъмини фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, таҷрибавӣ-конструкторӣ, лоиҳавӣ-таҳқиқотӣ, ки рушди илмӣ-техникиро таъмин мекунад* | *Рушди хоҷагии коммуналӣ-манзилӣ; сохтмони роҳҳои аҳаммияти маҳаллӣ ва нигоҳдории онҳо; ободонӣ ва кабудизоркунии маҳалҳо; ташкили истифода ва коркарди партовҳои маишӣ* |
| *Таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маориф, тандурустӣ, маданият ва варзиш* | *Ташкили хизматрасонии нақлиёт барои аҳолӣ ва муассисаҳое, ки дар соҳибмулкии коммуналӣ ё дар ихтиёри мақомоти ҳокимияти давлатии маҳаллӣ қарор доранд* |
| *Таъмини ҳифзи табиат, ҳифз ва такрористеҳсоли захираҳои табиӣ, фаъолияти гидрометеорологӣ* | *Ҳифзи табиат дар маҳал* |
| *Таъмини огоҳкунӣ ва бартарафкунии оқибатҳои вазъиятҳои фавқулода ва офатҳои табиӣ* | *Амалӣ кардани барномаҳои ҳадафноки мақомоти ҳокимияти давлатии маҳаллӣ* |
| *Рушди инфрасохтори бозор* | *Хизматрасонӣ ва пардохт кардани қарзҳои мақомоти ҳокимияти давлатии маҳаллӣ* |
| *Таъмини фаъолияти воситаҳои ахбори умум* | *Трансфертҳо ба аҳолӣ* |
| *Кумаки молиявӣ ба буҷетҳои дигар* | *Гузаронидани интихоботи мақомоти намояндагии ҳокимияти маҳаллӣ* |
| *Хароҷоти дигаре, ки дар пешбурди муштараки мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатии мақомоти иҷроияи маҳаллии шаҳрак ва деҳот* | *Маблағгузории қарорҳои дигари мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ва хароҷоти дигар тибқи таснифоти буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъалаҳои моҳияти маҳаллидошта дониста мешаванд* |

**Сарчашма:** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатӣ», 28 июни соли 2011, №723. - С.14.

Агар ягон низоми мушаххас ва устувори тақсимоти ваколатҳои харочотӣ мавчуд набошад, он гоҳ ҳолати пешниҳоди ғайрисамарабахши хизматрасонии асосии давлатӣ рӯй медиҳад. Бояд қайд кард, ки чудо кардани ваколатҳои харочотӣ аҳаммияти аввалиндарача дорад. Амалан дар аввал ҳадди ақали ягонаи кафолатноки неъматҳои чамъиятӣ барои ҳама баробар муайян карда мешавад (стандартҳои ягонаи ичтимоӣ) ва пас аз ин, онҳо барои ҳадди ақали мазкур маблағгузориро чустучӯ мекунанд.

Агар дар минтақа барои маблағгузории ҳадди ақали мазкури неъматҳои чамъиятӣ Сарчашма вучуд надошта бошад, он гоҳ ба ин раванд марказ - давлат дахолат карда, ба ин роҳ тавассути истифодаи трансфертҳои баробарвазн сатҳи баробари зистро барои ҳама таъмин мекунад. Таъмини самаранокии пешниҳоди хизматрасонӣ аз чониби бахши давлатӣ, пеш аз ҳама, ба он равона шудааст, ки он талабот, ниёз ва хоҳишҳои андозсупорандагонро ба таври беҳтарин қонеъ намояд. Зеро манбаи асосии даромади бучет дар минтақа даромадҳои андозӣ мебошанд. Мустақилияти минтақаҳои чумҳурӣ дар таъмини қисми даромад, ки барои пешниҳоди неъматҳои ичтимоӣ заруранд, шарти муҳимми ташаккули низоми муассири муносибатҳои байнибучетӣ мебошад.

**Чадвали 2.1.4. - Динамика ва тағйироти сохтории даромади бучети давлатӣ**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **Соли 2021 нисбат ба соли 2015, %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳачми умумии бучети давлатӣ, млн сомони | 16586,5 | 18405,2 | 19955,5 | 23925,5 | 23469,4 | 25065,0 | 30053,8 | 181,1 |
| аз он чумла: бучети чумҳуриявӣ | 7239,4 | 8169,4 | 8684,2 | 10756,4 | 10286,6 | 11034,0 | 12545,6 | 173,2 |
| ба ҳисоби фоиз нисбат ба бучети давлатӣ | 43,6 | 44,3 | 43,5 | 45 | 43,8 | 44,0 | 41,7 | -2 бф |
| бучети маҳаллӣ | 4991,1 | 5861,2 | 6124,2 | 7805,1 | 7256,2 | 7462,6 | 9123,0 | 182,7 |
| ба ҳисоби фоиз нисбат ба бучети давлатӣ, % | 30,1 | 31,8 | 30,6 | 32,6 | 30,9 | 29,8 | 30,3 | 0,2 бф. |

**Сарчашма:** Омори солонаи Чумҳурии Точикистон, 2021. - С.653 – 676., 2022.- С.390

Чуноне, ки маълумоти чадвали 2.1.4 нишон медиҳад, дар низоми буҷети мамлакат ҳаҷми қисми даромади буҷети маҳаллӣ дар давраи солҳои 2015-2021 аз 4991,1 то 9123,0 млн сомонӣ ва ё беш аз 82,7% зиёд шудааст. Ҳаҷми он ба ҳисоби фоиз нисбат ба буҷети давлатӣ соли 2021 30,3%-ро ташкил кард. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2015 0,2 банди фоиз шудааст, ки барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, пеш аз ҳама, барои пешниҳоди хизматрасониҳои аз нигоҳи иҷтимоӣ муҳим сафарбар шудааст.

**Ҷадвали 2.1.5. - Даромади буҷети вилояти Суғд (млн сомонӣ)**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **Соли 2021 нисбат ба соли 2012 %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Даромад, ҳамагӣ** | 1230,9 | 1366,0 | 1607,8 | 1722,4 | 1924,6 | 1839,6 | 2435,2 | 200,2 |
| аз он ҷумла: андоз аз даромади шахсони воқеӣ | 253,4 | 235,7 | 207,5 | 232,1 | 239,6 | 160,5 | 231,3 | 91,3 |
| андоз аз фоида | 263,3 | 295,4 | 405,6 | 479,7 | 597,1 | 494,2 | 730,5 | 2,7 маротиб |
| андоз аз амволи ғайриманқули шахсони воқеӣ, андози замин | 62,7 | 72,5 | 88,2 | 98,5 | 107,3 | 118,9 | 132,4 | 211,1 |
| андозе, ки аз рӯйи системаи содакардашуда пардохьа мешавад | 183,3 | 209,9 | 262,5 | 179,5 | 222,2 | 178,0 | - | - |
| андоз аз соҳибони воситаҳои наклиёт | 17,2 | 20,9 | 22,0 | 25,1 | 75,4 | 54,1 | 83,6 | 4,8 маротиб |
| андоз аз истифодаи захираҳои табиӣ | 41,3 | 21,6 | 64,5 | 67,5 | 39,2 | 76,7 | 597,5 | 14,4 маротиба |
| андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо | 24,7 | - | - | 32,5 | - | 26,3 | - | - |
| боҷҳои давлатӣ | 148,5 | 245,4 | 307,5 | 359,6 | 362,5 | 468,6 | 37,3 | 25,0 |
| андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомабилгард | 181,6 | 201,2 | 218,8 | 37,5 | - | 41,8 | - | - |
| Андози ягона | 54,8 | 46,0 | - | - | - | - | - | - |
| Аксизҳо | - | 17,1 | - | 210,0 | 42,8 | 220,5 | 76,8 | - |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Суғд, 2021. - С. 675 – 685., 2022. –С. 484

Умуман, афзоиши қисми даромади буҷети маҳаллӣ кафолат медиҳад, ки мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ барои таъмини рушди иҷтимоиву

иқтисодии минтақаҳо, вилояту ноҳияҳои мамлакат тадбирҳои лоиҳаҳои сармоягузории иҷтимоиро маблағгузорӣ намоянд.

Дар ин ҷода мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳаллии вилояти Суғд миёни дигар минтақаҳои мамлакат пешсаф мебошад. Тавре ки аз маълумоти ҷадвали 2.1.5 маълум мегардад, дар давраи солҳои 2015-2021 ҳаҷми даромади буҷети маҳаллии вилояти Суғд аз 1230,9 то 2435,2 млн сомонӣ, ё 102% зиёд шудааст.

Ғанӣ гаштани даромади буҷети маҳаллӣ бештар аз ҳисоби андоз аз фоида ва боҷҳои давлатӣ, ки соли 2021 нисбат ба соли 2015 мувофиқан ба 87,7% ва 3,1 маротиба зиёд шудааст, сурат гирифтааст.

Ин нишондиҳанда оид ба рушди иқтисодии корхонаҳои иқтисодиёти вилоят ва муносибатҳои иқтисоди берунаи онҳо шаҳодат медиҳад. Афзудани ҳаҷми андоз аз амволи ғайриманқули шахсони воқеӣ ва соҳибони воситаҳои нақлиёт, ки дар давраи таҳлилӣ мувофиқан 89,6% ва 3,1 маротиба зиёд шудааст, оид ба рушди ҳаёти иҷтимоии мардуми вилоят ва сарватҳои моддии онҳо шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тариқ, рушди иқтисодии вилоят имконият додааст, ки сол аз сол даромади буҷети вилояти Суғд афзун гардад. Зимнан бояд қайд намуд, ки дар вилояти Суғд қонуни А. Вагнер доир ба фаъол гаштани вазифаи иҷтимоии давлат пайваста бо афзудани талаботи ҷомеаи вилоят ба неъматҳои ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама, неъматҳои аз нигоҳи иҷтимоӣ муҳим, зуҳур намуда истодааст.

Қонуни А. Вагнер алоқамандии миёни истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ ва хароҷоти буҷети мақомоти иҷроияи маҳаллии вилоят, аниқтараш рушди афзалиятноки хароҷоти буҷети маҳаллиро нисбат ба рушди МММ ифода менамояд [59].

Чӣ тавре ки аз рақамҳои ҷадвали 2.1.6 бармеояд, қариб дар даҳ соли охир, яъне дар давраи солҳои 2010-2021 дараҷаи рушди хароҷоти буҷети маҳал нисбат ба дараҷаи рушди ММД баландтар буд. Яъне коэффитсиенти афзалияти

---

[59] Мирсаидов, А.Б. Роль государственного сектора в развитии общественного сектора экономики Республики Таджикистан [Текст]/А.Б. Мирсаидов // Экономика Таджикистана. – 2013. - №2. - С.31-41.

рушди хароҷоти буҷет нисбат ба дараҷаи рушди ММД аз 1 боло аст, ба истиснои панҷ сол (2011, 2016-2017 ва 2020-2021).

**Ҷадвали 2.1.6. - Динамикаи рушди МММ ва хароҷоти буҷети мақомоти иҷроияи маҳаллии вилояти Суғд**

| Солҳо | Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ | | Хароҷоти буҷети давлатӣ | | Коэффитсиенти афзалияти хароҷоти буҷет |
|---|---|---|---|---|---|
| | млн сомонӣ | Дараҷаи афзоиш нисбат ба соли гузашта, % | млн сомонӣ | Дараҷаи афзоиш нисбат ба соли гузашта, % | |
| 2010 | 5716,2 | 114,5 | 447,2 | 122,1 | 1,06 |
| 2011 | 7179,3 | 125,6 | 554,0 | 123,8 | 0,98 |
| 2012 | 8961,2 | 124,8 | 713,1 | 128,7 | 1,03 |
| 2013 | 10439,9 | 116,5 | 885,8 | 124,2 | 1,07 |
| 2014 | 11530,5 | 110,4 | 1045,2 | 117,9 | 1,07 |
| 2015 | 12036,9 | 104,4 | 1181,7 | 113,0 | 1,08 |
| 2016 | 14654,8 | 121,7 | 1349,5 | 114,2 | 0,94 |
| 2017 | 17510,7 | 119,5 | 1569,8 | 116,3 | 0,97 |
| 2018 | 18343,81 | 104,7 | 1678,9 | 106,9 | 1.02 |
| 2019 | 20537,11 | 112,0 | 1889,2 | 112,5 | 1,0 |
| 2020 | 21621,9 | 105,3 | 1875,9 | 99,3 | 0,94 |
| 2021 | 27465,4 | 127,0 | 2379,9 | 126,5 | 0,99 |

**Сарчашма**: Омори солонаи вилояти Суғд, 2021. - С.12-16., 2022. –С.11, 483

Дар адабиёти иқтисодӣ бахшида ба масъалаҳои буҷет зикр шудааст, ки барои фаъолияти самараноки бахши давлатии иқтисодиёти минтақа, он бояд дар муайян кардани эҳтиёҷот ба неъматҳои ҷамъиятӣ ва дарёфти захираҳо барои қонеъ кардани онҳо мустақил бошад. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллии давлатӣ бояд аз кумакҳо ва трансфертҳои ҳукумати марказӣ мустақил бошанд ва қисми зиёди воситаҳоро дар шакли андозҳои худ ҷамъоварӣ кунанд[60]. Аз рӯйи назари рафторӣ агар манбаи асосии маблағгузории барномаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ воситаҳо аз буҷети ҷумҳуриявӣ бошад, эҳтимоли паст шудани масъулияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар истеҳсолу пешниҳоди хизматрасонии бесифат пайдо шавад (яъне рафтори опортунистӣ) ва ҳокимияти болоиро дар маблағгузории нокифоя ва ғайрисаривақт айбдор ҳам менамоянд.

[60]Грибов Е.Е. Теория бюджетного федерализма и особенности ее реализации в национальной экономике [Текст]/Е.Е. Грибов. - СПб, 2005. - С.83.

Дар ҳолати истифодаи маблағҳои худ барои пӯшонидани хароҷот дар сатҳи минтақавӣ масъулият дар назди андозсупорандагон меафзояд. Аммо, бояд робитаи байни зиёдшавии миқдор ва сифати хизматҳои расонидашуда ва афзоиши хароҷоти истеҳсоли ин хизматрасониҳо шарҳ дода шавад. Аз ин рӯ, ҳалли ин масъала ташаккули ҳамкориҳои самараноки байни ниҳодҳои давлатии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро пешбинӣ мекунад, ки ин барои баланд бардоштани сифати механизмҳои истифодаи маблағҳои буҷетӣ мусоидат мекунад. Ба сифати равиши имконпазир ҷудо кардани вазифа ва ҳадафҳои байни марказ ва минтақа дар ин самт хизмат карда метавонад, ки ин дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи худидоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» сабт шудааст.

Бояд қайд кард, ки таҳия ва такмили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии рушди бахши давлатии иқтисодиёт бо назардошти тавсияҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба салоҳияти мақомоти ҷумҳуриявӣ дохил мешавад. Дар сатҳи минтақавӣ бошад, масъалаҳои вобаста ба ҷамъоварии захираҳои молиявӣ бо мақсади таъмини амалигардонии лоиҳаҳои сармоягузории иҷтимоӣ дар ин соҳа ҳаллу фасл мешаванд. Қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ тавассути истифодаи самараноки захираҳои мавҷудаи минтақа вазифаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошад. Ба низоми муносибатҳои иқтисодии байни марказ ва минтақаҳои мамлакат, инчунин, ба фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ омилҳои гуногуни ҷуғрофӣ, сиёсӣ ва миллӣ-маданӣ таъсир мегузоранд. Омилҳое, ки ба сатҳи ташаккули даромади буҷети маҳаллӣ таъсир мерасонанд, дар ҷадвали 2.1.7. оварда шудааст.

Таҳлил ва баррасии омилҳои мазкур барои таҳияи стратегияҳо ва амалисозии иҷроиши вазифаҳои бахши давлатӣ муҳим аст. Ғайр аз он, як қатор омилҳои беруна ва дохилӣ мавҷуданд, ки ба ташаккули заминаи даромади минтақа таъсир мерасонанд. Ба омилҳои беруна нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, пеш аз ҳама, таваррум ва қонунгузории миллии андозӣ дохил мешаванд: фаъолияти мақомоти ҷумҳуриявӣ ба омилҳои мазкур таъсир мерасонад.

**Ҷадвали 2.1.7. - Омилҳои дохилии ба заминаи даромади минтақавӣ (буҷети маҳаллӣ) таъсиррасон**

| № | Омилҳо | Моҳият |
|---|---|---|
| 1. | **Табиӣ-захиравӣ** | *Мавҷудияти иқтидори ашёӣ, табиӣ-захиравии минтақа. Истифодаи самараноки захираҳои замин, хок, захираҳои ҷангал метавонад ба минтақа имкон диҳад, ки заминаи андоз тавассути ҳавасмандгардонии истеҳсолот афзояд ва воридоти андоз бе тақвият бахшидани андозбандӣ зиёд карда шавад.* |
| 2. | **Истеҳсолӣ-техникӣ** | *Вазъияти иқтидорҳои истеҳсолӣ, фарсудашавии таҷҳизот, мавҷудият ва истифодаи технологияҳои нав. Ҳангоми таҳияи сиёсати минтақавии андоз ба назар гирифтани ҳавасмандкунии имконпазири андозии соҳаҳои афзалиятноки хоҷагиҳои минтақа муҳим аст, ки метавонад зиёдшавии заминаи андоз ва рушди иқтисодиро дар соҳаҳои ҳамшафат ё вобаста ба вуҷуд орад.* |
| 3. | **Омили инсонӣ** | *Омили меҳнатӣ ва сармояи инсониро дар бар мегирад. Омилҳои меҳнатӣ ба ташаккули заминаи андозӣ тавассути афзоиш ё паст кардани истеъмоли мол, маҳсулоти хӯрока, хизматрасонӣ, ҷамъоварии пасандоз ва ғ. таъсир мерасонанд. Ҳангоми таҳияи сиёсати андоз оид ба шумораи аҳолии фаъоли қобили меҳнат, ҳиссаи нафақахӯрон ва наврасон, муҳоҷират, сатҳи маърифат ва, ҳатто, шумораи хоҷагиҳои ёрирасон тасаввурот пайдо кардан муҳим аст.* |
| 4. | **Омилҳои идорӣ (дар сатҳи минтақавӣ)** | *Ҳамаи амалҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро дар бар мегирад, ки ба ташаккули заминаи андози минтақа таъсир мерасонад. Таъсири мазкур метавонад ғайримустақим (дар иқдомҳо, ғояҳо, созишномаҳои ҳокимияти иҷроия ва судӣ) ва мустақим (тариқи татбиқи механизми қонунгузорӣ аз ҷониби мақомоти намояндагӣ) бошад.* |
| 5. | **Омилҳои нақлиётӣ-ҷуғрофӣ** | *Мавқеи ҷуғрофии минтақа, инчунин, таъминоти инфрасохтории онро дар бар мегирад. Ба ташаккули заминаи андози минтақа, масалан, ҷолибияти сайёҳии он, мавқеи мувофиқи роҳҳои нақлиётӣ, бандарҳо, шароитҳои иқлимӣ ва ғ. таъсири мусбат расонида метавонанд.* |
| 6. | **Омилҳои инвеститсионӣ** | *Пеш аз ҳама, ҷолибияти инвеститсионии минтақа мебошад, ки бо омилҳои дар боло зикршуда вобастааст. Инвеститсияҳо метавонанд ба минтақа ба сифати маблағгузории мустақим ба лоиҳаҳои мушаххас, ё ба сифати андӯхт ба саҳмияҳои корхонаҳое, ки дар ҳудуди минтақа амал мекунанд, ворид шаванд.* |
| 7. | **Омилҳои иҷтимоӣ** | *Ба шароитҳое, ки фазои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаро муайян мекунанд, инҳо дохил мешаванд: ҷолибияти минтақа барои зист, сатҳи ҷинояткорӣ ва ташаннуҷи иҷтимоӣ, табақаҳои ҷамъият, инчунин, таркиби миллӣ ва синнусолии аҳолӣ ва ғ. Ҷанбаҳои мусбати нишондиҳандаҳои мазкур муҳоҷирати аҳолии сарватмандро ба минтақа таъмин мекунанд, фаъолнокии бозори амволи ғайриманқулро дар минтақа ҳавасманд месозанд, ба сохтмон мусоидат мекунанд ва чун натиҷа зиёдшавии заминаи андозро таъмин менамоянд.* |
| 8. | **Омили экологӣ** | *Омилҳои экологӣ метавонанд ба ҳаҷми заминаи андоз таъсири ҷиддӣ дошта бошанд: мақомоти ҳокимияти давлатии маҳаллӣ метавонанд стандартҳои қатъии экологиро ҷорӣ кунанд ва ё ҷубронҳои иловагиро аз корхонаҳое, ки фаъолияти зарарноки экологиро амалӣ мекунанд, ситонанд.* |

**Сарчашма:** Муаллиф тартиб додааст.

Дар шароити мазкур мақомоти минтақавӣ метавонанд сиёсати худро вобаста ба омилҳои мухталифи дохилӣ таҳлил намуда, даромади андози худро афзун намоянд. Таҳлили ҳамаҷонибаи омилҳои мазкур, ҷустуҷӯи механизмҳои истифодаи онҳо ва дар ин асос муайян намудани самтҳои афзалиятноки иқтисоди минтақа барои ташаккули сиёсати минтақавӣ, ки афзоиши манбаи даромади буҷетро вусъат мебахшад, муҳим буда, метавонад эҳтиёҷоти аҳолии минтақаро дар неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ пурра ва самаранок қонеъ намояд.

Бояд қайд кард, ки сиёсати иқтисодии минтақа дар самти муносибатҳои буҷетӣ ба суръати афзоиши аҳолии минтақа ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ таъсири мустақим мерасонад. Таъминоти иҷтимоии аҳолӣ, маърифатнокӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои нав аз самаранокии сиёсати буҷавии минтақа мустақиман вобаста аст.

Ҳамин тариқ, амалигардонии вазифаҳои бахши давлатӣ, ки бо неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ таъмин намудани аҳолии минтақаҳои ҷумҳурӣ вобастаанд, бояд ба принсипҳои зерин такя намояд:

- марказ ё сатҳи ҷумҳуриявии бахши ҷамъиятӣ барои таъмин намудани аҳолӣ бо даромади баробар ба сатҳи ҳадди ақали зиндагӣ масъул аст;

- сатҳи минтақавии бахши ҷамъиятӣ вазифадор аст, ки аҳолии минтақаро вабаста ба санади ҳуқуқии ҶТ бо маҷмуи ҳадди ақали неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ муҳим таъмин намояд, инчунин, ба аҳолӣ илова ба стандарти ҳадди ақали муқаррарнамудаи марказ маҷмуи нисбатан васеи неъматҳои муҳимми иҷтимоиро пешниҳод намояд.

## 2.2. Таҳлили ҳолати рушди истеҳсол ва пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ дар вилоят

Омӯзиши механизми ташкили низоми идоракунии бахши давлатии иқтисодиёт ва муайян кардани роҳҳои такмил додани он дар таъмини неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, таҳлили марҳалаи муосири рушди бахши давлатии минтақаро тақозо менамояд. Арзёбии ташаккул ва рушди сохтори ниҳодии бахши давлатӣ, таҳлили равандҳои ташаккули даромадҳои

давлатӣ ва сохтори хароҷоти он дар асоси низоми нишондиҳандаҳо ё индикаторҳои иҷтимоию иқтисодӣ гузаронида мешаванд. Низоми нишондиҳандаҳои мазкур аксаран нишондиҳандаҳои ҳиссаи моликияти давлатӣ дар боигарии миллӣ, ҳиссаи даромад ва хароҷоти давлатӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД), маҷмуи маҳсулоти минтақа (МММ), иштироки ҳукумат дар раванди сармоягузорӣ ва рушди иқтисодии кишвар ва ғайра истифода мешавад, ки ҳолати умумии бахши давлатии иқтисодро тавсиф мекунанд. Ин нишондиҳандаҳо, инчунин, барои тавсифи фаъолияти бахши давлатии дар иқтисодиёти минтақаҳои кишварбуда метавонанд истифода шаванд.

**Ҷадвали 2.2.1. - Ҳиссаи хароҷоти давлатӣ дар ММД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва МММ вилояти Суғд**

| | Ҷумҳурии Тоҷикистон | | | Вилояти Суғд | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2015** | **2021** | **Афзоиш бо %** | **2015** | **2021** | **Афзоиш бо %** |
| **Ҳаҷми ММД ва МММ млн сомонӣ** | 50977,8 | 98910,7 | 194,0 | 12036,9 | 27465,4 | 228,1 |
| **Хароҷоти давлатӣ, млн сомонӣ** | 16277,4 | 29342,7 | 180,2 | 1181,7 | 2379,9 | 201,3 |
| **Ҳиссаи хароҷоти давлатӣ дар ММД, МММ, %** | 31,9 | 29,6 | -2,3 бф | 9,8 | 8,6 | -1,2 бф |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022, - С. 209, 389, Маҷмуаи омори вилояти Суғд, 2022. - С.11, 483.

Дар давраи таҳлилшаванда МММ вилояти Суғд қариб 2,2 маротиба зиёд шуд, мутаносибан хароҷоти давлатӣ ба 2 маротиба афзуд. Вазни хоси хароҷоти давлатӣ дар давраи таҳлилшаванда дар ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна ба 29%-и ММД баробар аст. Дар вилояти Суғд бошад, дар давраи таҳлилшаванда ҳиссаи хароҷоти давлатӣ дар МММ ба ҳисоби миёна 9%-ро ташкил дода, тамоюли пастравӣ гирифтааст. Тамоюли мазкур ба фаъол гаштани хароҷоти давлатӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ вобаста аст. Новобаста ба пастшавии ҳиссаи хароҷоти давлатӣ дар МММ тамоюли афзудани ҳаҷми он бо сабаби васеъ гаштани миқёси бахши давлатӣ дар вилоят мушоҳида мешавад. Аммо қайд кардан зарур аст, ки ҳиссаи хароҷоти давлатӣ дар ММД ва МММ ба қиматҳои

миёнаи нишондиҳандаи мазкур аз рӯйи як қатор давлатҳои ҷаҳон мувофиқат намекунад. Масалан, ҳиссаи маблағгузории буҷетӣ барои маориф, тандурустӣ, илм, фарҳанг дар ҷумҳурӣ тақрибан 9,5-10%-и ММД-ро ташкил медиҳад, ҳол он ки дар кишварҳои тараққикарда ин ҳисса 60%-ро ташкил медиҳад[61].

Аз ин бармеояд, ки давлат ба соҳаи мазкур нисбат ба нишондиҳандаҳои миёнаи ҷаҳонӣ чандин маротиба камтар маблағгузорӣ мекунад. Аммо қайд кардан зарур аст, ки новобаста ба ин хароҷоти давлатӣ барои ин мақсадҳо дар ММД нисбатан камтаранд, вазни хоси тамоми хароҷоти буҷет меафзояд ва дар маҷмуъ дар байни кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) мавқеи миёнаро ишғол мекунад (нигаред ба ҷадвали 2.2.2).

**Ҷадвали 2.2.2. - Сохтори хароҷоти буҷети давлатӣ дар кишварҳои ИДМ дар соли 2020 (бо %)**

| | **Идоракунии давлатӣ** | **Иқтисодиёт** | **Чорабиниҳои иҷтимоӣ-маданӣ** | **Илм ва барномаҳои давлатии илмӣ-техникӣ** | **Дигарҳо** |
|---|---|---|---|---|---|
| ***Тоҷикистон*** | 8,5 | 40 | 29 | 0,31 | 21,5 |
| ***Озарбойҷон*** | 2 | 41 | 16 | 1 | 60 |
| ***Арманистон*** | 16 | 9 | 19 | 1,2 | 54,8 |
| ***Беларус*** | 24 | 28 | 40 | 1 | 7 |
| ***Қазоқистон*** | 8 | 20 | 45 | 2 | 25 |
| ***Қирғизистон*** | 12 | 19 | 36 | - | 33 |
| ***Молдова*** | 4 | 10 | 37 | 1 | 48 |
| ***Россия*** | 7 | 24 | 34 | 0,5 | 34,5 |
| ***Украина*** | 12 | 14 | 35 | 1 | 38 |

**Сарчашма:** Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ, 2021. - С.53.

Тавре, ки аз ҷадвали 2.2.2 маълум мешавад, дар ҷумҳурӣ 29% хароҷоти буҷети давлатӣ барои таъмини неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ба аҳолӣ сарф мешавад. Ин нишондиҳанда нисбат ба Ҷумҳурии Озарбойҷон тақрибан 2 маротиба, Арманистон - 1,7 маротиба баландтар аст. Дар давлатҳои боқимондаи ИДМ нишондиҳандаи мазкур нисбатан баландтар аст.

[61]. Глазьев С.О. Отсутствие экономической политики в России еще не значит, что государства слишком много //Тез.докл. конф. «Россия 2006: развилки экономической политики» (15 апр. 2006). [электронный ресурс]-URL: http://macro.econ.msu.ru(дата обращения: 12.06.2009).

Чӣ тавре ки дар боло қайд намудем, соли 2021 дар ҷумҳурӣ вазни хоси хароҷот барои истеҳсол ва таъмини неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ нисбат ба ММД 9,5%-ро ташкил додааст, аз он ҷумла ба соҳаи маориф - 5,3%, тандурустӣ – 3,1%, чорабиниҳои фарҳангӣ - оммавӣ, солимгардонӣ ва динӣ – 1,2% рост меояд [62].

Рушди дониш ё маърифати инсон ва боло рафтани сатҳи некуаҳволии мардуми мамлакатро рушди иҷтимоии тамоми минтақаҳои мамлакат муайян менамояд. Дар ҳар як минтақаи мамлакат истеҳсол ва таъмини неъматҳои ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама, соҳаи маориф дар доираи буҷети маҳаллӣ сурат мегирад, бинобар ин, вай имкон дорад ба рушди самтҳои афзалиятноки соҳаҳои зикршуда таваҷҷуҳ намояд ва самаранокиву хароҷотро таъмин намояд. Дар вилояти Суғд ҳамчун яке аз минтақаҳои индустриалии мамлакат ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи сармояи инсонӣ, ки омили муҳимми рушди индустриаливу инноватсионӣ мебошад, таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода мешавад. Чуноне ки аз рақамҳои ҷадвали 2.2.3 бармеояд, дар давраи солҳои 2015-2021 ҳаҷми маблағгузорӣ аз буҷети маҳал барои рушди соҳаҳои иҷтимоӣ аз 1181,6 то 2379,9 млн сомонӣ ё беш аз 2 маротиба афзудааст. Ҳиссаи хароҷоти буҷет барои соҳаи маориф дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷет беш аз 46%-ро ташкил додааст.

**Ҷадвали 2.2.3. – Маблағгузории давлатӣ барои истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ дар вилояти Суғд**

| | **2015** | | **2021** | | **Тағйирот нисбат ба соли 2015,%** | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **млн сомонӣ** | **дар %** | **млн сомонӣ** | **дар %** | **Афзоиш бо %** | **Тағйироти сохторӣ б/ф** |
| **Хароҷот** | **1181,6** | **100,0** | **2379,9** | **100,0** | **201,4** | **-** |
| аз он ҷумла: маориф | 553,1 | 46,8 | 1097,5 | 46,1 | 198,4 | -0,7 |
| тандурустӣ | 278,6 | 23,6 | 543,3 | 22,8 | 195,0 | -0,8 |
| суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | 17,4 | 1,47 | 23,1 | 0,97 | 132,7 | - 0,5 |

**Сарчашма: аз рӯйи** Маҷмуаи омори солонаи вилояти Суғд 2022. - С.485. ҳисоб карда шудааст.

[62] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. - С.675

Дараҷаи рушди он нисбат ба дараҷаи рушди ҳаҷми умумии хароҷоти буҷет болотар аст, яъне ҳиссаи он тамоюли болоравиро доро мебошад. Маблағгузории буҷавии соҳаи тандурустӣ низ тамоюли болоравиро дорад: дар давраи таҳлилӣ ҳаҷми он аз 278,6 то 543,3 млн сомонӣ ва ё беш аз 95,0% афзудааст. Аз ҷадвали 2.2.3 маълум мегардад, ки дар вилояти Суғд истеҳсол ва таъмини неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ дар марҳилаи мазкур самти нисбатан афзалиятнок маҳсуб ёфта, вақтҳои охир ба инкишофи соҳаҳои маориф ва тандурустӣ диққати махсус дода мешавад.

Оид ба вазъу тамоюли рушди соҳаҳои тандурустии мамлакат ва вилояти Суғд, ки дар ҳафт соли охир сурат гирифтааст, муфассалтар маълумот медиҳем. Инҷо ба таҳлили қиёсии минтақаҳои мамлакат такя менамоем. Маълум аст, ки саломатӣ чун сармоя ба инсон на танҳо аз лаҳзаи тавлид дода мешавад, балки бо шароите, ки инсон дар он зиндагӣ мекунад, муайян карда мешавад. Сатҳи хизматрасонии тиббӣ яке аз неъматҳои иҷтимоии муҳим ва нишондиҳандаҳои некуаҳволии кишвар ва минтақа дар маҷмуъ маҳсуб меёбад. Инкишофи низоми тандурустӣ бо устувории инкишофи иқтисодии кишвар ва минтақаҳои ҷумҳурӣ робитаи зич дорад. Масалан, якҷоя бо зиёдшавии ҳаҷми буҷети давлатӣ дар ҷумҳурӣ зиёдшавии маблағгузорӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ ба назар мерасад ва он дар соли 2020 6,8 млрд сомонӣ ё зиёда аз нисфи буҷети давлатиро ташкил мекунад. Аз ҷумла маблағгузории соҳаи тандурустӣ соли 2020 нисбат ба соли 2014 88,1% зиёд шуд [63].

Дар натиҷа афзоиши нишондиҳандаҳои асосии инкишофи соҳаи тандурустӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳо ба миён омад.

Аз маълумоти ҷадвали 2.2.4. бармеояд, ки дар давраи аз соли 2014 то соли 2021 шумораи табибони тамоми ихтисосҳо дар мамлакат аз 17,4 то 20,1 ҳазор нафар ва ё 15,5% афзудааст. Дар вилояти Суғд нишондиҳандаи мазкур аз 4,7 то 5,2 ҳазор нафар ва ё 10,6% фоиз зиёд шудааст. Ҳамин тариқ, дар вилояти Суғд

---

[63] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ. (22.12.21) Душанбе, 22 декабр. Pressa.tj

айни ҳол 25,8% - табибони мамлакат фаъолият менамоянд ва 4,3% тамоми аҳолии дар соҳаи иқтисодӣ машғулбудаи вилоятро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 2.2.4. - Нишондиҳандаҳои асосии инкишофи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Суғд**

| | 2014 | | 2021 | |
|---|---|---|---|---|
| | **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **Вилояти Суғд** | **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **Вилояти Суғд** |
| Шумораи табибони тамоми ихтисосҳо, ҳазор нафар | 17,4 | 4,7 | 20,1 | 5,2 |
| Ба 10000 нафар | 18,2 | 19,0 | 20,5 | 19,0 |
| Шумораи ҳайати миёнаи тиббӣ, ҳазор нафар | 43,1 | 14,3 | 58,3 | 17,8 |
| Ба 10000 нафар | 51,6 | 58,0 | 59,4 | 65,4 |
| Шумораи муассисаҳои беморхонавӣ, воҳид | 467 | 155 | 523 | 179 |
| Шумораи катҳои беморхона, ҳазор дона | 38,7 | 14,5 | 42,1 | 15,4 |
| Ба 10000 нафар | 46,4 | 59,0 | 42,9 | 54,4 |
| Шумораи муассисаҳои тиббӣ, ки кумаки дармонгоҳӣ-амбулаторӣ мерасонанд | 2809 | 427 | 2908 | 451 |
| Шумораи беморхонаҳои тиб, воҳид | 1704 | 350 | 1709 | 348 |

**Сарчашма:** Маҷмуаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022, - С.152 Маҷмуаи омори солонаи вилояти Суғд, 2022. - С.182.

Шумораи табибони тамоми ихтисосҳо барои 10000 нафар дар ҷумҳурӣ 20,5 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2014 ба 12,6% афзудааст, дар вилояти Суғд ин нишондиҳанда бетағйир боқӣ монда, 19 нафарро ташкил медиҳад. Албатта, ду донишгоҳи тиббӣ дар ҷумҳурӣ барои қонеъ кардани эҳтиёҷот ба табибон дар ҳамаи минтақаҳо қудрат надорад, ҳарчанд ки талабот ба ин ихтисосҳо зиёд аст ва барои омода кардани кадрҳои зарурӣ маблағҳои ғайрибуҷетӣ кофӣ мебошанд. Дар мавриди шумораи ҳайати миёнаи кормандони тиббӣ гуфтан зарур аст, ки шумораи онҳо ба 10000 нафар ҳам дар ҷумҳурӣ ва ҳам дар вилоят тамоюл ба афзоиш дорад (мутаносибан 15,1 ва 12,7%). Шумораи муассисаҳои тиббӣ дар ҷумҳурӣ 56 адад афзудааст, дар вилояти Суғд бошад, дар ин давраи таҳлилӣ 24 муассиса афзоиш ёфтааст. Чӣ

тавре ки аён аст, суръати рушди ин муассисаҳо дар вилояти Суғд аз суръати рушди миёнаи мамлакат паст мебошад.

Яке аз нишондиҳандаи муҳимми хизматрасонии тиббӣ барои аҳолӣ ин шумораи катҳои беморхонаҳо мебошад, ки он дар минтақаҳои кишвар тафовут дорад. Аз маълумоти ҷадвали 2.2.5 маълум мешавад, ки дар давраи таҳлилшаванда нисбатан афзоиш дар шаҳри Душанбе, НТҶ, вилояти Хатлону Суғд мушоҳида мешавад, дар ВМКБ тамоюли пастшавии нишондиҳандаи мазкурро дидан мумкин аст. Шумораи катҳои беморхона барои ҳар 10000 нафар аҳолӣ дар вилояти Суғд нисбат ба нишондиҳандаи соли 2014 мутаносибан 6,8% паст шудааст. Пастравии нишондиҳандаи мазкур, пеш аз ҳама, бо суръати баланди зиёдшавии аҳолӣ аз суръати ҳаҷми маблағгузорӣ барои ташкили катҳои беморхона алоқаманд аст.

**Ҷадвали 2.2.5. - Шумораи катҳои беморхонаҳо дар минтақаҳо ва таъмини аҳолӣ бо катҳои беморхона**

| Минтақаҳо | 2014 | | 2016 | | 2021 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Микдори катҳо | Ба ҳар 10 000 нафар | Микдори катҳо | Ба ҳар 10000 нафар | Микдори катҳо | Ба ҳар 10000 нафар |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | 38714 | 46,4 | 39816 | 45,5 | 42092 | 42,9 |
| **ВМКБ** | 1985 | 92,6 | 1985 | 90,1 | 1974 | 86,1 |
| **Вилояти Хатлон** | 11202 | 37,7 | 11129 | 35,6 | 11277 | 32,3 |
| **Вилояти Суғд** | 14457 | 58,9 | 14964 | 58,4 | 15380 | 54,9 |
| **Шаҳри Душанбе** | 5447 | 69,1 | 5932 | 72,7 | 7332 | 61,4 |
| **НТҶ** | 5623 | 29,3 | 5806 | 28,7 | 6129 | 29,5 |

**Сарчашма:** Маҷмуаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. - С. 159-160.

Дар давраи таҳлилӣ шумораи катҳои беморхона барои ҳар 10000 нафар аҳолӣ дар умум тамоюли пастравӣ дорад. Аммо қайд кардан зарур аст, ки нишондиҳандаи катҳои беморхона барои ҳар 10000 нафар аҳолӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ нисбат ба нишондиҳандаи миёнаи ҷумҳурӣ, ба истиснои НТҶ ва вилояти Хатлон, баландтар аст. Дар вилояти Суғд ин нишондиҳанда аз нишондиҳандаи миёнаи мамлакат ба сатҳи 1,28, яъне 28% баланд мебошад. Пастравии нишондиҳандаи мазкур дар ҷумҳурӣ аз ҳисоби сатҳи ками шумораи

катҳои беморхона барои ҳар 10000 нафар аҳолӣ дар НТҶ ва вилояти Хатлон рӯй додааст.

Шумораи табибони ҳамаи ихтисосҳо ва таъмини аҳолӣ бо табибон дар минтақаҳои ҷумҳурӣ низ нишондиҳандаҳои гуногун дорад. Масалан, аз маълумоти ҷадвали 2.2.6 маълум мегардад, ки нишондиҳандаи аз ҳама баландтарини таъмин бо табибон дар шаҳри Душанбе ва ВМБК ба мушоҳида мерасад.

**Ҷадвали 2.2.6. - Шумораи табибони ҳамаи ихтисосҳо ва таъмини аҳолӣ бо табибон дар минтақаҳои ҷумҳурӣ**

| Минтақаҳо | 2014 | | 2016 | | 2021 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шумора, нафар | Ба ҳар 10000 нафар | Шумора, нафар | Ба ҳар 10000 нафар | Шумора, нафар | Ба ҳар 10000 нафар |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 17352 | 20,8 | 18044 | 20,6 | 20134 | 20,5 |
| ВМКБ | 479 | 22,3 | 482 | 21,9 | 483 | 21,1 |
| Вилояти Хатлон | 3361 | 11,3 | 3528 | 11,3 | 4167 | 11,9 |
| Вилояти Суғд | 4728 | 19,3 | 4846 | 18,9 | 5193 | 18,5 |
| Шахри Душанбе | 6282 | 79,7 | 6580 | 80,6 | 7742 | 64,9 |
| НТҶ | 2502 | 13,0 | 2608 | 12,9 | 2549 | 12,3 |

**Сарчашма:** Маҷмуи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. - С. 158.

Дар минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ тамоюли афзоиши шумораи табибони ҳамаи ихтисосҳо ва таъмини аҳолӣ бо табибон бетағйир боқӣ мемонад. Дар вилояти Суғд ин нишондиҳанда нисбат ба нишондиҳандаи миёнаи ҷумҳурӣ дар сатҳи 0,90 ва ё 10% паст мебошад. Пастшавии нишондиҳандаи мазкур дар вилояти Суғд асосан аз ҳисоби рафтани табибон ба муҳоҷирати меҳнатӣ берун аз ҳудуди кишвар, асосан ба ҳудуди Федератсияи Россия рӯй додааст.

Хизматрасонии тиббиро тибқи дорухати табиб ҳайати миёнаи кормандони тиббӣ амалӣ менамоянд, бинобар ин, суръати афзоиши шумораи ин гурӯҳи кормандон аз суръати афзоиши шумораи табибон пештар аст. Дар давраи таҳлилшаванда шумораи онҳо дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳо меафзоянд (ниг. ба ҷадвали 2.2.7).

**Ҷадвали 2.2.7. - Шумораи кормандони миёнаи тиббӣ ва таъмини аҳолӣ бо онҳо**

| Минтақаҳо | 2014 | | 2016 | | 2021 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шумора, нафар | Ба ҳар 10000 нафар | Шумора, нафар | Ба ҳар 10000 нафар | Шумора, нафар | Ба ҳар 10000 нафар |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | 43105 | 49,1 | 49434 | 56,5 | 58260 | 59,4 |
| **ВМКБ** | 1887 | 90,0 | 1918 | 87,1 | 2118 | 92,4 |
| **Вилояти Хатлон** | 13620 | 45,8 | 16053 | 51,4 | 19651 | 56,2 |
| **Вилояти Суғд** | 14250 | 58,0 | 15997 | 62,5 | 17854 | 63,7 |
| **Шаҳри Душанбе** | 6453 | 78 | 7654 | 93,8 | 9677 | 81,1 |
| **НТҶ** | 6895 | 35,9 | 7812 | 38,6 | 8960 | 43,1 |

**Сарчашма:** Аз рӯи сарчашма зерин ҳисоб карда шуд: Маҷмуи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. - С. 159.

Чуноне ки рақамҳои ҷадвали 2.2.7. нишон медиҳанд, дар ҷумҳурӣ шумораи онҳо дар давраи аз соли 2014 то 2021 сол ба 15155 нафар ё 35,1% афзудааст. Дар вилояти Суғд бошад, ин нишондиҳанда ба 25,2% афзудааст. Шумораи кормандони миёнаи тиббӣ ба ҳар 10000 нафар аҳолӣ соли 2021 дар вилояти Суғд 63,7 нафарро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2014 9,8% зиёд аст ва нисбат ба нишондиҳандаи миёнаи ҷумҳурӣ 7,2% баланд мебошад. Нишондиҳандаи баландтарин (ба ҳар 10000 нафар аҳолӣ) дар шаҳри Душанбе ва ВМКБ мушоҳида шудааст - афзоиш нисбат ба соли 2014 мутаносибан 3,9% ва 2,6% афзудааст. Нишондиҳандаи нисбатан паст дар вилояти Хатлон ва НТҶ ба мушоҳида мерасад.

Дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он барои тайёр кардани кормандони тиббии миёна шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст, дар тамоми минтақаҳо коллеҷҳои тиббӣ ва мактабҳо ташкил карда шудаанд.

Дар шароити тағйирёбии соҳаи иҷтимоию иқтисодии ҷомеа дар низоми тандурустии ҷумҳурӣ ва вилояти Суғд, инчунин, як қатор кӯшишҳо барои тағйир додани механизмҳои идоракунӣ ва маблағгузории соҳа ба роҳ монда шуданд. Кӯшиши таҷдиди сохтории низоми мазкур кӯшиши ҷорӣ кардани механизми нави иқтисодӣ дар асоси принсипҳои бозор буд.

Дар айни замон шароит барои мавҷудияти низомҳои гуногуни тандурустӣ ташаккул ёфтааст. Пеш аз ҳама, ду навъ: давлатӣ ва хусусӣ вуҷуд дорад. Меъёрҳои ин тақсимшавӣ моликият, ҳуқуқи ихтиёрдории он ва механизмҳои танзим ва идоракунии низом мебошанд. Аммо, муҳимтар аз ҳама, ин манбаи захираҳои молиявиест, ки соҳаи тандурустӣ истифода мебарад. Тибқи ин меъёр низоми омехтаи тандурустиро тасниф кардан мумкин аст, ки ҳамаи Сарчашмаҳои имконпазири маблағгузориро истифода мебарад. Дар таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ як қатор шаклҳои маблағгузории соҳаи тиб истифода мешаванд, ки омӯзиши онҳо барои ҷумҳурӣ муфид аст (нигар ба ҷадвали 2.2.8).

**Ҷадвали 2.2.8. - Низоми ташкили маблағгузории соҳаи тандурустӣ**

| Қолаби маблағгузорӣ | Тавсиф |
|---|---|
| **Тибби музднок** | *Фаъолият дар асоси принсипҳои бозор бо истифодаи низоми хусусии суғуртаи тиббӣ. Воситаи асосии қонеъгардонии талабот ба кумаки тиббӣ бозори хизматрасонӣ мебошад.* |
| **Кумаки тиббии давлатӣ бо низоми маблағгузории буҷетӣ** | *Таъминкунанда ва харидори асосии хизматрасонии тиббӣ давлат мебошад, ки кафолати қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти оммавии онро медиҳад.* |
| **Тандурустӣ дар асоси принсипҳои суғуртаи иҷтимоӣ** (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ” аз 1.08.2003 № 35) | *Ба маҷмуи имкониятҳои бозор ва танзими давлатӣ бо истифодаи васеи механизми ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон ва ҳамрайъии ҷамъиятӣ дар доираи суғуртаи тиббии иҷтимоӣ асос ёфтааст.* |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Дар қолаби аввал, ки ба механизми бозор асос ёфтааст, хизматрасонии тиббӣ метавонад барои бахшҳои камдаромади ҷомеа (нафақахӯрон, маъюбон, бекорон ва ғайра) дастрас нагардад. Аз ин рӯ, давлат онҳоро ҷуброн карда, эҳтиёҷоти табақаҳои зикршудаи аҳолиро тавассути таҳияи барномаҳои мухталифи тандурустӣ таъмин мекунад. Қолаби дуюм ба механизми ғайрибозории хизматрасонии тиббӣ асос ёфтааст. Дар ин ҷо буҷети давлатӣ (андозҳо) чун манбаи маблағгузории тандурустӣ баромад мекунад. Дар қолаби сеюми маблағгузории соҳаи тандурустӣ давлат дар қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти иҷтимоии шаҳрвандон барои хизматрасонии тиббӣ нақши кафилро мебозад.

Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки бозори озод талаботи аҳолиро дар хизматрасониҳои тиббӣ аз дараҷаи кафолатдодашудаи давлат зиёдтар қонеъ мегардонад. Дар ин ҳолат шароит ва муҳит барои озодии интихоб ва соҳибихтиёрии истеъмолкунандагон ташаккул меёбад. Ҳамин тариқ, низоми тандурустӣ ба принсипи нигоҳ доштани тавозуни се ҷузъи асосии агентҳои зерини ин низом такя мекунад:

- аҳолӣ чун истеъмолкунандаи эҳтимолии хизматрасониҳои тиббӣ;
- муассисаҳои тиббӣ;
- пардохткунандагони хизматрасонии тиббӣ.

**Дигар неъмати муҳим дар низоми неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ маориф** мебошад. Вазъи низоми маорифро ба таври муфассал дар вилояти Суғд таҳлил менамоем. Дар шароити иқтисодиёти тағйирёбанда тамоюли дигаргуншавии сохтори шуғл ва талаботи бозори меҳнат ба назар мерасад. Ба монанди раванди ҷаҳонӣ ҳиссаи меҳнати зеҳнӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ афзоиш меёбад: мутаносибан талабот ба қувваи кории камтаҷриба кам шуда истодааст. Меҳнати соҳибтахассус омили муҳимми рушди иқтисодии кишвар маҳсуб меёбад. Афзоиши ҳаҷми қувваи кории соҳибихтисос бемайлон сармоягузориро ба соҳаи маориф ва рушди сармояи инсонӣ талаб мекунад. Маълум аст, ки маориф на танҳо қувваи кории соҳибихтисосро ташаккул медиҳад, балки таъсири мусбати берунаро низ ба вуҷуд меорад (таъсири ғайримустақим дар шакли экстерналияҳо). Ин таъсир метавонад ифодаи пулӣ ва ғайрипулӣ дошта бошад. Сатҳи баланди таҳаммулпазирии иҷтимоӣ, иштироки нисбатан фаъол дар ҷараёни демократикунонии ҷомеа, рушди тамаддуни иқтисодӣ - экстерналияҳои ғайрипулӣ ва ё таъсири берунӣ аст. Омӯзиши нақши иҷтимоии таҳсилоти олӣ ва “саҳми” он дар рушди иқтисодӣ ба чунин хулоса овард, ки охирон тавассути “васеъ кардани ҳаҷми захираҳои меҳнатӣ ва сармояҳои истифодашуда, инчунин, беҳтар кардани сифати онҳо дар асоси пешрафт дар технология ва таҳсилот” ба вуҷуд омадааст[64].

[64]. Синицкая Н.Я. Образование как фактор качества человеческого потенциала региона [Текст]/Н.Я. Синицкая // Экономика образования. - 2004. - №1. - С. 50.

**Ҷадвали 2.2.9. - Муассисаҳои таҳсилоти умумии вилояти Суғд**

| Солҳо | Шумораи мактабҳо, воҳид | Шумораи хонандагон, ҳазор нафар | Шумораи омӯзгорон, ҳазор нафар |
|---|---|---|---|
| **2010** | 896 | 510,7 | 32,1 |
| **2011** | 900 | 512,7 | 32,0 |
| **2012** | 905 | 513,2 | 32,3 |
| **2013** | 912 | 514,7 | 33,0 |
| **2014** | 913 | 516,7 | 33,4 |
| **2015** | 914 | 528,9 | 34,3 |
| **2016** | 924 | 545,8 | 36,4 |
| **2017** | 925 | 568,8 | 37,2 |
| **2018** | 928 | 585,9 | 38,2 |
| **2019** | 928 | 606,2 | 38,6 |
| **2020** | 929 | 625,0 | 38,7 |
| **2021** | 938 | 644,0 | 40,0 |
| **2022** | 944 | 657,1 | 39,5 |
| **Соли 2022 нисбат ба соли 2010 %** | 105,3 | 128,6 | 123,0 |

**Сарчашма:** Маҷмуаи омори солонаи вилояти Суғд, 2022. - С.54-56, 62.

Вобаста ба ин, дар солҳои охир дар ҷумҳурӣ ба рушди низоми маориф таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Дар соли 2022 зиёда аз 46,1% қисми хароҷоти буҷети вилояти Суғд ба рушди соҳаи маориф равона карда шудааст. Дар соҳаи маориф 71,3 ҳазор корманд фаъолият мекунанд, ки 17,4%-и шумораи умумии аҳолии дар соҳаи иқтисодиёти вилоят машғулбударо ташкил медиҳад. Таҳсилоти умумӣ дар низоми маориф ҷойгоҳи марказӣ дорад, ки он сатҳу сифати тамоми соҳаҳои маорифро муайян менамояд. Дар давраи солҳои 2010-2022 шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, яъне мактабҳо дар вилояти Суғд 48 адад (5,3%) зиёд шуда, шумораи хонандагон 146,4 ҳазор нафар (28,6%) афзудааст. Теъдоди омӯзгорон 7,1 ҳазор нафар ва ё 23% афзудааст. Агар дар соли 2010 ба ҳар омӯзгор 14-15 нафар хонанда рост омада бошад, пас дар соли 2022 ин рақам 16,6 нафарро ташкил медиҳад. Мувофиқи меъёрҳои муосир бояд барои як омӯзгор 7-9 нафар хонанда рост ояд.

Сатҳи нисбатан пасти музди меҳнати кормандони соҳаи маориф, масалан, дар соли 2022 музди миёнаи моҳонаи номиналии кормандони соҳа 1105,96 сомониро ташкил дод, ки нисбат ба музди меҳнати кормандони соҳаи сохтмон, нақлиёт ва савдо 1,2 баробар паст аст. Дар ин вазъият, бешубҳа, кормандон аз

соҳаи маориф мераванд. Бояд қайд кард, ки муассисаҳои таҳсилоти умумӣ то ҳол ба шароити бозор мутобиқ карда нашудаанд. Дар ин масъала равишҳои ба ҳам муқобил мавҷуданд. Аз як тараф, ақидае дар бораи он ки таҳсилот тибқи табиати иҷтимоиву иқтисодии худ дар заминаи тиҷорат комилан рушд карда наметавонад, бартарият дорад.

Дарвоқеъ, маориф як қисми бахши давлатӣ буда, аз буҷет маблағгузорӣ мешавад. Ин таҷриба дар аксари кишварҳои ҷаҳон амалӣ карда мешавад. Аз тарафи дигар, дар солҳои охир дур шудан аз мафҳуми анъанавии таҳсилот ҳамчун неъмати софи ҷамъиятӣ ба мушоҳида мерасад, ки ин имконият медиҳад дар бораи истеъмоли инфиродии хизматрасониҳои таълимӣ ва мутобиқ ба ин, ташаккули бозори хизматрасониҳои таълимӣ андеша ронем. Бозори хизматрасонии таълимӣ ин фазое мебошад, ки дар он талаботи хонандагон ва волидайни онҳо (“харидорон”) ба хизматрасонии таълимӣ аз ҷониби муассисаҳои таълимӣ (“фурӯшандагон”), ки ба онҳо ҷойҳои таълимиро пешниҳод мекунанд, қонеъ мегардонад.

Дар маҷмуъ, ҳавасмандгардонии равандҳои ташаккули бозори хизматрасонии таълимӣ барои самаранок тақсим кардани захираҳо ва баланд бардоштани сифати натиҷаи ниҳоӣ дар соҳаи маориф мусоидат хоҳад кард. Муассисаҳои давлатии таълимии ҷумҳурӣ ҳуқуқ доранд хизмати иловагии пулакӣ расонанд. Ба онҳо дар доираи маблағҳои ҷудошуда ва аз дигар Сарчашмаҳо гирифташуда мустақилияти молиявӣ ва иқтисодӣ таъмин карда мешавад. Мутобиқи моддаи 43 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, “муассисаи таълимӣ ҳуқуқ дорад тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хизматрасониҳои иловагии пулакӣ ва дигар фаъолиятҳои дар оинномаи он пешбинишуда маблағ, аз ҷумла асъори хориҷиро аз ҳисоби хизматрасонии таълимӣ, тавассути хайрияҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, андӯхтҳои мақсаднок, аз ҷумла шахсони хориҷӣ ҷалб намояд” [65]. Ҳамин тавр,

[65]Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -2009 №3, мод. 81.

муассисаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тибқи қонунгузории мавҷуда ҳуқуқ дорад:

- маблағҳои иловагиро тавассути ташкили курсҳои пулакии факултативӣ барои омӯзиши амиқи фанҳои алоҳида, лексияву машваратҳои махсус бо даъвати мутахассисони баландихтисос аз дигар ташкилотҳо, машғулиятҳои иловагӣ барои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҷалб намояд;

- ба аҳолӣ ба таври музднок хизматрасонии иловагии сатҳи нисбатан баландро тавассути паст кардани сатҳи синфҳо дарсҳо аз сатҳи меъёрӣ расонад;

- маҳсулот ва хизматрасониҳои дар раванди таълим гирифтаи хонандагонро ҳангоми иҷрои фармоишҳои корхонаю ташкилотҳо фурӯшад ва ғ.;

Дар айни замон, дар вилояти Суғд танҳо доираи маҳдуди муассисаҳои таълимӣ дар заминаи худмаблағгузорӣ ва тиҷоратӣ фаъолият карда метавонанд. Дар оянда аҳолии минтақа дар бораи муҳим будани сармояи инсонӣ ҳамчун омили афзоиши саривақт огоҳ мешавад, бозори хизматрасонии таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти умумӣ низ густариш хоҳад ёфт.

Принсипҳои бозор метавонанд дар соҳаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба осонӣ татбиқ карда шаванд. Муассисаҳои ин соҳаи маориф ба истеъмолкунандагон (аз ҷумла хонандагон) хизматҳои таълимии муайянро мерасонанд ва якҷоя бо ин, натиҷаҳои фаъолияти худро дар бозори меҳнат (мутахассисони соҳибихтисос), ки харидорони онҳо корхонаю ташкилотҳои гуногун мебошанд, пешкаш менамоянд.

Ҳарчанд ин муассисаҳо ҳамчун таъминкунандагони бозори хизматрасониҳои соҳаи маориф дар ду бозори ба ҳам алоқаманд - бозори маҳсули таълимӣ ва хизматрасонӣ ва бозори меҳнат амал мекунанд, новобаста ба ин, муассисаҳои мазкур маҳсули ягона доранд, ки бо он ба ҳарду бозор ворид мешаванд. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мутахассисони ихтисосҳои гуногунро тайёр мекунанд ва сохтори қувваи кории корхонаҳоро дар соҳаҳо ғанӣ мегардонанд. Дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он нобаробарии бозори хизматрасонии таълимӣ дар қисми хизматрасонии таҳсилотии миёна ва

олии касбӣ ба мушоҳида мерасад. Масалан, дар ҷумҳурӣ шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар давраи аз соли 2014 то соли 2022 ба 20 адад ва шумораи донишҷӯён ба 37,8 ҳазор нафар афзудааст (нигаред ба ҷадвали 2.2.10).

**Ҷадвали 2.2.10. - Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Минтақаҳо | 2014 -2015 | | 2016-2017 | | 2021-2022 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шумораи муассисаҳо, воҳид | Хонандагон, ҳазор нафар | Шумораи муассисаҳо, воҳид | Хонандагон, ҳазор нафар | Шумораи муассисаҳо, воҳид | Хонандагон, ҳазор нафар |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | 59 | 57,7 | 67 | 76,7 | 79 | 95,5 |
| **ВМКБ** | 1 | 0,4 | 1 | 0,5 | 1 | 0,5 |
| **Вилояти Хатлон** | 11 | 15,5 | 16 | 21,5 | 27 | 29,8 |
| **Вилояти Суғд** | 20 | 16,6 | 21 | 20,7 | 22 | 22,2 |
| **Шаҳри Душанбе** | 12 | 13,7 | 13 | 18,4 | 13 | 22,0 |
| **НТҶ** | 15 | 11,5 | 16 | 15,6 | 16 | 21,0 |

**Сарчашма:** Маҷмуаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. - С.51.

Шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ, ба истиснои вилояти Хатлон, чандон тағйир наёфтааст. Шумораи хонандагон тамоюли афзоиш дорад, ки ин афзоиши талаботро ба ихтисосҳои гуногуни сатҳи миёна, масалан, сохтмончӣ, дуредгар, кафшергар, ронанда ва ғайра нишон медиҳад. Дар вилояти Суғд дар давраи таҳлилӣ шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 2 адад зиёд шуда, хонанадагони онҳо 16,6 то 22,2 ҳазор нафар афзудааст. Шумораи онҳо 23,2%-и тамоми хонандагони мамлакатро ташкил медиҳанд. Агар шумораи хонандагони ин муассисаҳо дар мамлакат 65,5% афзуда бошад, пас дар вилояти Суғд бошад, 31,3%-ро ташкил медиҳад.

Зиёдшавӣ дар мамлакат аз ҳисоби афзоиши муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва хонандагони онҳо дар вилояти Хатлон ва ш. Душанбе сурат гирифтааст. Шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ҷумҳурӣ дар давраи солҳои 2014-2022 аз 38 то 41 адад афзудааст. Дар ин давра дар ҷумҳурӣ шумораи донишҷӯён аз 165,3 ҳазор то 239,5 ҳазор нафар афзудааст, яъне 44,8%.

Дар вилояти Суғд бошад, ҳарчанд шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бетағйир боқӣ мондааст (7 адад), аммо шумораи донишҷӯёни он аз 32,1 то 47,7 ҳазор нафар ва ё 48,5% афзудааст (нигар ба ҷадвали 2.2.11).

Ин афзоиши нисбатан баланд ба нархи хизматрасониҳои таълимии дастраси 7 мактаби таҳсилоти олии амалкунанда дар минтақа, инчунин, вазни хонаводаҳо, аҳолии минтақа, хароҷоти транзаксионӣ (таҳсил дар донишгоҳҳои вилоят нисбат ба донишгоҳҳои Душанбе арзонтар аст) вобаста аст.

**Ҷадвали 2.2.11. - Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи минтақаҳои ҷумҳурӣ**

| Минтақаҳо | 2014 -2015 | | 2016-2017 | | 2021-2022 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шумораи муассисаҳо, воҳид | Хонандагон, ҳазор нафар | Шумораи муассисаҳо, воҳид | Хонандагон, ҳазор нафар | Шумораи муассисаҳо, воҳид | Хонандагон, ҳазор нафар |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | 38 | 165,3 | 39 | 186,9 | 41 | 239,5 |
| **ВМКБ** | 1 | 4,2 | 1 | 4,7 | 2 | 3,7 |
| **Вилояти Хатлон** | 5 | 28,9 | 6 | 29,4 | 6 | 50,0 |
| **Вилояти Суғд** | 7 | 32,1 | 7 | 40,6 | 7 | 47,7 |
| **Шаҳри Душанбе** | 24 | 99,0 | 24 | 109,8 | 25 | 134,6 |

**Сарчашма:** Маҷмуаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. - С.53.

Ҳамин тариқ, нақши таҳсилоти олӣ дар тарбияи кадрҳо меафзояд ва бо ин восита, доираи бахши давлатӣ дар пешниҳоди ин неъмати муҳимми иҷтимоӣ васеъ мегардад.

Барои муайян намудани ҷойгоҳи вилояти Суғд дар истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ва рушди иҷтимоии мамлакат методи фосиларо истифода мебарем. Барои муайян намудани фарқияти рушди минтақаҳо мо шаҳри Душанберо, бинобар сатҳи баланди рушд доштанаш, ки принсипи талаботи методи муқоисаро вайрон мекунад, иститсно намудем. Индикаторҳои рушди пешниҳоди неъматҳои иҷтимоиро бо таври зайл ишора менамоем:

X1 - Шумораи катҳои беморхонаҳо ба 10000 нафар аҳолӣ;

X2. - Шумораи табибони тамоми ихтисосҳо ба 10000 нафар аҳолӣ;

X3. - Шумораи кормандони миёнаи тиббӣ ба 10000 нафар аҳолӣ;

X4 - Шумораи омӯзгорони тмуассисаҳои аҳсилоти миёнаи умумӣ ба 10000 нафар аҳолӣ;

X5 - Шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии вилоятҳо ба 10000 нафар аҳолӣ;

X6 - Шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилоятҳо ба 10000 нафар аҳолӣ;

Дар таҳлили қиёсии рушди соҳаҳои иҷтимоии муҳим нишондиҳандаҳои нисбии минтақаҳои мамлакатро, ба истисноии ш. Душанбе, интихоб менамоем. Чӣ тавре ки аз рақамҳои ҷадвали 2.2.12 аён аст, нишондиҳандаҳо ба 10000 аҳолӣ миёни минтақаҳои мамлакат фарқ мекунад. Барои аниқ намудани ин фарқиятҳо ҳар як нишондиҳандаро бо нишондиҳандаи миёнаи ҷумҳурӣ муқоиса намуда, фосилаи онҳоро муайян менамоем.

**Ҷадвали 2.2.12. - Нишондиҳандаҳои нисбии рушди соҳаҳои иҷтимоии муҳим дар минтақаҳои мамлакат (с. 2021)**

| Минтақаҳои мамлакат | X1 | X2 | X3 | X4 | X5 | X6 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **ВМКБ** | 86,1 | 21,1 | 92,4 | 244,9 | 17,2 | 177,2 |
| **Вилояти Хатлон** | 32,3 | 11,9 | 56,2 | 136,2 | 82,9 | 145,1 |
| **Вилояти Суғд** | 54,9 | 18,5 | 63,7 | 144,7 | 82,0 | 175,8 |
| **НТҶ** | 29,5 | 12,3 | 43,1 | 128,6 | 04,3 | 17,6 |
| **Қимати миёна дар ҷумҳурӣ** | 42,9 | 20,5 | 59,4 | 136,8 | 102,7 | 258,6 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022 - С.77-158-160.

Дар мавриди таҳлили фосилаи нишондиҳандаҳои нисбии рушди соҳаҳои иҷтимоии муҳим аз қимати миёнаи ҷумҳурӣ муайян гардида, аз рӯйи нишондиҳандаи ҷамъбастшуда вилояти Суғд бо индекси 1,07 дар ҷои дуюм қарор гирифтааст. Вилояти Суғд аз рӯйи нишондиҳандаҳои шумораи катҳои беморхонаҳо ба 10000 нафар аҳолӣ (X1), шумораи кормандони миёнаи тиббӣ ба 10000 нафар аҳолӣ (X3) ва шумораи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умум ба 10000 нафар аҳолӣ (X4) нисбат ба нишондиҳандаи миёнаи ҷумҳурӣ баланд мебошад, яъне аз 1 боло аст.

**Ҷадвали 2.2.13. - Фосилаи нишондиҳандаҳои нисбии рушди соҳаҳои иҷтимоии муҳим аз қимати миёнаи ҷумҳурӣ**

| Минтақаҳои мамлакат | X1 | X2 | X3 | X4 | X5 | X6 | Индекс, ба ҳисоби миёна | Ҷойи мин-тақаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **ВМКБ** | 1,93 | 1,02 | 1,50 | 1,79 | 0,17 | 0,68 | 1,18 | 1 |
| **Вилояти Хатлон** | 0,75 | 0,56 | 0,95 | 0,99 | 0,80 | 0,56 | 0,77 | 3 |
| **Вилояти Суғд** | 1,96 | 0,89 | 1,07 | 1,06 | 0,8 | 0,68 | 1,07 | 2 |
| **НТҶ** | 0,63 | 0,59 | 0,67 | 0,94 | 0,04 | 0,07 | 0,49 | 4. |
| **Қимати миёна дар ҷумҳурӣ** | 1,00 | 1,00 | 1,00 | 1,00 | 1,00 | 1,00 | - | |

**Сарчашма:** Коркарди муаллиф аз рӯйи рақамҳои ҷадвали 2.2.12.

Барои дурнамосозии истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ, умуман рушди соҳаҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар такя ба муносибати бечмаркетингӣ фосилаи нишондиҳандаҳои нисбии рушди соҳаҳои иҷтимоии муҳимро аз қимати максималӣ муайян менамоем. Зеро дар дохили мамлакат ба ин қимати максималӣ расидан зинаи аввали ноилгардӣ ба қиматҳои стандартӣ мебошад (нигар ба ҷадвали 2.2.14).

**Ҷадвали 2.2.14. - Фосилаи нишондиҳандаҳои нисбии рушди соҳаҳои иҷтимоии муҳим аз қимати максималӣ**

| Минтақаҳои мамлакат | X1 | X2 | X3 | X4 | X5 | X6 | Индекс, ба ҳисоби миёна | Ҷойи мин-тақаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **ВМКБ** | 0,98 | 1,00 | 1,00 | 1,00 | 0,21 | 1,00 | 0,86 | 1 |
| **Вилояти Хатлон** | 0, 38 | 0,54 | 0,63 | 0,55 | 1,00 | 0,82 | 0,65 | 2 |
| **Вилояти Суғд** | 1 00 | 0,87 | 0,71 | 0,59 | 1,00 | 1,00 | 0,86 | 1 |
| **НТҶ** | 0,32 | 0,58 | 0,44 | 0,52 | 0,05 | 0,10 | 0,33 | 3 |
| **Қимати максималӣ** | 1, 96 | 1,02 | 1,50 | 1,79 | 0,80 | 0,68 | - | |

**Сарчашма:** Коркарди муаллиф аз рӯйи рақамҳои ҷадвали 2.2.13

Маълумоти ҷадвали 2.2.14 нишон медиҳад, ки вилояти Суғд бо назардошти қиёси нишондиҳандаҳои таҳлилшаванда бо қимати максималии он дар мамлакат ба сатҳи ВМКБ баробар шуда, дар ҷойи аввал қарор гирифтааст. Индекси ҷамъбастшуда ба 0,86 баробар аст, ки нисбат ба вилояти Хатлон ба сатҳи 0,21 ва нисбат ба НТҶ ба сатҳи 0,53 баланд мебошад. Ин болоравии индекс аз ҳисоби нишондиҳандаҳои шумораи катҳои беморхонаҳо ба 10000

нафар аҳолӣ (X1), шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии вилоятҳо ба 10000 нафар аҳолӣ (X5) ва шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилоятҳо ба 10000 нафар аҳолӣ (X6) ба даст омадааст. Ҳамин тариқ, вилояти Суғд дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории иҷтимоӣ миёни дигар минтақаҳои мамлакат фаъол буда, ин тамоюл сифати устувор гирифтааст.

Бояд қайд намуд, ки соҳаҳои муҳимми иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ ва фарҳанг) ба соҳаи иқтисодиёт дохил мешаванд ва дар истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти336 милливу минтақавӣ иштирок менамоянд. Ба ибораи дигар, онҳо ҳамчун омили иҷтимоии рушди иқтисодӣ баромад мекунанд. Бо мақсади муайян кардани мавқеи соҳаҳои маориф ва тандурустӣ дар афзоиши МММ-и Суғд аз тарафи мо таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ анҷом дода шуд. Дар ҷадвали зерин маълумоти омории нишондиҳандаҳои таҳлилӣ оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.2.15. - Динамикаи суръати афзоиши МММ ва хароҷоти соҳаҳои маорифу тандурустӣ дар вилояти Суғд барои солҳои 2010-2021**

| Омилҳо / Солҳо | Суръати афзоиши МММ | Суръати афзоиши хароҷоти соҳаи маориф | Суръати афзоиши хароҷоти соҳаи тандурустӣ |
|---|---|---|---|
| | СМММ | САХМ | САХТ |
| 2010 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |
| 2011 | 125,6 | 117,9 | 132,9 |
| 2012 | 124,8 | 121,0 | 136,4 |
| 2013 | 116,5 | 152,9 | 129,2 |
| 2014 | 110,4 | 117,3 | 126,8 |
| 2015 | 104,4 | 103,7 | 105,3 |
| 2016 | 121,7 | 111,9 | 112,0 |
| 2017 | 119,5 | 116,3 | 114,1 |
| 2018 | 104,8 | 108,8 | 108,0 |
| 2019 | 112,0 | 110,8 | 117,4 |
| 2020 | 105,3 | 101,5 | 108,9 |
| 2021 | 127,0 | 124,6 | 110,5 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф

Дар асоси маълумоти омории ҷадвали 2.2.15. бо истифода аз усули коррелятсионӣ вобастагии суръати афзоиши МММ-и вилояти Суғдро аз омилҳои таъсиррасони суръати афзоиши хароҷоти соҳаҳои маориф ва тандурустӣ муайян менамоем (ниг. ба ҷадв. 2.2.16).

**Ҷадвали 2.2.16. - Натиҷаи таҳлили коррелятсионии суръати афзоиши МММ-и вилояти Суғд аз омилҳои таъсиррасони соҳаи иҷтимоӣ**

| | Суръати афзоиши МММ | Суръати афзоиши хароҷоти соҳаи маориф | Суръати афзоиши соҳаи тандурустӣ |
|---|---|---|---|
| Суръати афзоиши МММ | 1 | | |
| Суръати афзоиши хароҷоти соҳаи маориф | 0,5423 | 1 | |
| Суръати афзоиши соҳаи тандурустӣ | 0,6184 | 0,6320 | 1 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф

Тибқи таҳлили коррелятсионии ҷадвали 2.2.16 мушоҳида мешавад, ки байни омилҳои суръати афзоиши хароҷоти соҳаи маориф ва суръати афзоиши соҳаи тандурустӣ алоқамандии колинеарӣ мавҷуд нест, яъне $r_{\text{САХМ,САХТ}} = 0{,}6320$). Инчунин, байни аломати натиҷавӣ - суръати афзоиши МММ-и вилояти Суғд бо омилҳои суръати афзоиши хароҷоти соҳаи маориф ($r_{\text{САХМ,СМММ}} = 0{,}5423$) ва суръати афзоиши соҳаи тандурустӣ ($r_{\text{САХТ,СМММ}} = 0{,}6184$) алоқамандии назаррас ҷой дорад. Бо ин мақсад, дар раванди таҳияи модели ҳисоби регрессионии арзёбии рушди МММ-и вилояти Суғд омилҳои суръати афзоиши хароҷоти соҳаи маориф ва суръати афзоиши соҳаи тандурустӣ ба модели таҳияшаванда ворид карда мешаванд.

Дар раванди таҳқиқот бо истифода аз усулҳои эконометрикӣ модели регрессионии арзёбии рушди МММ-и вилояти Суғд таҳия карда шуд:

$$\text{СМММ} = 0{,}2819 \cdot \text{САХМ} + 0{,}6962 \cdot \text{САХТ} \quad (2)$$

Тавсифи омории модели регрессионии арзёбии рушди МММ-и вилояти Суғд аз рӯйи меъёрҳои сифат, эътимоднокӣ ва хатоии стандартӣ чунин мебошад: $R^2$ = 0,998, $DW$ = 1,718, $\bar{A}$ = 3,906. Аз натиҷаи тавсифҳои оморӣ маълум мегардад, ки модели регрессионии таҳиягардида эътимоднок буда, барои истифодабарӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Дар мавриди истифода намудани модели регрессионии таҳиягардида (2) ба чунин хулоса омадан мумкин аст: ҳангоми ба як воҳид афзоиш ёфтани

хароҷот ба соҳаи маориф ва бетағйир мондани хароҷоти соҳаи тандурустӣ, суръати афзоиши ММM-и вилояти Суғд ба ҳисоби миёна ба андозаи 0,2819 воҳид зиёд мегардад. Ҳамзамон, дар ҳолати ба як воҳид зиёд шудани хароҷот ба соҳаи тандурустӣ ва бетағйир будани хароҷоти маориф, суръати афзоиши ММM-и вилояти Суғд ба ҳисоби миёна ба андозаи 0,6962 воҳид афзоиш меёбад.

## 2.3. Тамоюли инкишофи омилҳои институтсионалии рушди бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар вилояти Суғд

Истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ омили бунёдии рушди инсонро ташкил менамояд. Зеро ки аз нигоҳи илмӣ се нишондиҳандаи асосии рушди инсонро ҷудо менамоянд: дарозумрӣ, сатҳу сифати таҳсилот ва сатҳи зиндагии мардум.

Ҳар як ин нишондиҳанда, дар навбати худ, ба инсон имконияти муайяне мебахшад: дарозумрӣ метавонад нишондиҳандаи ҳаёти солим бошад, сатҳу сифати маориф ҳавасмандиро барои андухти дониш ва иштироки фаъоли шахсро дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангию сиёсии ҷомеа таъмин менамояд ва ба ҳаракати аҳолӣ суръат мебахшад.

Барои рушди инсон, на танҳо рушди соҳаҳои муҳимми иҷтимоӣ, балки сохтори ниҳодии бахши давлатии иқтисодиёт низ таъсири назаррас мебахшад. Дар давраи соҳибистиқлолии мамлакат ин омилу шароитҳои ниҳодӣ рушд ёфтанд, ки дар натиҷа, рушди соҳаҳои тандурустӣ, таҳсилот таъмин гашта, дар низоми иҷтимоиву иқтисодии мамлакат ва минтақаҳои он шароити мусоиди меҳнативу фароғатӣ рӯйи кор омад.

Тибқи раддабандии 156 кишвари ҷаҳон оид ба масъалаи сатҳи баланди зиндагӣ, некуаҳволии аҳолӣ, ки моҳи декабри соли 2019 гурӯҳи экспертии СММ гузаронида буд, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷойи 74-ум ва дар байни

кишварҳои ИДМ (Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил) бо нишондиҳандаи 5,467 дар ҷойи 5-ум қарор гирифта буд.




**Расми 2.3.1. Рейтинги кишварҳои ИДМ (Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил) оид ба сатҳи некуаҳволии аҳолӣ дар миқёси 156 давлати ҷаҳон**

**Сарчашма:** Рейтинг стран мира по уровню счастья Sustainable Development Solutions Network. Гуманитарная энциклопедия: Исследования [Электронный ресурс] // Центр гуманитарных технологий, 2006 - 2019 (последняя редакция: 16.12.2019).




**Расми 2.3.2 Рейтинги кишварҳои ИДМ (Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил) оид ба сатҳи некуаҳволии аҳолӣ дар миқёси 156 давлати ҷаҳон**

**Сарчашма:** Рейтинг стран мира по уровню счастья Sustainable Development Solutions Network. Гуманитарная энциклопедия: Исследования [Электронный ресурс] // Центр гуманитарных технологий, 2006 - 2019 (последняя редакция: 16.12.2019).

Тавре ки дар боби аввали диссертатсия қайд гардида буд, дар давраи гузаронидани ислоҳот дар ҷумҳурӣ дар тамоми соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ сохторҳои нави ниҳодӣ - низомҳои меъёр ва қоидаҳои хоҷагидорӣ, мутаносиби ниҳодҳо механизмҳои онҳо ташаккул ёфтанд. Дар низоми ин гуна сохтор ва механизмҳои ниҳодӣ шартнома, муносибатҳои шартномавӣ ҷойи махсусро ишғол мекунад.

Дар таҷрибаи ҷаҳонии пешниҳоди хизматрасониҳои муҳимми иҷтимоӣ аз ҷониби бахши давлатӣ муносибатҳои шартномавӣ байни давлат ва ташкилоти ғайридавлатӣ васеъ паҳн шудаанд. Ин аз он бармеояд, ки аксари намудҳои неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ, ба монанди неъматҳои омехта, пеш аз ҳама, хизматрасониҳои таҳсилотӣ, тиббӣ ва ё тандурустӣ дорои хусусият ва аломатҳои ҳам неъматҳои давлатӣ ва ҳам хусусӣ мебошанд. Аз ин рӯ, ин неъматҳо пурра ё қисман (аз меъёрҳои ҳадди ақали иҷтимоӣ, ки ҷомеа муайян кардааст) бо механизҳои бозорӣ пешниҳод карда мешаванд, яъне пардохти бозории хизматрасониҳо сурат мегирад. Дар ин ҷода рушди бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар мамлакат шаҳодат медиҳад. Дар ин бозор муассисаҳои таҳсилотӣ ҳамчун агент маҳсулоти таҳсилотии худро мефурӯшанд, ки харидорони онҳо давлат ва аҳолӣ мебошад. Зимнан бояд қайд намуд, ки давлат барои ин муассисаҳо маблағгузории сарикасиро аз буҷет таъмин менамояд ва қисми дигаршро худи аҳолӣ (хонаводаҳо, волидайни фарзандон) пардохт менамоянд. Ҳаҷми ин пардохтҳо сол аз сол меафзояд, зеро шумораи хонандагон афзуда истодааст. Аз рақамҳои ҷадвали 2.3.1. бармеояд, ки дар вилояти Суғд дар давраи солҳои 2014-2022 шумораи хонандагон аз 528,9 то 657,1 ҳазор нафар ва ё 24,2% зиёд шудааст. Хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар шумораи умумии хонандагони вилоят соли хониши 2021-2022 88,1%-ро ташкил дода, дар давраи таҳлилӣ беш аз 22,8% зиёд шудааст. Мувофиқан маблағгузории онҳо низ меафзояд, бинобар он, барои паст кардани сатҳи гаронӣ дар буҷет муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ғайридавлатӣ бо тариқи шартнома, яъне пулакӣ хизматрасониҳои таҳсилотиро ба истеъмолгарон пешниҳод менамоянд.

**Ҷадвали 2.3.1. - Динамика ва ҳайати хонандагони вилояти Суғд**

| Нишондиҳандаҳо | 2014- 2015 | | 2021-2022 | | Тағйирот бо % дар соли 2022 нисбат ба соли 2014 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳазор нафар, | Дар% | Ҳазор нафар, | Дар% | Рушд | Тағйироти сохторӣ, |
| **Хонандагони ба таҳсилот фарогирифта, ҳамагӣ** | 528,9 | 100,0 | 657,1 | 100,0 | 124,2 | - |
| аз он ҷумла, хонандагон | | | | | | |
| - дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ | 471,6 | 89,2 | 579,5 | 88,1 | 122,8 | -1,1 бф |
| донишҷӯён | | | | | | |
| -дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ | 6,5 | 1,22 | 7,8 | 1,18 | 120 | -0,01 |
| -дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ | 16,6 | 3,13 | 22,2 | 3,37 | 133,7 | 0,24 |
| -дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | 34,2 | 6,46 | 47,7 | 7,25 | 139,4 | 0,79 |

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Суғд, 2022. - С.56.

Ба ҳамагон аён аст, ки дар низоми таҳсилоти касбӣ бозори хизматрасониҳо хеле баръало рушд ёфтааст. Дар ин муассисаҳо бештар донишҷӯён тариқи шартнома таҳсил менамоянд ва дастрасӣ ба он нисбатан маҳдуд аст. Соли хониши 2021-2022 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мувофиқан 3,37 ва 7,25%-и донишҷӯёни вилоят таҳсил менамоянд ва суръати рушди онҳо нисбат ба соли 2014 баланд аст, мувофиқан 33,7 ва 39,4%-ро ташкил додааст.

Дар мамлакат ва минтақаҳои он беш аз 70%-и донишҷӯён бо тариқи шартнома таҳсил менамоянд ва шумораи онҳо сол аз сол зиёд шуда истодааст. Масалан, дар давраи солҳои 2015-2016 то 2019-2020 дар мамлакат шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки бо тариқи шартнома таҳсил менамоянд, аз 108,3 то 162,3 ҳазор нафар ва ё 49,8% зиёд шудааст. Дар вилояти Суғд бошад, ин нишондиҳанда аз 29,9 то 40,7 ҳазор нафар ва ё 36,1% зиёд шудааст (нигар ба ҷадвали 2.3.2).

Ҳамин тариқ, дар низоми таҳсилоти олии касбӣ пешниҳоди хизматрасониҳои таҳсилотӣ ба воситаи механизмҳои бозорӣ сурат мегирад. Аммо ин хизматрасониҳо, ки сифати неъмати иҷтимоии муҳим доранду самараи иҷтимоии мусбати берунааш хеле баланд аст, бинобар он, зери танзиму назорати давлат қарор дорад.

**Ҷадвали 2.3.2. - Шумораи донишҷӯёне, ки дар асоси шартнома дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳсил менамоянд**

| Солҳо | Ҷумҳурии Тоҷикистон | аз он ҷумла: | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ВМКБ | Вилояти Хатлон | Вилояти Суғд | Шаҳри Душанбе | НТҶ |
| **2015-16** | 108316 | 1916 | 14566 | 29994 | 61307 | 533 |
| **2016-17** | 120799 | 2063 | 16591 | 33894 | 67480 | 771 |
| **2017-18** | 129281 | 1807 | 18878 | 34094 | 73087 | 1415 |
| **2018-19** | 144636 | 2445 | 22829 | 37369 | 80262 | 1731 |
| **2019-20** | 162310 | 2307 | 26641 | 40708 | 90801 | 1853 |
| **2020-2021** | 161410 | 2206 | 26412 | 40606 | 90704 | 1826 |
| **Рушд, %** | 149,0 | 115,1 | 181,3 | 135,3 | 147,9 | 342,6 |

**Сарчашма**: Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. - Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. - С.67.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ дар низоми хизматрасониҳои иҷтимоӣ аксари ҳолатҳо барои истеҳсол ва пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ба табақаҳои гуногуни аҳолӣ созмони ғайридавлатию ғайритиҷоратӣ ҳамчун як ниҳоди бахши ҷамъиятӣ ҷалб карда мешавад. Онҳо неъматҳои мазкурро ройгон таъмин мекунанд, зеро барои фаъолияти худ аз Сарчашмаҳои дигар маблағгузорӣ мешаванд.

Дигар ниҳоди муҳим дар бахши иҷтимоии мамлакат фармоиши давлатӣ аст, ки истеҳсол ва пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ бо роҳи бастани шартнома бо корхонаҳои хусусӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии маҳаллӣ амалӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, шакли васеъ паҳншудаи иштироки корхонаҳои бахши хусусӣ дар бахши давлатӣ ин низоми муносибатҳои шартномавӣ мебошад. Ҷузъи муҳимми таркибии фаъолияти иқтисодӣ дар бахши давлатӣ - шартномаи давлатӣ бо таъминкунандагон ва миёнаравон мебошад, ки давлат ба онҳо ниёз дорад. Масалан, мизу курсӣ,

ҷиҳоз, лавозимоти канселярӣ ва ғайра, ки барои муассисаҳои таълимӣ заруранд, одатан дар бахши хусусӣ харидорӣ мешаванд. Ҳамин тариқ, дар айни замон шартномаи мақомоти давлатӣ бо корхонаҳои хусусӣ дар бораи хизматрасонӣ ба аҳолӣ, ки қаблан ба таври комил ба давлат, муассисаҳои давлатӣ пешниҳод карда мешуд, васеъ паҳн шудааст. Аммо дар ин ҷо (ҳангоми чунин шакли муносибатҳои шарикӣ) хусусияти шартномаҳо, ки дар онҳо манфиати тарафҳо инъикос ёфтааст, аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Вақте ки дар соҳаи фаъолияти муштарак, яъне агар ҳангоми таҳияи шартномаҳо байни таъминкунандагон рақобат мавҷуд набошад, эҳтимол вуҷуд дорад, ки ин амал тарафи манфӣ дошта бошад. Масалан, имконияти воқеии дар шартнома сабт кардани сатҳи ғайриоптималии хароҷот вуҷуд дорад ва мутаносибан хавфи калони фасод мавҷуд аст. Ҳатто дар шароити рақобат аксар чиз аз қобилияти харидор, яъне мақомоти давлатӣ, дар шартнома муқаррар кардани қиматҳои воқеии андоза ва талаботи беистисно барои тамоми ҷанбаҳои муҳимми фаъолияти минбаъда вобаста аст. Дар ин ҷо барои ба даст овардани манфиатҳои хусусии агентҳои давлатӣ хоҳиши ба даст овардани иҷораҳои маъмурӣ  пайдо шуда метавонад.

Дар соҳаи неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ вобаста ба шакли ташкилот, намуди корҳои иҷрошаванда, шартҳои амаликунии фаъолият, намудҳои зерини шартномаҳоро тасниф кардан мумкин аст:

**- шартнома бо нархи муқарраршудаи устувор**. Ин навъи шартнома дар ҳолате татбиқ мешавад, ки натиҷа ва хароҷот ба дараҷаи оқилона пешбинишаванда бошанд;

**- шартномаи навъи “хароҷот ҷамъи фоида”**. Истифодаи ин навъи шартнома дар он ҳолатҳое сурат мегирад, ки агар маблағи пардохт пешакӣ муқаррар нашуда бошад ва фармоишгар ба таҳвилгар дар асоси сатҳи хароҷоти воқеӣ ҳисобӣ карда, ба онҳо бо шартҳои дар шартнома мувофиқашуда фоидаро илова мекунад. Дар ин ҷо хароҷоти таҳвилгарро, сарфи назар аз афзудани он, фармоишгар пурра ҷуброн мекунад, бинобар ин, ба таҳвилгар ягон хатар таҳдид намекунад. Аз ин рӯ, шартномаҳои навъи **“хароҷот ҷамъи фоида”** на камтар шудани хароҷот, балки зиёдшавии онҳоро ҳавасманд мекунанд.

**- шартнома бо тақсими хавф**. Ин навъ нақшаи дигарро пешниҳод мекунад. Дар ин ҷо маблағи асосии пардохт пешакӣ муқаррар карда шуда, ба маҳсулотсупор кафолат дода мешавад ва дар ҳолате, ки ин миқдор аз ҳад зиёд аст (вақте ки таҳвилгар хароҷоти иловагиро мекашад), он байни фармоишгар ва таҳвилгар дар ин ё он таносуби дар шартнома мувофиқакардашуда тақсим карда мешавад.

Интихоби шакли ташкилот барои бастани шартномаи пешниҳоди хизматрасониҳои муҳимми иҷтимоӣ аз он вазифае вобаста аст, ки дар доираи хароҷоти давлатӣ ҳал ва самти мушаххаси харҷи маблағҳои бахши давлатӣ муайян карда мешавад. Масалан, вақте ки имкони тавсифи саҳеҳ ва муқаррар кардани талабот ба миқдор ва сифати маҳсулот ва хизматрасонӣ мавҷуд аст, пас дар ин ҷо бо корхонаҳои хусусӣ, ки онҳо мақсади фоида гирифтанро доранд, шартнома бастан мумкин аст. Мақсад ё маънои шартнома дар ин маврид бояд ба кам кардани хароҷот равона карда шавад. Ин гуна корхонаҳои хусусии бахши тиҷоратӣ, ки ба зиёд кардани фоида ҳавасманданд, вазифаҳои гузошташударо бомуваффақият ҳаллу фасл мекунанд, танҳо бо шарте ки онҳо дар шароити рақобат фаъолият кунанд.

Дар хусуси шартномаҳои байни сохторҳои давлатӣ ва корхонаҳои давлатӣ оид ба таҳвили мол ва хизматрасонӣ, дар ин ҳолат дар ихтиёри фармоишгар фишангҳои таъсир ба таҳвилгар мавҷуданд (на танҳо бо шартнома мувофиқа мешавад). Чунин шартномаҳо барои густариши соҳаҳои зерин мувофиқи мақсад мебошанд:

- дар минтақаҳои нокоми бозор, яъне вақте ки бозор сатҳи кофии истеҳсол ва пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоиро таъмин карда наметавонад;

- дар он ҷое, ки сатҳи номуайянӣ ва хавф баланд бошад, на ҳама шартҳои заруриро дар шартномаҳо дуруст ва пешакӣ сабт кардан мумкин аст.

Ташкилоти ғайритиҷоратии давлатӣ барои мақомоти давлатӣ на танҳо дар нақши муштариён, ки асосан ба натиҷаи фаъолият таваҷҷуҳ доранд, балки дар нақши мақомоте баромад мекунанд, ки ба фаъолият таъсир мерасонанд. Масалан, агар матлаби шартнома таҳия ва истеҳсоли навъи нави таҷҳизот

бошад, пас аз як тараф, андозаҳои натиҷаи интизоршаванда на ҳама вақт пешакӣ муайян карда мешаванд ва аз тарафи дигар - мақомоти давлатӣ одатан интихоби технологияҳоро танзим мекунад ва ғ. Ин зарурат дорад, ҳарчанд ки метавонад барои паст кардани хароҷот монеа шавад.

Дар низоми бахши давлатии иқтисодиёт ташкилотҳои ғайридавлатии ғайритиҷоратӣ мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Бо инкишофи бахши ташкилоти ғайритиҷоратӣ сарборӣ ба бахши давлатӣ тадриҷан кам шуда истодааст. Агар ташкилоти ғайридавлатии ғайритиҷоратӣ рисолатеро, ки ба он бояд хароҷоти иловагии давлат равона карда шавад, бомуваффақият иҷро намояд, ҷалби он ба сифати шарик ба мақсад мувофиқ аст, зеро пас аз гирифтани маблағ онҳо метавонанд фаъолияти худро васеъ намоянд ё такмил диҳанд ва тавассути ин сарбории давлатро дар ташкили корҳои марбута дар бахши давлатӣ сабуктар намоянд.

Ташкилоти ғайридавлатии ғайритиҷоратӣ, махсусан дар сатҳи минтақавӣ нақши муҳим доранд. Ба онҳо ташкилоти худидоракунанда, ба монанди маҳфилҳои ихтиёрии ҳавасмандон, маҳфилҳои варзишӣ, ҷавонон, занон ва ташкилоти дигар дохил мешаванд. Онҳо дар заминаи моликияти муштараки коллективӣ фаъолият мекунанд ва бахши ихтиёрӣ-ҷамъиятиро ташкил медиҳанд.

Иттиҳодияҳои ихтиёрӣ ва гурӯҳҳои манфиатдор, ки ба таври расмӣ ва ғайрирасмӣ таъсис дода мешаванд, барои мунтазам гирифтани иттилоот ва муҳокимаҳо оид ба масъалаҳои баҳсталаби пайдошаванда ва инчунин, ҳалли дастаҷамъонаи онҳо муҳити заруриро ташкил медиҳанд. Ҳамин тариқ, ҷалби ташкилоти ғайридавлатӣ, пеш аз ҳама, ташкилоти ғайритиҷоратӣ барои иҷрои вазифаҳои бахши давлатӣ асоси рушди бахши мазкур мебошад. Аммо мушкилот дар интихоби шаклҳои нисбатан самараноки истифода ва иқтидор аст. Бояд қайд кард, ки ташкилоти ғайридавлатии ғайритиҷоратӣ бо мардум дар робитаи зич қарор доранд. Ҳоло дар Тоҷикистон тақрибан 200 ташкилоти

ғайритиҷоратӣ амал мекунад ва дар вилояти Суғд шумораи он ба 54 расидааст[66].

Онҳо ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, таҳсили ҷавонон, тандурустӣ, муҳити зист ва ғайра машғуланд. Ин ташкилотҳо брошюраҳо, китобҳо дар бораи масъалаҳои асосии иҷтимоӣ нашр намуда, дониши аъзоёни ҷомеаро васеътар мекунанд, семинарҳо, мизҳои мудаввар ва тренингҳо мегузаронанд.

Дарвоқеъ, саҳми созмонҳои ғайридавлатии ғайритиҷоратӣ дар бозомӯзии кадрҳои миллӣ, ҳамкорӣ дар соҳаи тандурустӣ ва маориф, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, ташкили курсҳои кӯтоҳмуҳлати махсус бо истифода аз имкониятҳои муосир барои кормандони давлатӣ ва кормандони идоравӣ, фароҳам овардани имконот ва ҷойҳои нави корӣ барои ҷавонон ва соҳибхоназанҳо хеле муҳим ва назаррас аст. Аммо мушкилоти асосии ташкилотҳои мазкур набудани имкониятҳои молиявӣ ва раванди мураккаби бақайдгирии онҳо ва иттилооти муфассал дар бораи онҳо мебошад.

Такомули сохтор ва механизмҳои идоракунии ниҳоди бахши давлатӣ дар соҳаи неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ, махсусан дар сатҳи иқтисоди минтақавӣ масъалаи мубрам мебошад, зеро аксарияти вазифаҳо маҳз дар сатҳи минтақа ва ҷамоатҳо оид ба маблағгузории истеҳсоли неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ҳаллу фасл мешаванд. Дар ин ҷо барои бахши давлатӣ ҷиҳати истифодаи самарабахши тамоми иқтидори минтақавӣ дар самти ҷалби ташкилоти ғайридавлатии ғайритиҷоратӣ ва сохторҳои тиҷоратӣ имкон дорад.

Ҳоло дар ҷумҳурӣ дар доираи барномаи давлатии "Рушди деҳот" ба рушди худидоракунии маҳаллӣ ва минтақаҳои деҳот таваҷҷуҳи хосса дода мешавад.

Аз ин рӯ, дар бахши давлатии иқтисодиёт дар заминаи татбиқи принсипу механизмҳои демократии мақомоти худидоракунии маҳаллӣ баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли хизматрасониҳои бахши давлатӣ таъмин мегардад. Хусусияти ниҳоди худидоракунии маҳаллӣ ин худтанзимкунии аҳолӣ

---

[66] (Захираи электронӣ) http://www.tajik-gateway.org/wp/?page_id=22304

мебошад, ки аз рӯйи моҳият имкони мансуб донистани худидоракунии маҳаллиро ба зуҳуроти ҳаёти ҷамъиятӣ медиҳад. Худидоракунии маҳаллӣ на танҳо бо мақсади идоракунии хубтар, рушди мустақилияти шаҳрвандӣ ва масъулият, балки барои ба аҳолӣ наздиктар кардани хизматрасонии давлатӣ таъсис дода мешавад. Он ҳамчун як ташкилоти худидоракунии шаҳрвандон ба татбиқи мустақилонаи ташаббусҳои дорои аҳаммияти маҳаллӣ равона карда шудааст.

Тамоюлҳои рушди бахши давлатии иқтисодиёт дар айни ҳол мустақиман бо имкони ҷалби ташкилоти ғайридавлатӣ ба истеҳсоли неъматҳои ҷамъиятӣ вобаста аст. Дар натиҷаи ҳамкории бахшҳои гуногуни иқтисодиёт ҳалли нисбатан самараноки масъалаҳои иҷтимоӣ таъмин мегардад. Дар ин маврид интихоби механизми ниҳодӣ, яъне шакл, усул, технологияи ҳамкорӣ вобаста аз ҳолати мушаххас бо мақсади ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ муҳим аст. Ин ҷо метавон шаклҳои ҳамкории иқтисодӣ ва ғайримолиявиро тасниф намуд.

Ба шаклҳои иқтисодии ҳамкорӣ инҳо дохил мешаванд:

• Фармоиши давлатӣ дар соҳаи иҷтимоӣ, ки моҳияти он бо роҳи озмун интихоб кардани беҳтарин иҷрокунандаи барномаи мақсадноки иҷтимоӣ мебошад, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ таҳия ва маблағгузорӣ карда мешавад. Ба озмун ташкилоти ғайритиҷоратӣ ва инчунин, ташкилоти тиҷоратӣ даъват карда мешаванд;

• Пешниҳоди бурсҳои (грантҳои) давлатӣ. Дар ин ҳолат, фармоишгар - давлат (бурсдиҳанда) барои маблағгузории лоиҳаҳои ҷолибтарин, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳиманд, интихоб мекунад. Озмунҳо барои гирифтани бурсҳо (грантҳо) дар аксари минтақаҳои кишвар баргузор мешаванд ва бояд қайд кард, ки механизми мазкур нисбат ба фармоиши иҷтимоӣ маъмултар аст ва талаботи зиёд дорад;

• Таъсис додани фондҳои ҷомеаҳои маҳаллӣ, яъне технологияи муттаҳидсозии захираҳои ҳукумат, тиҷорат ва ҷомеа барои маблағгузории иқдом ва лоиҳаҳои назаррас барои як минтақаи мушаххаси кишвар (масалан,

дар як минтақа ё ҷамоатҳо) амал хоҳад кард. Ғояи марказӣ дар он аст, ки масъалаҳои гуногуни ҷомеаи маҳаллӣ бояд аз ҷониби қувваҳои ин ҷомеа ҳаллу фасл карда шаванд;

• Ба иштирокчиёни фаъолияти хайриявӣ имтиёзҳои андозӣ ва дигар имтиёзҳо дода мешаванд, яъне ташкили реҷаи мусоиди андозӣ барои ташкилоти тиҷоратие, ки дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ иштирок мекунанд.

Ба шаклҳои ғайрииқтисодии ҳамкорӣ инҳо дохил мешаванд:

• Ташкили чорабиниҳои муштарак, аз қабили конфронсҳо, фестивалҳо ва ғайра;

• Таъсис додани шурои коршиносони ҷамъиятӣ. Шуроҳои мазкур одатан дар назди ташкилоти давлатӣ - вазоратҳо, идораҳо таъсис дода мешаванд ва ба ин шуроҳо намояндагони ташкилоти ғайритиҷоратӣ ё тиҷоратиро даъват мекунанд, ба онҳо ҳангоми ҳалли масъалаҳои алоҳида, ки аксар вақт худи мақомоти давлатӣ иқдом мекунанд, ҳуқуқи овоздиҳии машваратиро медиҳанд.

• Бо мақсади муҳокимаи масъалаҳои гуногуни вобаста ба пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ бо иштироки намояндагони соҳаҳои гуногун мизҳои мудаввар ташкил карда мешаванд. Мизҳои мудаввар барои муҳокимаи масъалаҳои гуногун бо қабули қарорҳои тавсиявӣ баргузор мешаванд. Масалан, вазифаҳо, аз қабили мубодилаи иттилоот, таҳлили таҷрибаи иштирокчиён, таҳияи қарорҳои муштарак, қабули мурочиатҳо ба мақомоти гуногун ҳаллу фасл мешаванд.

Ҳамкорӣ байни мақомоти давлатӣ ва ташкилоти ғайритиҷоратӣ рушд меёбад. Зеро, ҳам аз ҷониби давлат ва ҳам аз ҷониби ташкилоти ғайритиҷоратӣ дар ин ҷанба ҳавасмандӣ вуҷуд дорад. Ташкилотҳои давлатӣ метавонанд ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ инҳоро пешниҳод кунанд:

- утоқҳои бепул барои дафтари корӣ ё пешбурди кори ягон зерсохтор;

- мусоидат дар тарбияи мутахассисони касбӣ;

- мусоидат дар пешниҳоди ворид кардан ба мақомоти ҳокимияти минтақавӣ ё маҳаллӣ.

Дар навбати худ, ташкилоти ғайритиҷоратӣ метавонад ба рушди ташкилоти давлатӣ кумак расонад: бо ғояҳо, лоиҳаҳо, усулҳои нав; кумаки ройгони ихтиёрӣ ва ғ.;

Фаъолияти зербахши ихтиёрӣ-давлатӣ дар иҷрои вазифаҳое, ки танҳо аз ҷониби давлат ҳалли худро меёбанд, як қатор бартариҳои зерин дорад:

**Якум**, ташкилоти ғайритиҷоратӣ ба онҳое, ки хизмат мерасонад, наздиктар аст. Ташкилоти мазкур эҳтиёҷоти онҳоро хубтар дарк мекунад, метавонад дар заминаи фардикунонии амал фаъолият кунад.

**Дуюм**, ташкилоти мазкур одатан захираҳои худиро ҷалб менамояд ва аз меҳнати ройгони ихтиёриён (ҳашар) истифода мекунад, ки ин барои расидан ба ҳадаф нисбати аз ҳисоби хароҷоти давлатӣ арзонтар аст.

**Сеюм**, сохторҳои ғайридавлатӣ манбаи навовариҳо дар соҳаи иҷтимоӣ мебошанд, зеро онҳо ба падидаҳои бюрократия камтар дучор меоянд.

Барномаҳои иҷтимоии маҳаллӣ майдони васеи фаъолият барои ташкилоти ғайритиҷоратӣ мебошанд. Ба онҳо рушди муассисаҳои фарҳангӣ, варзиш, маориф ва ғайраҳоро метавон дохил кард. Онҳо дар ин маврид на танҳо ҳамчун иштирокчӣ, балки ҳамчун пудратчии асосӣ низ баромад карда метавонанд. Раванди дигари инкишофи бахши давлатӣ маблағгузории неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ аз ҳисоби маблағҳои шахсии аҳолӣ мебошад.

Ба ибораи дигар, гузариш аз маблағгузории истеҳсоли неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ аз ҳисоби даромадҳои андоз ва хароҷоти буҷети давлатӣ ба маблағгузорӣ аз ҳисоби аҳолӣ амалӣ мешавад. Ин гузариш (аз маблағгузории пурраи буҷетӣ ба маблағгузорӣ дар асоси пардохти қисми арзиши хизматрасонӣ аз ҷониби истеъмолкунандагон) ба механизми ниҳоди бахши давлатӣ тағйироти назаррас ворид мекунад. Шаклҳои гуногуни механизми ниҳодҳои ташкили фаъолият оид ба таъмини неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар ҷадвали 2.3.3) оварда шудаанд.

**Ҷадвали 2.3.3. - Механизмҳои ниҳодии ташкили фаъолият дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ**

| Навъи механизм | Моҳияти иқтисодии механизм |
|---|---|
| **Хизматрасонии давлатӣ** | *Истеҳсоли хизматрасонӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ бо истифодаи кормандони худ; ҳамзамон, мақомоти давлатӣ ҳам ба сифати ташкилкунанда ва ҳам истеҳсолкунандаи хизмат баромад мекунад.* |
| **Муносибатҳои вазъи бозорӣ** | *Мақомоти давлатӣ фаъолияти истеҳсолии неъматҳои муҳимми иҷтимоиро ташкил мекунад, истеҳсолкунандагони бевосита муассисаҳои буҷетии давлатӣ ва шаҳрӣ ва муассисаҳои мухтор мебошанд, ки дар асоси озмун интихоб карда шудаанд. Муносибатҳои байни мақомоти давлатӣ (фармоишгар) ва муассисаҳо (иҷрокунанда) дар асоси шартнома ба роҳ монда мешаванд.* |
| **Шартномавӣ** | *Аз ҷониби мақомоти давлатӣ ҷалб шудани ширкатҳои хусусӣ ва ташкилоти ғайритиҷоратӣ барои таҳвили мол ва хизматрасонӣ ба истеъмолкунандагон. Дар чунин механизм ширкати хусусӣ ё ташкилоти ғайридавлатии ғайритиҷоратӣ нақши истеҳсолкунанда ва бахши давлатӣ - нақши ташкилкунандаро мебозанд.* |
| **Маблағгузории мақсаднок** | *Як шакли бастани шартномаҳо мебошад, ки дар он мақомоти давлатӣ ташкилоти ғайридавлатии ғайритиҷоратиро, ки дар доираи барномаи мақсаднок неъматҳои муҳимми иҷтимоиро истеҳсол мекунад, маблағгузорӣ менамояд.* |
| **Фармоиши давлатӣ дар соҳаи иҷтимоӣ** | *Мақомоти давлатӣ дар асоси озмун беҳтарин иҷрокунандаро барои ҳалли масъалаҳои мушаххаси иҷтимоию иқтисодӣ дар доираи татбиқи барномаҳои рушди минтақавӣ ва шаҳрӣ интихоб менамояд. Шакли муносибатҳои шартномавӣ ё муносибатҳои бозорӣ мебошад.* |
| **Бурс (грант)-и давлатӣ** | *Мақомоти давлатӣ барои лоиҳаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимми ташкилоти ғайритиҷоратӣ озмун эълон мекунад. Шарти ҳатмии гирифтани бурс (грант) муҳиммияти иҷтимоии лоиҳа, хусусияти навоварона доштан ва ҷалб намудани Сарчашмаҳои ғайрибуҷетии маблағгузорӣ мебошад. Шакли муносибатҳои шартномавӣ ё бозорӣ мебошад.* |
| **Хизматрасонии ихтиёрӣ** | *Пешниҳоди хизмат аз ҷониби ташкилоти ғайридавлатии ғайритиҷоратӣ, ки худаш онро ташкил ё истеҳсол мекунад.* |
| **Худхизматрасонӣ** | *Механизме, ки мутобиқи он истеҳсолкунанда ва ташкилкунандаи хизматрасонӣ истеъмолкунанда мебошад.* |

**Сарчашма:** муаллиф бо истифодаи маводи маҳаллӣ таҳия намудааст.

Бо сохтор ва таносуби навъҳои гуногуни неъматҳои давлатӣ таносуби принсипҳои Сарчашмаҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ дар бахши давлатӣ муайян карда мешавад. Агар тамоми доираи неъматҳои иқтисодӣ дар ҷадвали ченак ифода гардад, пас дар қутбҳои канории ин ҷадвал неъматҳои софи давлатӣ ва неъматҳои софи хусусӣ ҷойгир мешаванд. Дар ченакҳои мобайнии онҳо намудҳои гуногуни неъматҳои омехтаи ҷамъиятӣ мавҷуданд, ки

хусусиятҳои хусусӣ ва давлатӣ доранд. Масалан, хизматрасонии иҷтимоиву фарҳангӣ неъмати омехтаи ҷамъиятӣ мебошад. Аммо вақте аз нуқтаи назари миқёснокии таъсири беруна, таъсири онҳо ба ҷомеа ва аҳаммияти иҷтимоии онҳо ба назар гирифта мешаванд, онҳо ба неъмати софи ҷамъиятӣ наздиктаранд.

Вобаста аз мавқеи ҷойгиршавӣ дар ҷадвали ченак як қатор неъматҳои ҷамъиятӣ, ҳиссаи Сарчашмаҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ дар маблағгузории онҳо метавонанд якхела бошанд ва қолаби ниҳодии идоракунии истеҳсол ва истеъмоли чунин неъматҳо фарқ мекунанд. Вобаста ба ин, зарурати васеъ кардани сохтори ниҳодӣ дар низоми идоракунӣ, инчунин, ҷалби ташкилоти ғайридавлатӣ ба истеҳсол ва фурӯши неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ба миён меояд.

### Хулосаи боби 2-юм

1. Дар шароити муосир дар мамлакат раванди ташаакул ва рушди шакли омехтаи иқтисодиёт тақвият ёфта истодааст. Дар доираи ин шакл мушкилоти омилҳои беруна, истеҳсолот ва пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ боиси ба вуҷуд омадани соҳаи фаъолияти иқтисодие гардид, ки дар он механизмҳои бозории тақсимоти неъматҳо пурра корандозӣ нашудаанд.

Бинобар он, ба андешаи мо, яке аз самтҳои фаъолият дар соҳаи пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ дар бахши давлатӣ аз чунин қисматҳо бояд иборат бошад: **Якум**, барои қонеъ кардани эҳтиёҷот тавассути истеҳсоли маҷмуи муайяни неъматҳо (мол ва хизматрасонӣ) масъулият мавқеи асосиро ишғол менамояд. Яъне неъматҳое истеҳсол карда мешаванд, ки ё ба неъматҳои ҷамъиятӣ ва иҷтимоии муҳим, ё ба омилҳои асосии ташаккули ин неъматҳо тааллуқ доранд. Масалан, ташкили ярмаркаи мактабӣ ва фурӯши лавозимоти мактабӣ бо нархҳои нисбатан арзон. **Дуюм,** тибқи қонунгузории мамлакат барномаҳои кумаки иҷтимоӣ барои аъзои эҳтиёҷманди ҷомеа, (шаҳрвандони камбизоат, маъюбон, иштирокчиёни амалиётҳои ҷангӣ) маблағгузорӣ ташкил

мегардад, ки барои дастрасӣ ба неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ шароит фароҳам меорад. **Сеюм**, барномаҳои гуногунро оид ба суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ, дар ҳолати гум кардани қобилияти меҳнатӣ (муваққатӣ ё тибқи синну сол), маблағгузорӣ ва таъмин менамояд.

2. Зимни тадқиқот муайян карда шуд, ки иштироки чунин ниҳодҳо (ба истиснои бозор), ба мисли давлат ва як қатор ташкилоти давлатӣ ва ғайритиҷоратӣ аз вазифҳои умумии бахши ҷамъиятии иқтисод бармеояд, зеро соҳаи таъмини неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ яке аз муҳимтарин зернизомҳои бахши давлатии иқтисодиёт мебошад.

3. Аз нуқтаи назари мо татбиқи манфиатҳои ҷамъиятӣ, ки бо амалисозии вазифаҳо ва амалҳои гуногуни бахши давлатии ҷумҳурӣ ба соҳаи пешниҳод ҳамчун ташкилоти зернизомӣ вобастаанд, якчанд сатҳҳоро дар бар мегирад. Ба ибораи дигар, фаъолияти ин зернизомро на танҳо дар сатҳи кишвар баррасӣ бояд кард, балки ба фаъолияти бахши ҷамъиятии минтақавӣ таваҷҷуҳ кардан мумкин аст.

4. Дар натиҷаи таҳлилҳо муайян гардид, ки вазифаи дистрибутивӣ, яъне аз нав тақсим кардани даромад низ асосан ба таври мутамарказ амалӣ карда мешавад. Зеро дар ҳоли имрӯз падидаи кӯчидан ё муҳоҷиршавии аҳолӣ ба назар мерасад. Яъне аҳолии даромади баланддошта ба минтақаҳое меравand, ки тақсими даромад заиф аст ва аҳолии камдаромад ба ҷойҳои сердаромад хоҳанд рафт. Масалан, аз таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ маълум гашт, ки дар шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд шумораи бекорон нисбат ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ камтар мебошад ва музди меҳнати номиналии ҳармоҳа низ баланд аст. Аз ин лиҳоз, дар солҳои охир воридшавии аҳолии қобили меҳнат ба шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд афзоиш ёфтааст. Ин ҷараён мутаносибан фарогирии бозори неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро васеъ менамояд.

5. Таҳлилҳо нишон доданд, ки вилояти Суғд яке аз минтақаҳои индустриалии мамлакат буда, ҷиҳати тақвияти сармояи инсонӣ, ки омили муҳимми рушди индустриаливу инноватсионӣ мебошад, таваҷҷуҳи хосса медиҳад. Дар 7 соли охир аз буҷети маҳал барои рушди соҳаи маориф аз 553,1

то 1097,5 млн сомонӣ маблағ равона шудааст. Яъне маблағгузории давлатӣ барои истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ дар вилояти Суғд тамоюли афзуданро дорад.

6. Тандурустӣ яке аз соҳаҳое мебошад, ки баҳри пешниҳоди неъматҳои (хизматрасониҳои) муҳимми иҷтимоӣ саҳми назаррас дорад. Аммо аз таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ муайян гашт, ки дар вилоят соли 2021 шумораи табибони тамоми ихтисосҳо барои 10000 нафар аҳолӣ 19,0 нафар рост омад, ки кифоя нест. Инчунин, шумораи катҳои беморхона барои ҳар 10000 нафар аҳолӣ дар вилояти Суғд нисбат ба нишондиҳандаи соли 2014 мутаносибан 900 адад зиёд шудааст, ки нишондиҳандаи на он қадар баланд аст. Ин ҳолат дар вилоят аз суръати баланди зиёдшавии аҳолӣ нисбат ба ҳаҷми маблағгузорӣ рабт дорад.

7. Яке аз самтҳои афзалиятноки истеҳсол ва пешниҳоди неъматҳои (хизматрасониҳои) муҳимми иҷтимоӣ, бастани шартнома бо корхонаҳои хусусӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии маҳаллӣ мебошад. Воқеан, шакли васеъ паҳншудаи иштироки корхонаҳои бахши хусусӣ дар бахши давлатӣ ин низоми муносибатҳои шартномавӣ мебошад. Ба андешаи мо, чунин шартномаҳо барои густариши соҳаҳои зерин мувофиқи мақсад мебошанд:

- дар минтақаҳои нокоми бозор, яъне вақте ки бозор сатҳи кофии истеҳсол ва пешниҳоди неъматҳои (хизматрасониҳои) муҳимми иҷтимоиро таъмин карда наметавонад;

- дар он ҷое, ки сатҳи номуайянӣ ва хавф баланд бошад, на ҳама шартҳои зарурияро дар шартномаҳо дуруст ва пешакӣ сабт кардан мумкин аст.

8. Дар доираи тадқиқот татбиқи чунин механизмҳои идоракунии ниҳодии бахши давлатиро дар соҳаи неъматҳои (хизматрасониҳои) муҳимми иҷтимоӣ мувофиқи мақсад мешуморем:

- хизматрасонии давлатӣ, истеҳсоли хизмат аз ҷониби мақомоти давлатӣ бо ҷалби кормандони худ; ҳамзамон, мақомоти давлатӣ ҳам ба сифати ташкилкунанда ва ҳам истеҳсолкунандаи хизмат баромад мекунад;

- маблағгузории мақсаднок, як навъи бастани шартномаҳо мебошад, ки дар он мақомоти давлатӣ ташкилоти ғайридавлатии ғайритиҷоратии дар доираи

барномаи мақсаднок неъматҳои муҳимми иҷтимоиро истеҳсолкунандаро маблағгузорӣ мекунад;

- фармоиши давлатӣ дар соҳаи иҷтимоӣ, мақомоти давлатӣ дар асоси озмун беҳтарин иҷрокунандаро барои ҳалли масъалаҳои мушаххаси иҷтимоию иқтисодӣ дар доираи татбиқи барномаҳои рушди минтақавӣ ва шаҳрӣ интихоб менамояд, ки ин шакли муносибатҳои шартномавӣ ё муносибатҳои бозорӣ мебошад.

# БОБИ 3.
# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМҲОИ ИДОРАКУНИИ БАХШИ ДАВЛАТИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ИҶТИМОИИ ВИЛОЯТИ СУҒД

## 3.1. Такмили механизмҳои идоракунии захираҳо дар бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ

Дар бобҳои қаблии диссертатсия таъкид шудааст, ки бахши ҷамъиятии иқтисодиёти минтақа як қисми фазои иқтисодии ҳудудӣ мебошад, зеро неъматҳои муҳимми иҷтимоие, ки дар минтақа тавлид ва таъмин карда мешаванд, аз ҷониби аҳолии ҳамин минтақа (ки дар ҳудуди муайян зиндагӣ мекунад) истеъмол мегардад. Сохтори бахши ҷамъиятии иқтисоди минтақа, ки ба талаботи ҷомеаи минтақаи мазкур ҷавобгӯ аст ва неъматҳо вобаста ба хоҳишҳои тағйирёбандаи истеъмолкунандагон тасҳеҳ карда мешаванд. Табиист, ки хароҷоти истеҳсолии неъматҳои мазкур, пеш аз ҳама, аз ҷониби мақомоти минтақавӣ пардохт карда мешаванд ва аз ин рӯ, онҳо пойгоҳи захиравии бахши ҷамъиятии минтақаро ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, фаъолияти самаранок ва босифати бахши давлатии минтақа дар самти неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ аз идоракунии эҷодкорона ва аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи ин бахш вобастагӣ дорад.

Таҳқиқот нишон дод, ки дар айни ҳол дар вилояти Суғд ислоҳоти соҳаи маориф дар заминаи принсипҳои зерин: шаклҳои гуногуни моликият, Сарчашмаҳои маблағгузорӣ, мундариҷаи таълим; ҳамкории муассиса бо ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва вазифаҳои гуногун; мавҷудияти интихоби хизматрасонии таълимӣ, интихоби ихтиёрии мақсадҳо, афзалиятҳо, ҳавасмандкунӣ ба роҳ монда шудааст. Дар баробари ин, ба андешаи мо минбаъд такмили фаъолияти ин бахш аз чунин қисматҳо иборат бошанд.

**Якум**, вусъат додани бахши таълимии музднок. Дар баробари ин, барои фароҳам овардани заминаҳои баробар барои таҳсил дар мактаб маълумоти миёна бояд асосан аз буҷа маблағгузорӣ карда шавад. Ин имкон медиҳад, ки хизматрасониҳои таълимӣ дар байни мардум баробар тақсим карда шаванд,

зеро инро бозори озод амалӣ карда наметавонад. Сатҳи музднок будани таҳсил дар мактабҳои олӣ бояд афзояд. Дар оянда қарзҳо барои донишҷӯён бояд ташкил карда шаванд, яъне додани қарзи дарозмуддат ба донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ барои пардохти хароҷоти таҳсил. Дар натиҷа, қарзҳои мазкур ба қисми даромади буҷетҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ки дар байни донишҷӯён талаботи зиёд доранд, равона карда мешаванд.[67]

**Дуюм**, шакли омехтаи таълими иқтисодиро вусъат дода, мавқеи бартаридоштаи бахши давлатиро нигоҳ доштан мумкин аст. Моҳиятан, дар соҳаи маориф ҳама шаклҳои имконпазири фаъолияти соҳибкорӣ вуҷуд дошта метавонад: давлатӣ ва хусусӣ, тиҷоратии хусусӣ ва ғайритиҷоратии хусусӣ, инфиродӣ ва коллективӣ. Дар аксарияти кишварҳо вазни бахши давлатӣ дар соҳаи маориф устувор мемонад ё афзоиш меёбад. Масалан, дар ИМА дар аввали солҳои 90-уми асри XX донишҷӯён дар донишгоҳҳои хусусӣ танҳо 22%, дар мактабҳои хусусӣ - 11% таҳсил мекарданд. Ҳиссаи хонандагон дар мактабҳои хусусӣ дар миёнаи солҳои 80-уми асри гузашта дар Италия - 28%, дар Фаронса - 20% ва дар Олмон - тақрибан 9% буд. Дар бахши таълими музднoки касбӣ дар ИМА дар охири солҳои 80-ум тақрибан 1,5% донишҷӯён таҳсил мекарданд ва тақрибан 1-2% маблағ сарф карда мешуд[68].

Дар кишварҳои пешрафта мактабҳои олӣ ва донишгоҳҳои баргузида (элита) хусусӣ мебошанд. Аммо байни мансубият ба бахши хусусӣ ва сифати таълим вобастагии қатъӣ вуҷуд надорад, зеро бахши давлатӣ стратегияи ягонаи таълимро дар ҳама сатҳҳои он таъмин менамояд. Мавҷудияти рақобат бо муассисаҳои таълимии давлатӣ, тиҷоратӣ ва ташкили низоми соҳибкории давлатӣ бахши давлатӣ ва дар маҷмуъ соҳаи маорифро солим мегардонад. Муассисаҳои таълимии шартномавӣ босуръат инкишофёбанда ва мавзун ҳастанд, дар ҳоле ки муассисаҳои таълимии давлатӣ нисбатан устувор мебошанд. Тавре ки таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад,

---

[67] Мирсаидов, А.Б. Институциональные изменений в сфере высшего профессионального образование Республики Таджикистан: позитивнее и негативнее процесси [Текст]/ А.Б. Мирсаидов // ASJ — EAST EUROPEAN SCHENTICH LJURNAL. – 2020. - №8(60), PAKE 2. - С. 40-48.

[68] Коммерческая и некоммерческая деятельность в социальной сфере. - М., 1995. - С.115, 117-118.

муассисаҳои таълимии давлатӣ ва худмаблағгузор бахшҳои ба ҳам алоқаманд мебошанд, ки гурӯҳҳои махсуси истеъмолкунандагони худро доранд. Рушди бомуваффақияти онҳо аз сатҳи робитаи наздик ва мубодилаи байни муассисаҳои таълимии давлатӣ ва тиҷоратӣ вобаста аст.

**Сеюм**, такмили усулҳои муайян кардани ҳаҷми маблағгузорӣ барои маориф. Дар таҷрибаи ватанӣ бузургиҳои мутлақ ва нисбии меъёрҳои маблағгузорӣ истифода мешаванд. Бо усули бузургиҳои мутлақи меъёрҳо маблағгузорӣ бо ҳадди ақали маблағҳои барои зинаҳои мухталифи таҳсил кофӣ муайян карда мешавад. Ҳангоми андозаҳои нисбии (таносуби) маблағгузорӣ ҳиссаи хароҷот аз рӯйи самтҳои истеҳсолоти иҷтимоӣ, аз ҷумла соҳаи маориф муқаррар карда мешавад. Дар ин ҷо таносуби байни шаклҳо ва зинаҳо, самтҳои омодакунӣ, Сарчашмаҳои даромад ва дигар самтҳои дохили соҳаи маориф муайян карда мешавад. Ин усул нисбатан афзалтар аст, зеро ҳамчун дастур таносуби устувори кишварҳои мутараққӣ метавонад истифода бурда шавад. Масалан, дар Япония, дар 15 соли охир ҳиссаи хароҷоти давлатӣ барои маориф ва таълим дар МДМ аз 3,9% то 5,7%; дар Олмон - аз 3,5% то 4,6%; дар Британияи Кабир - аз 5,3% то 5,5%; дар Фаронса - аз 4,9% то 5,1% афзудааст[69].

Байни Сарчашмаҳои даромади муассисаҳои таълимӣ дар кишварҳои тараққикарда на кам аз нисфи маблағҳо аз ҳисоби Сарчашмаҳои маҳаллӣ ва бевосита аз донишҷӯён ё сарпарастони онҳо, 20-30% аз мақомоти маҳаллӣ ва 15-20% аз маркази федералӣ ворид мешаванд[70].

Дар давраи солҳои 50-80-уми асри XX дар ҳама кишварҳои тараққикарда дар тамоми зинаҳои таҳсилот баландшавии арзиши умумии таълим мушоҳида шуд. Ҳамаи дастуру меъёрҳои зикршудаи таносубро бо назардошти хусусиятҳои маҳаллӣ дар таҷрибаи ватании маблағгузории таҳсил истифода бурдан мумкин аст. Афзоиши ҳиссаи сармоягузорӣ ба соҳаи маориф вазифаи дарозмуддат ва гарави рушди устувор мебошад.

---

[69] Экономическая теория. Политэкономия: учебник / Под общей ред. В.И. Валяпина, Г. П. Журавлевой. - М., 1999. – С.54

[70] Коммерческая некоммерческая деятельность в социальной сфере. - М., 1995. - С.110.

**Чорум**, такмил додани низоми музди меҳнат дар соҳаи маориф. Пеш аз ҳама, ба роҳ мондани пардохтҳои мунтазам ва баланд бардоштани сатҳи нисбии музди меҳнат зарур аст. Дар айни замон музди меҳнати омӯзгорон, чӣ тавре ки дар боло гуфта шуд, нисбат ба маоши миёнаи шахсони дар иқтисодиёт амалкунанда паст мебошад. Такмил бахшидани низоми музди меҳнат, инчунин, низоми самарабахши бозомӯзӣ ва баҳодиҳии инфиродии дараҷаи тахассус, таносуби муносиби даромади ҳадди ақал ва баландтарин, муҳлати муносибтарин барои расидан ба ҳадди баландтарини музди меҳнатро низ дар бар мегирад.

Объекти идоракунӣ соҳаи таъмини неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳиме мебошанд, ки онҳоро ҳамчун низом баррасӣ кардан мумкин аст. Аммо низоми мазкур аз унсурҳои инфиродӣ, ба монанди сохтори соҳавӣ (маориф, илм, тандурустӣ, фарҳанг ва ғайра), ташкилотҳое, ки барои истеҳсоли неъматҳои муҳимми иҷтимоии ҳам давлатӣ ва ҳам ғайридавлатӣ масъуланд, раванди ташаккули даромад ва самтҳои хароҷот иборат аст. Дар дохили низоми мазкур ҳамкорӣ ва робитаҳои мутақобилаи ташкилоти алоҳида дар дохили як соҳа, муносибатҳои байнисоҳавӣ, инчунин, шакл ва механизмҳои ниҳоди ташкили истеҳсол ва фурӯши неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ташаккул меёбанд.

Таъсиси низоми самарабахши идоракунии таъмини неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, аз сатҳи низоми ташкилӣ вобаста аст. Тавре ки маълум аст, низоми ташкилӣ маҷмуи қоидаҳо, қонунҳо ва расмияти танзимкунандаи ҳамкории иштирокчиёни низоми ташкилӣ ва механизми идоракунӣ, инчунин, маҷмуи тартиботи қабули қарорҳои идоравиро дар бар мегирад. Ин муқаррарот ба бахши иқтисодии минтақа нисбати пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ пурра мувофиқ аст. Зеро дар ин ҷо иштирокчиёни низоми ташкилӣ мақомоти роҳбарикунанда, коллективҳо (ташкилотҳо) ё иҷрокунандагони инфиродӣ (агентҳо) мебошанд, ки маҷмуи қоидаҳо ва расмиятеро истифода менамоянд, ки ҳамкории иштирокчиёни низоми ташкилӣ ва қарорҳои идоракуниро муайян мекунанд.

Муносибгардонӣ (оптимизатсия) ва такмили низоми идоракунии бахши давлатӣ аз сифати идоракунии захираҳо вобаста аст. Аз ин рӯ, муайян кардан ва омӯхтани хусусиятҳои онҳо аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дорад. Ба захираҳои асосии идоракунӣ дохил мешаванд: захираҳои молиявӣ, моддӣ-техникӣ, маъмурӣ, ташкилӣ, истеҳсолӣ, меъёрӣ-ҳуқуқӣ, кадрӣ, таълимӣ, демографӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, иттилоотӣ, инноватсионӣ, иҷтимоӣ-психологӣ, иртиботӣ, инчунин, захираи ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва худтанзимгардонӣ. Захираҳои мазкур ба типологияи мувофиқ гурӯҳбандӣ шудаанд. Масалан, дар адабиёти иқтисодӣ типологияи идоракунии захираҳо аз чунин самтҳо муайян карда шудааст: ашёӣ, ташкилӣ, субъективӣ[71].

Дар типологияи ашёӣ идоракунии захираҳоро ба 5 гурӯҳ ҷудо мекунанд: иқтисодӣ, меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва маъмурӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва маҷмуавӣ, ки метавонанд барои тавсифи равандҳои идоракунӣ дар бахши давлатӣ истифода шаванд ва хусусиятҳои онҳо дар расми 3.1.1. нишон дода шудаанд.




**Расми 3.1.1. Типологияи предметии идоракунии захираҳо дар бахши давлатии иқтисодиёти минтақа**
**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

[71]. Новикова, К.Н. Управленческие ресурсы системы социальной защиты населения (на материалах Республики Татарстан) [Текст]/ К.Н. Новикова. - Казань: Центр инновационных технологий, 2003. - С.31.

Дар типологияи ташкилӣ идоракунии захираҳо ба се гурӯҳи захираҳо тасниф карда мешавад: амалиётӣ, тактикӣ ва стратегӣ. Ба сифати асоси сохтори ташкилии идоракунии захираҳо омили муваққатии пайдарпайии истифодаи захираҳо интихоб карда шудааст. Захираҳо мувофиқи дараҷаи афзалиятнокӣ ба се гурӯҳ тақсим мешаванд ва ҳамзамон, татбиқи захираҳои гурӯҳи қаблӣ барои татбиқи захираҳои зинаи минбаъда асос мебошад (нигар ба ҷадвали 3.1.2).

Ба захираҳои зинаи аввал хусусияти фаврӣ ва ташкилӣ хос буда, моҳияти афзалиятнок доранд ва дар марҳилаи ташкилии рушди бахши ҷамъиятии иқтисодиёти минтақа истифода мешаванд. Захираҳои зинаи дуюм тактикӣ мебошанд, онҳо хусусияти амали мустақим, фаъолияти бахши давлатӣ доранд. Захираҳои мазкур дар марҳилаи дувум, вақте ки бахш мутаносибан ташаккул ёфта, ба фаъолият оғоз мекунад, истифода мешаванд.

**Ҷадвали 3.1.2. - Сохтори ташкилии идоракунии захираҳо**

| | Сохтори темпоралӣ | Тавсиф |
|---|---|---|
| 1. | **Захираҳои амалиётии зинаи аввал (ташкилӣ)** | *Захираи маъмурӣ, захираи иқтисодӣ (молиявӣ, моддӣ-техникӣ), захираи меъёрӣ-методологӣ, захираи ташкилӣ (сохтори мақомоти идоракунӣ, меъёрҳои фаъолияти идоракунӣ, меъёрҳои талабот нисбати идоракунӣ), захираҳои иттилоотӣ (технологияҳо, таҳлил)* |
| 2. | **Захираҳои тактикии марҳилаи дуюм (амали мустақим)** | *Захираи инноватсионӣ (технологияҳои оқилонаи иҷтимоӣ), манбаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ, манбаи иттилоот (ВАО), манбаи ҳамкории байнисоҳавӣ, самтҳои ғайрибуҷетӣ. Таъмини рушди муносиби бахши давлатӣ ва сатҳи зиндагӣ* |
| 3. | **Захираҳои стратегии зинаи сеюм (рушд)** | *Таъмини ягонагӣ ва кифоягии бахши давлатии иқтисодиёти минтақа, беҳбудии муносиби иҷтимоӣ ва таъмини худтатбиқгардонии иҷтимоӣ, манбаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ, захираҳои инноватсионӣ (технологияҳои баланди иҷтимоӣ)* |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Захираҳои моҳияти тактикидошта ба самти баланд бардоштани самаранокии амалияи ҳаррӯзаи хизматрасонӣ ба аҳолӣ нигаронида шудаанд. Захираҳои марҳилаи сеюм - стратегӣ барои рушди минбаъдаи бахши давлатӣ равона карда мешаванд. Захираҳои мазкур дар марҳилаи сеюм, вақте ки барномаҳои дарозмуҳлати стратегии инкишоф ва такмили на танҳо фаъолияти

бахши давлатӣ, балки сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ дар сатҳи минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ таҳия карда мешаванд, мавриди истифода қарор мегиранд.

Типологияи субъективии идоракунии захираҳо самти таъсири захираро инъикос мекунад. Таҳлил дар ҳамвории ҳамбастагии субъект ва объект амалӣ мешавад. Дар адабиёти иқтисодӣ се гурӯҳи идоракунии захираҳо мувофиқи табиати интиқолдиҳандаи захираҳо: таъсири мустақим, таъсири ёрирасон, таъсири ғайримустақим тасниф карда мешавад. Мо низ ин навъи захираҳоро барои таҳлили равандҳои идоракунӣ дар бахши давлатӣ истифода мебарем. Идоракунии захираҳо таъсири мустақими бахши ҷамъиятӣ ба мизоҷе равона карда шудаанд, ки ҳамчун объект баромад мекунад.

Субъекти идоракунии бевоситаи захираҳои таъсири мустақим дар ин маврид он ташкилоти давлатӣ ва ғайридавлатие мебошанд, ки ба таври мустақим бо аҳолӣ кор мекунанд ва бахши ҷамъиятии минтақаро ташкил медиҳанд. Субъекти татбиқи захираҳои ёрирасоне, ки барои ташаккули фазои минтақавии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, омодакунии мутахассисон ва инкишофи технологияҳои иҷтимоӣ нигаронида шудаанд, мақомоте мебошанд, ки сиёсати давлатии иқтисодӣ-иҷтимоиро татбиқ мекунанд, объекти он - бахши давлатии иқтисодиёти минтақа мебошад. Субъекти идоракунии ғайримустақими захираҳо (воситаҳое, ки барои таъсир расонидан ба макромуҳити иҷтимоӣ шароит фароҳам меоранд) - давлат, объект-сиёсати давлатии иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

Сиёсати давлатӣ воситаҳоеро ташкил медиҳад, ки барои ташаккули мутахассисони бахши давлатӣ, рушди технологияҳои иҷтимоӣ, ки дар маҷмуъ ба муҳити иҷтимоӣ таъсир мерасонанд, шароит фароҳам меорад. Ин воситаҳо, ки барои ташаккули афзалиятҳои иҷтимоии ҳаёти ҷамъиятӣ, афкори мусбати ҷомеа ва ғайра равона карда шудаанд, дар маҷмуъ сиёсати иҷтимоиро ташаккул медиҳанд (нигар ба ҷадвали 3.1.3).

**Ҷадвали 3.1.3. - Типологияи субъектии идоракунии захираҳо**

| Сохтори темпоралӣ | Тавсиф |
|---|---|
| **Захираҳои таъсири мустақим** | *Субъект: бахши давлатии иқтисоди минтақа, мақомоти давлатӣ* |
| | *Объект: - мизоҷон, аҳолии ҷомеаҳои минтақа ва маҳал* |
| **Захираҳои таъсири ғайримустақим** | *Субъект - захираҳо (воситаҳое, ки барои таъсир расонидан ба макромуҳити иҷтимоӣ шароит фароҳам меоранд) – давлат* |
| | *Объект бахши давлатии иқтисоди минтақа* |
| **Захираҳои таъсири ёрирасон** | *Субъект – давлат* |
| | *Объект - сиёсати давлатии иҷтимоӣ-иқтисодӣ* |

**Сарчашма:** муаллиф тартиб додааст.

Дар раванди идоракунии бахши ҷамъиятии иқтисодиёти минтақа типологияи баррасишуда имкон медиҳад, ки ҷалби захираҳо барои идоракунӣ вобаста ба хусусияти вазифаи гузошташудаи идоракунӣ ба танзим даровардa шавад, ба назар гирифтани вазъи инкишофи объект ё равандҳои идорашаванда (марҳилаи ташкил, давраи ташаккули сохторҳои ташкилӣ, давраи муайян кардани хусусиятҳои амалӣ, марҳилаи инкишофи минбаъда) имконпазир мегардад. Қайд кардан зарур аст, ки дар марҳилаи мазкури идоракунии бахши давлатӣ гузариш аз лоиҳакашии амалиётӣ ва тактикии иҷтимоӣ ба таҳияи барномаҳои стратегии дарозмуҳлати иҷтимоӣ сурат мегирад. Консепсияи аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи минтақавии идоракунии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ислоҳоти ҷомеа ба дурнамои дарозмуддат равона шудааст. Масъалаҳои назариявии омӯзиши низоми идоракунии бахши давлатии иқтисодиёти минтақа дар самти таъмин намудани неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ баррасии субъект ва объектҳои идоракунӣ, робита ва ҳамкории мутақобилаи онҳо, вазифаҳои субъектҳои идоракунӣ, ҷустуҷӯ ва ҳаллу фасли ихтилофҳо, мувофиқасозии манфиатҳо ва назоратро пешбинӣ мекунанд. Мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, инчунин, вазорату идораҳои мухталиф, ки барои истеҳсол ва фурӯши неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ масъуланд, субъектҳои идоракунии бахши давлатии иқтисодиёт мебошанд. Дар он ташкилоти ғайридавлатии ғайритиҷоратӣ ва воҳидҳои сохтории бахши давлатии

иқтисодиёти минтақа мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Ин аз он вобаста аст, ки онҳо воҳидҳои сохторӣ нестанд ва ба таври қатъӣ ба ягон мақомоти давлатӣ тобеъ намебошанд. Ташкилоти ғайридавлатии ғайритиҷоратӣ мустақил буда, мустақилона фаъолият мекунанд. Уҳдадориҳо дар назди мақомоти давлатӣ он вақте ба миён меоянд, ки муносибатҳои байни онҳо тавассути шартномаҳо муқаррар карда мешаванд ва мувофиқи он ташкилоти ғайритиҷоратӣ маблағҳои буҷетиро ҳамчун маблағгузории мақсадноки корҳои муайян мегирад ва мутаносибан дар назди фармоишгар уҳдадориҳои муайянро ба зимма дорад. Ташкилоти давлатӣ ва ғайридавлатии бахши давлатӣ метавонанд ҳамчун субъект ва ҳамчун объекти идоракунӣ дар низоми ташкилии бахши давлатӣ амал намоянд. Аз як тараф, онҳо ҳамчун объекте баррасӣ мешаванд, ки аз ҷониби мақомоти минтақавӣ идора шуда, сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодиро татбиқ менамоянд. Аз тарафи дигар, онҳо дар раванди идоракунӣ фаъолона иштирок намуда, вазифаҳои идоракунии ҷараёни ташаккули неъматҳои муҳимми иҷтимоиро иҷро мекунанд, аз ин рӯ, объекти идоракунӣ мебошанд.

Ҳангоми баррасии субъектҳои гуногуни маъмурӣ дар доираи бахши давлатӣ бояд ба чунин ниҳод чун ташкилоти ғайридавлатии ғайритиҷоратӣ ё ташкилоти ихтиёрии ҷамъиятӣ, ки зербахши дувуми бахши давлатии иқтисодиётро ташкил медиҳанд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардан зарур аст. Шаклҳои ташкилоти ғайритиҷоратӣ, инчунин, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар кишварҳои ИДМ ва аз ҷумла, Тоҷикистон бештар бо ташкилотҳои Федератсияи Россия шабоҳат доранд. Дар ҷумҳурӣ асосҳои ниҳодии фаъолияти ташкилоти ғайритиҷоратӣ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ” (аз 19 июли соли 2005, № 36-3 қабул шудааст) муайян карда шудаанд. Дар моддаи 5 Қонуни мазкур мафҳуми иттиҳодияи ҷамъиятӣ ба таври зайл муқаррар карда шудааст: “Зери мафҳуми иттиҳодияи ҷамъиятӣ ташкилоти ихтиёрӣ, худидорашаванда ва ғайритиҷоратӣ фаҳмида мешавад, ки бо ташаббуси шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ - иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки дар заминаи манфиатҳои умумӣ барои татбиқи мақсадҳои умумии дар оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ зикршуда муттаҳид шудаанд, таъсис ёфтааст. Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ” шаклҳои гуногуни ТҒҒ: кооперативҳои истеъмолгарон, иттиҳодияҳо (ташкилот)-и ҷамъиятӣ ва динӣ, фондҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳо, ассотсиатсияву иттифоққо, ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои оммавӣ, иттифоққои касаба, ташкилоти занон, собиқадорон, маъюбон, ҷавонон ва кӯдакон, ташкилоти илмӣ, техникӣ, фарҳангӣ-маърифатӣ, варзишӣ-ҷисмонӣ, иттифоққои эҷодӣ, бунёдҳо, кумитаҳо ва дигар иттиҳодияҳои шаҳрвандонро пешбинӣ мекунад. Амали Қонуни мазкур нисбати ташкилоте, ки ҳадафҳои тиҷоратӣ доранд ё барои гирифтани фоида (даромад)-ро аз ҷониби дигар корхона ва ташкилотҳо, мақомоти худидоракунии ҷамъиятии ҳудудӣ, мақомоти ташаббускори ҷамъиятӣ, ки тартиби таъсис ва фаъолияти онҳоро қонунгузории дигар муайян кардааст, фаро намегирад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иттиҳодияҳои ҷамъиятии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ таъсис дода мешаванд ва амал мекунанд. Ба иттиҳодияҳои ҷамъиятии байналмилалӣ иттиҳодияҳое дохил мешаванд, ки ба талаботи моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ” ҷавобгӯ мебошанд. Ба иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷумҳуриявӣ иттиҳодияҳое дохил мешаванд, ки фаъолияти онҳо тибқи вазифаҳои оинномавӣ дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ё аксари вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ паҳн мешавад. Ба иттиҳодияҳои ҷамъиятии маҳаллӣ иттиҳодияҳои минтақавӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, шаҳраку деҳот дохил мешаванд. Ба иттиҳодияҳои ҷамъиятии вилоятӣ иттиҳодияҳое дохил мешаванд, ки фаъолияти онҳо тибқи вазифаҳои оинномавӣ дар тамоми қаламрави вилоят ё аксарияти шаҳрҳо, ноҳияҳои вилоят паҳн мешавад ва онҳо дар ҳудуди мазкур ташкилоти худро доранд.

Ба иттиҳодияҳои ҷамъиятии шаҳрӣ (ноҳиявӣ) чунин иттиҳодияҳое дохил мешаванд, ки фаъолияти онҳо тибқи вазифаҳои оинномавӣ дар тамоми қаламрави шаҳр (ноҳия) амалӣ карда мешавад. Ба иттиҳодияҳои ҷамъиятии шаҳраку деҳот чунин иттиҳодияҳое дохил мешаванд, ки фаъолияти онҳо тибқи вазифаҳои оинномавӣ ба ҳудуди шаҳрак ва деҳа паҳн мешавад. Ташкилоти

ғайритиҷоратӣ одатан тибқи шунавандагони мақсаднок ё самт тасниф карда мешаванд. Чор навъи ташкилоти ғайритиҷоратиро тасниф кардан мумкин аст.

**Навъи якум** ва нисбатан маъмултарин ташкилоти ғайритиҷоратие мебошанд, ки гурӯҳи мақсадноки онҳо худи аъзоёни ин ташкилот мебошанд. Дар ин навъ ду зергурӯҳ вуҷуд дорад:

- "ташкилоти кумаки ҳамдигар", ки одамонро бо мушкилоти умумӣ муттаҳид мекунанд (ташкилоти маъюбон, иттиҳодияҳои волидони кӯдакони бемор ва ғ.); дар як қатор мавридҳо ин зергурӯҳ ассотсиатсияи шахсонро дар асоси демографӣ ё гендерӣ низ дар бар гирад;
- "ташкилоти навъи маҳфил", ки гурӯҳҳои гуногуни такмили шахсият, маҳфилҳои аз рӯи завқ ва ҳавасамандӣ ва ғ. дар бар мегиранд.

Ин зергурӯҳҳо комилан ҷудо карда намешаванд ва аксар вақт аломатҳои як гурӯҳ ба гурӯҳи дигараш хос ҳастанд.

**Навъи дувум** ташкилоти ғайритиҷоратиро дар бар мегирад, ки ҳадафи онҳо - ҳалли мушкилоти мушаххасе мебошад, ки мустақиман ба мушкилоти иштирокчиёни ташкилот вобаста нест. Дар ин ҷо низ ду зергурӯҳро пайгирӣ кардан мумкин аст:

- ташкилоти самти "иҷтимоӣ" (ё хайриявӣ). Қисме аз онҳо барои сабук ва ҳал намудани маҷмуи мушкилоти гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ равона шудаанд (масалан, пиронсолон, оилаҳои серфарзанд ё бекорон), қисми дигар бо ҳалли мушкилоти мушаххаси иҷтимоӣ (масалан, бесарпаноҳӣ ё пешгирии ВНМО) машғуланд;
- ташкилоти самти экологӣ (зери мафҳуми «фаъолияти экологӣ» ҳамчун ҳифзи муҳити зист дар маҷмуъ, яъне на танҳо ҳифзи табиат, балки ҳама ёдгориҳои фарҳангӣ ва ғайра).

**Навъи сеюм** ташкилоти ҳифзи ҳуқуқи инсонро (ҳам дар шакли анъанавӣ ва дар шакли ба наздикӣ пайдошудаи гурӯҳҳои назорати шаҳрвандӣ, аз ҷумла назорат аз болои амалҳои ҳокимияти иҷроия) дар бар мегирад.

Ниҳоят, **навъи чорум** ташкилоти ғайритиҷоратии "инфрасохторӣ"-ро дар бар мегирад, ки рисолати онҳо - мусоидат ба пешрафти иқдомҳои шаҳрвандӣ, фаъолияти ташкилоти дигари ғайритиҷоратӣ ва иштироки пурраи шаҳрвандон дар қабули қарор ва идоракунӣ мебошад.

Бояд зикр кард, ки муносибатҳо байни зерсохторҳои гуногуни бахши давлатӣ ва субъектҳои гуногуни идоракунӣ дар асоси принсипҳои мухталифе созмон дода мешаванд, ки ба сатҳи рушди бахши давлатӣ ва самаранокии қонеъгардонии эҳтиёҷоти аҳолии минтақа таъсир мерасонанд. Сатҳи рушди ҳар яке аз ин зербахшҳо ва имконияти ҳамкории самарабахш дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа нақши муҳим доранд.

Бенджамин Гидрон, Ралф Крамер ва Лестер Саламон[72] чор намуди татбиқи сиёсати иҷтимоиро аз ҷониби бахши давлатӣ фарқ мекунанд. Иштироки давлат ва ташкилоти ғайритиҷоратӣ дар маблағгузорӣ ва татбиқи хизматрасонии иҷтимоӣ меъёри ҷудокунӣ дар доираи моделҳои зикршуда мебошад.

**Намуди аввал** бо бартарии нақши давлат ҳам дар маблағгузорӣ ва ҳам бевосита дар татбиқи хизматрасонии иҷтимоӣ тавсиф мешавад. Ин шакл дар кишварҳои собиқи сотсиалистӣ татбиқ шудааст, барои Япония бошад, то айни замон хос аст. Дар **намуди дуюм**, ки мухолифи навъи якум аст, нақши асосӣ дар маблағгузорӣ ва расонидани хизматрасонии иҷтимоӣ ба ташкилоти ҷамъиятӣ тааллуқ дорад. Намунаи шакли ғайридавлатии таъминоти иҷтимоӣ соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар ИМА пеш аз оғози ислоҳоти иҷтимоӣ дар соли 1933 шуда метавонад. Муаллифони дар боло зикршуда, инчунин, **намуди дигари** мувозифро пешниҳод мекунанд, ки дар он ҳам давлат ва ҳам ташкилоти ҷамъиятӣ хизматрасонии иҷтимоиро маблағгузорӣ ва таъмин мекунанд. Аммо дар ин ҳолат зерсохторҳои давлатӣ ва зерсохторҳои ташкилоти ғайритиҷоратӣ фаъолиятро новобаста аз ҳамдигар анҷом медиҳанд ва танҳо дар баъзе ҳолатҳо бо ҳам ҳамкорӣ мекунанд. Низоми ҳифз ва таъминоти иҷтимоии Британияи Кабир, ки то соли 1950 мавҷуд буд, метавонад чун намунаи ин навъи муносибат байни давлат ва ташкилоти ҷамъиятӣ бошад. Дар айни замон муносибатҳои байни давлат ва ташкилоти ғайритиҷоратӣ бо истифода аз **намуди чорум**, ки навъи ҳамкорӣ номида мешавад, метавонанд ба таври пурра тавсиф карда шавад. Барои чунин равиш мавҷуд будани ҳамкории зич байни ҳарду зербахши давлатӣ хос аст ва давлат барои маблағгузории хизматрасонии иҷтимоӣ масъулияти асосӣ дорад, ташкилоти ғайритиҷоратӣ барои пешниҳоди онҳо масъул мебошад. Ҳангоми таҳлили амалияи созмон додани муносибатҳои шарикӣ байни сохторҳои давлатӣ ва ташкилоти ғайритиҷоратӣ дар минтақаҳои

---

[72]. Salamon L. America's Nonprofit Sector. A Primer, the Foundation Centre. New York, 1992.

ҷумҳурӣ метавон қайд кард, ки дар айни замон намуди аввал ба бахши давлатӣ мансуб буда, ба он мавқеи бартариятдоштаи давлат дар татбиқи сиёсати иҷтимоӣ хос аст. Аммо айни замон тамоюли рушди намуди чорум, яъне ҳамкорӣ ба мушоҳида мерасад. Шарти асосии ҳамкорӣ бахши пурқуввати ғайритиҷоратӣ мебошад, ки метавонад ҳамчун шарики баробарқувваи ташкилоти давлатӣ баромад кунад. Ҳадаф ва вазифаҳои мушаххас, ки назди бахши давлатии минтақавӣ гузошта шудаанд, интихоби ташкилоти бахши давлатиро тибқи талаботи мушаххас муайян мекунанд.

Тартиби амалро бо истифода аз алгоритми зерин муаррифӣ кардан мумкин аст (нигаред ба расми 3.1.4).




**Расми 3.1.4. Ҳадаф ва вазифаҳои рушди соҳаи неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Баҳисобгирии хусусиятҳои сохтори алоҳидаи ташкилӣ ҳангоми амалисозии ҳадаф ва вазифаҳои бахши давлатӣ барои пешрафти бомуваффақи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа шарти зарурӣ мебошад.

Ҳамин тавр, шароити татбиқи вазифаи давлатии иҷтимоӣ намуди иҷтимоии иқтисоди бозориро касб намуда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он иқтисоди бозории самти иҷтимоӣ инкишоф меёбад, ки танзими бозорро пешбинӣ менамояд. Дар ин маврид фаъолияти бахши давлатӣ дар шароити ҳозира ислоҳ намудани камбудиҳои буҳронҳои бозор, ҳалли мушкилоти байни инкишофи соҳаи иҷтимоии ҷомеа ва самаранокии иқтисоди бозорӣ мебошад. Бо ин мақсад яке аз самтҳои афзалиятноки бахши давлатӣ ҳамкории судманд бо ташкилотҳои ғайридавлатии ба самти иҷтимоӣ нигаронидашуда ва дастгирии давлатии бахши иҷтимоии ҷомеа, қабл аз ҳама, бахши истеҳсол ва пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ мебошад.

## 3.2. Самтҳои стратегии рушди истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ дар вилоят

Тибқи таҳқиқоти дар бобҳои қаблии рисола овардашуда, дар натиҷаи тағйироти бозории низоми иҷтимоию иқтисодии ҷомеа дар принсипҳои фаъолияти ташкилоту муассисаҳои бахши давлатӣ низ дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Онҳо хусусият ва аломатҳои мушаххасеро ба даст оварданд, ки тақозои ҷустуҷӯи равишҳои навро нисбати ташкилотҳо ва такмили низоми идоракунии бахши давлатиро талаб мекунанд. Пеш аз ҳама, тавсифи хусусиятҳои онҳоро мегузаронем.

Равандҳои идомаёбандаи иқтисоди ба самти иҷтимоиёт нигаронидашуда дар вилояти Суғд ҳам дар ҷанбаи назариявӣ ва ҳам дар ҷанбаи амалӣ воқеияти муайянеро ба вуҷуд меоранд, ки барои тағйир додани равишҳои консептуалии то ҳол амалкунанда ва эҷоди сохторҳои нави назариявии муосири бозори аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим ва механизмҳои танзими онро водор месозад, ки дар он

соҳибкории иҷтимоӣ амал мекунад. Вобаста ба ин, дар рафти тадқиқот ҳаҷми хизматрасонии пулакии маорифу тиббиро дар вилоят таҳлил ва дурнамогирӣ намудем (ниг. ба ҷадвали 3.2.1.).

Чӣ тавре ки рақамҳои ҷадвали 3.2.1 нишон медиҳад, дар оянда тамоюли афзоиши ҳаҷми хизматрасонии пулакии неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, маорифу соҳаи тиб устувор мегардад. Тибқи ҳисоби дурнамогирии мо дар панҷ соли охир, аниқтараш то соли 2030, ҳаҷми хизматрасонии пулакии маориф ба сатҳи 1144,3 млн сомонӣ расида, нисбат ба соли 2024 қариб 2 маротиба меафзояд. Ҳаҷми хизматрасонии пулакии маориф дар бахши давлатӣ бошад, ба 626,5 млн расида, беш аз 2,4 маротиба меафзояд. Ҳаҷми хизматрасонии тиббӣ дар соли 2030 ба 416,7 млн сомонӣ мерасад, ки нисбат ба соли 2023 беш аз 1,8 маротиба зиёд мешавад. Дар бахши давлатӣ бошад, ин навъи хизматрасонӣ 2,5 маротиба меафзояд. Ин рақамҳо нишон медиҳанд, ки ҳаҷми маблағгузории давлатӣ дар оянда меафзояд.

**Ҷадвали 3.2.1. - Дурнамои ҳаҷми хизматрасонии пулакии маорифу тиббӣ дар вилояти Суғд**

| Нишондиҳандаҳо | Ба ҳисоби миёна дар 5 соли охир | Суръати миёнаи рушди солонаи он, % | Дурнамои рушди он, млн. сомонӣ | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2024 | 2025 | 2026 | 2027 | 2028 | 2029 | 2030 |
| **Маориф, ҳамагӣ, млн. сомонӣ** | 517,8 | 1,12 | 579,9 | 649,5 | 727,4 | 814,6 | 912,3 | 1021,7 | 1144,3 |
| **аз он ҷумла: давлатӣ** | 221,7 | 1,16 | 257,2 | 298,3 | 346,0 | 401,4 | 465,6 | 540,1 | 626,5 |
| **Хизматрасонии тиббӣ, млн. сомонӣ** | 210,2 | 1,10 | 231,2 | 254,3 | 279,7 | 307,6 | 338,3 | 372,1 | 416,7 |
| **аз он ҷумла: давлатӣ** | 93,9 | 1,17 | 109,8 | 128,4 | 150,2 | 175,7 | 205,6 | 240,5 | 281,4 |

**Сарчашма**: Омори солонаи вилояти Суғд, 2022. - С.455.

Аммо пешниҳоди ҳаҷми хизматрасонии пулакии неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ дар бахши ғайридавлатӣ ҳиссаи калон пайдо карда истодааст. Аз ин лиҳоз, дар бахши давлатӣ гурӯҳҳои гуногуни истеъмолкунандагон ва ҷонибҳои манфиатдор (соҳибкорони иҷтимоӣ), мақомоти давлатии сатҳҳои гуногун ва

инчунин, муносибатҳои мураккаби байни онҳо ва ҷонибҳои манфиатдорро ҷудо кардан мумкин аст. Айни замон дар соҳаҳои иҷтимоии вилояти Суғд муассисаҳои хеле зиёди бахши иҷтимоӣ фаъолият мебаранд, ки ҳадафи онҳо ҳалли як ё якчанд мушкилоти иҷтимоӣ буда, фаъолияти аксари онҳо бо тартиби дар бахши хусусӣ қабулшуда (муассисаҳои таълимӣ, алалхусус таълими касбӣ, тандурустӣ, фарҳанг ва ғ.) пеш бурда мешавад. Вобаста ба ин, мафҳумҳои «соҳибкории иҷтимоӣ» ва «корхонаи иҷтимоӣ» бо ҳам вобастагӣ доранд. Бояд таъкид намуд, ки *соҳибкории иҷтимоӣ фаъолият, раванде буда, корхонаи иҷтимоӣ - омили ин раванд,* сохтори ташкилӣ мебошад, ки тавассути он фаъолият амалӣ ва ба натиҷаи иҷтимоию иқтисодии худ ноил мегардад.

Бахшҳое, ки корхонаи иҷтимоии бахши давлатӣ метавонад фаъолият кунад, дар расми 3.2.1 нишон дода шудаанд.




**Расми 3.3.1. Самтҳои фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Ин ҳолат дар бахши иҷтимоии вилоят, бахусус дар бахши истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ фазои рақобатӣ ва ихтилофиро эҷод

намудаанд. Ин ихтилофҳо нигоҳдории тавозуни манфиатҳоро душвор мегардонад. Тавре ки дар бобҳои қаблии рисола қайд гардид, бахши давлатии минтақавӣ дар раванди инкишофи худ доимо бо пайдоиши зиддиятҳо, бархӯрди манфиатҳои ҷонибҳо ё иштирокчиёни мухталифи он дучор меояд, ки идоракунии бахши мазкурро мушкил месозад. Аз ин рӯ, таҳлили ихтилофҳои мазкур, ки ба сатҳи самаранокии низоми идоракунии бахши давлатӣ таъсир мерасонад, ин заминаи ислоҳоти он низ мебошад.

Дар бахши давлатӣ се сатҳи ихтилофро метавон тасниф кард:

сатҳи якум - манфиатҳои субъектҳои идоракунӣ;

дуюм - фаъолияти бахши давлатӣ, сатҳи рафтори субъектҳо;

сеюм - ба даст овардани натиҷаи ниҳоӣ.

Сатҳҳои мазкур бо ҳам алоқаманданд, аз ҳамдигар вобастагӣ доранд ва ҳамдигарро пурра мекунанд. Масалан, сатҳи аввал - манфиатҳои субъектҳо гурӯҳҳои зерини ихтилофҳоро дар бар мегирад:

а) байни давлат ва соҳибмулкон;

б) дар байни ҳокимияти қонунгузорӣ (манфиатҳои сиёсатмадорон) ва ҳокимияти иҷроия (манфиатҳои хизматчиёни давлатӣ);

в) байни роҳбарон (менеҷерон) ва кормандони бахши давлатӣ.

Тавре ки маълум аст, захираи асосӣ ё манбаи маблағгузории бахши давлатӣ молияи давлатӣ ва буҷет мебошад, ки имкон медиҳад вазифаҳои аллокатсионӣ (тақсимоти захираҳо), дистрибутивӣ (тақсими даромад) ва муътадилкунии фаъолият иҷро карда шавад. Ҳангоми амалисозии вазифаҳои мазкур дар сатҳи фаъолияти бахши давлатӣ ихтилофҳои зерин ба вуҷуд меоянд: байни пуррашавии буҷетҳои сатҳҳои гуногун ва кам кардани сарбории андоз (аз субъектҳои соҳибкорӣ); байни қисмҳои даромад ва хароҷоти буҷет: байни ташаккули буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ. Дар сатҳи гирифтани натиҷаҳои ниҳоӣ байни арзиши хароҷоти давлатӣ барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ва некуаҳволии аҳолӣ, инчунин, байни ҷузъи инвеститсионии хароҷоти давлатӣ ва суръати рушди иқтисодӣ ихтилофҳо мавҷуданд. Ҳаллу фасли ихтилофҳои мавҷуда ҷустуҷӯи механизмҳои дахлдори институтсионалии ҳамоҳангсозии

манфиатҳои субъектҳои гуногуни идоракуниро талаб мекунад. Пеш аз ҳама, равишҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва инноватсионии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бахши давлатии иқтисодиёти минтақа заруранд.

Хусусияти дигари бахши давлатӣ аз он иборат аст, ки муайянсозии истеъмолкунандаи ниҳоӣ, мушаххаснамоии талабот ва интизориҳои ҳар як ҷониби манфиатдор душвор аст. Ғайр аз он, корхонаҳои бахши давлатӣ аз маблағгузории нокифоя азият мекашанд ва барои мустақилона кор кардани воситаҳои пулӣ имкониятҳои маҳдуд доранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Конститутсияи кишвар давлати иҷтимоӣ буда, самти ташаккули иқтисодиёти бозории моҳияти иҷтимоидоштаро пеш гирифтааст. Аз ин бармеояд, ки дар шароити муосир аз ташкилоти бахши давлатӣ беҳтаршавии сифати хизматрасониҳои пешниҳодшуда ва баланд кардани самаранокии низоми идоракунӣ талаб карда мешавад. Такмили фаъолияти ташкилоти бахши давлатӣ инҳоро талаб мекунад: таҳияи низоми дақиқи идоракунии ташкилот дар сатҳи амалиётӣ ва стратегӣ; татбиқи равиши лоиҳакашӣ-барномавӣ дар фаъолияти онҳо; беҳтар кардани сифат ва дастрасии хизматрасониҳои муҳимми иҷтимоӣ; такмили идоракунии раванди ташаккули сохтори эҳтиёҷоти аҳолӣ дар неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ; такмили раванди истифодаи идоракунии захираҳо дар намуд ва сатҳҳои гуногун дар фаъолияти ташкилоти давлатӣ; истифодаи равандҳои нави идоракунӣ, ки ба фармоишгар (мизоҷ) нигаронида шудаанд; баланд бардоштани самаранокии сохторҳои идоракунӣ.

Ҳаллу фасли масъалаҳои зикршуда дар самти такмил додани фаъолияти онҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ амалҳои бо ҳам алоқамандро дар ду сатҳ: дар мезо-сатҳ ва микросатҳ талаб мекунад. Мезосатҳ дар маҷмуъ бахши давлатии минтақаро фаро мегирад ва микросатҳ ҳаллу фасли вазифаҳоро дар сатҳи ташкилоти алоҳидаи бахши давлатӣ дар назар дорад.

Такмили низоми идоракунӣ дар мезо-сатҳ, яъне дар ҳудуди минтақа, пеш аз ҳама, ба таҳия ва воридкунии меъёрҳои хизматрасониҳои муҳимми иҷтимоӣ, баланд бардоштани самаранокии ҳамкории мақомоти зинаҳои гуногуни

ҳокимияти маҳаллӣ, ташкилоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ равона карда шудааст. Ҳалли масъалаҳои мазкур ташаккули таъминоти зарурии ташкилотӣ, иттилоотӣ, захиравӣ ва ҳайати кориро дар доираи такмили низоми идоракунӣ дар маҷмуъ тақозо мекунад.

Танзим ва мушаххас гардонидани уҳдадориҳои субъектҳои бахши давлатӣ дар назди аҳолии минтақа, ташкили назорати фаъолияти онҳо, яъне ҷорӣ кардани расмиёти объективии назорат ва баҳогузории фаъолияти онҳо, аз сатҳи меъёрсозии хизматрасониҳои муҳимми иҷтимоӣ ва муайян кардан ё тартиб додани феҳристи хизматрасониҳои муҳимми иҷтимоӣ алоқаманд аст. Дар айни замон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Феҳристи хизматрасониҳои давлатӣ, ки аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ расонида мешавад, мавҷуд нест. Вобаста ба ин ягон иттилоот барои шаҳрвандон дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ вуҷуд надорад. Бинобар ин, таҳияи Роҳнамои хизматрасониҳои муҳимми иҷтимоӣ барои ҷумҳурӣ талаб карда мешавад. Он бояд маълумоти мукаммалро дар бораи хизматрасониҳои ташкилоти бахши ҷамъиятии ҷумҳурӣ, ки аз ҷониби ташкилоти давлатӣ ва ғайриҳукуматӣ дар самти маориф, фарҳанг, илм, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва масъалаҳои экологӣ пешниҳод мешаванд, дар бар гирад. Таҳияи меъёрҳои иҷтимоӣ, ҳамзамон, меъёрҳои иҷтимоӣ ва молиявиро низ муайян менамояд, ки тибқи онҳо сохтор ва ҳаҷми хароҷоти бахши давлатӣ муайян карда мешавад ва барои ташаккули нархи шабеҳи хизматрасониҳои муҳимми иҷтимоии бахши давлатӣ имкон медиҳад.

Истифодаи амалии механизми меъёрҳои иҷтимоӣ самараҳои зеринро медиҳад.

Якум, амали меъёрҳои мазкури иҷтимоӣ самти рушди иҷтимоии кишвар ва минтақаро муайян мекунад.

Дуюм, онҳо метавонанд ҳамчун нишондиҳандаи баҳогузорӣ барои фаъолияти корхонаҳои бахши давлатӣ, ҳаҷми истеҳсоли неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ, инчунин, нархи муайяни ин хизматрасониҳо, ки аз ҷониби ташкилоти бахши давлатӣ паҳн ва (ё) истеҳсол карда мешаванд, истифода шаванд.

Сеюм, низоми меъёрҳои иҷтимоӣ муносибатҳои байнибуҷетиро ба танзим даровара, ба он муайянӣ ва самтнокӣ мебахшад. Азбаски меъёрҳои иҷтимоӣ, аз як тараф, ба буҷаҳои сатҳи поёнӣ имкон медиҳанд эҳтиёҷи захираҳои барои иҷрои уҳдадориҳо дар назди аҳолии ҳудудҳои онҳо зарурро асоснок намоянд, дар ҳолате ки ваколатҳои даромади онҳо ба ҳаҷми уҳдадориҳо мувофиқат накунанд ва аз тарафи дигар, буҷетҳои сатҳи болоӣ, ки трансфертҳоро таъмин мекунанд, дар навбати худ, имкон доранд миқдори зарурии маблағи аз тарафи зинаҳои сатҳи поёнии низоми буҷетӣ дархостшударо тафтишу назорат кунанд.

Қайд кардан зарур аст, ки ташкили шабакаи мавҷудаи муассисаҳои буҷетӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ бо назардошти сатҳи нобаробари тамоюлҳои демографӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ вазифаҳои хизматрасонии муҳимми иҷтимоиро ба аҳолӣ ба таври зарурӣ наметавонад иҷро кунад ва бинобар ин, яке аз принсипҳои низоми буҷетӣ - самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетиро низ иҷро карда наметавонад. Ин вазъият такмили низоми идоракунии бахши давлатиро дар соҳаи неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ бозмедорад. Сабабҳои асосии зуҳуроти дар боло зикршуда мавҷуд набудани сохтори саҳеҳи шабакаи буҷавӣ дар ҳар кадоме аз сатҳҳои мақомоти ҳокимият, мавҷуд будани ҳолати такроршавии вазифаҳо аз ҷониби мақомоти шаклҳои гуногуни тобеият мебошанд. Ғайр аз ин, самаранокии пасти механизми маблағгузории муассисаҳои буҷавӣ аз рӯйи баровард (смета) ва сохтори бесамари он натиҷаҳои мусбати хароҷоти маблағҳои буҷетиро коҳиш медиҳад ва барои беҳтар кардани сифати хизматрасонии пешниҳодшаванда ва фароҳам овардани муҳити рақобат дар ин соҳа шароити зарурӣ фароҳам намеорад. Вобаста ба ин, зарур аст, ки принсипҳои фаъолияти шабакаи муассисаҳои буҷетӣ ва механизмҳои маблағгузории онҳо, инчунин, тарзу усулҳои таъмини назорати сифат ва ҳаҷми хизматрасониҳои пешниҳодшавандаи онҳо такмил дода шаванд. Ҳадафҳои асосии ислоҳоти шабакаи муассисаҳои буҷетӣ такмил додани низоми идоракунии шабакаи гирандагони маблағҳои буҷетӣ ва ҷорӣ намудани механизмҳои нави маблағгузорӣ бо назардошти хусусиятҳои намудҳои муайяни неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ мебошанд. Ташаккули шароит ва муҳити

дигаргунсозии ташкилоти бахши давлатӣ ба шаклҳои дигари ташкилию ҳуқуқӣ ва таъсиси муассисаҳои мустақили бахши давлатӣ дорои мустақилияти молиявӣ ва иқтисодӣ, тағйир додани тартиби ихтиёрдории воситаҳои ғайрибуҷетӣ аз ҷониби муассисаҳои буҷавӣ, ки оид ба фаъолияти даромаднок ба даст омадаанд, роҳи муосири инкишофи бахши давлатӣ ва такмили идоракунии он мебошад.

Вобаста ба ин, бояд заминаҳои ҳуқуқии табодули муассисаҳои буҷетии давлатии сатҳҳои мухталиф ба шаклҳои дигари ташкилию ҳуқуқӣ, татбиқи барномаҳои бозомӯзии ҳайати кормандони муассисаҳои мазкур амалӣ карда шаванд. Амалигардонии чорабиниҳо ё тағйироти мазкур сабаби барҳамдиҳӣ ё муттаҳидшавии он ташкилотҳои буҷетие мегарданд, ки фаъолияташон моҳияти такроршавиро дорост. Илова бар ин, тибқи тақсимоти ваколатҳо байни сатҳҳои ҳокимият бояд як қисми муассисаҳои буҷетии дар моликияти ҷумҳуриявӣ қарордошта ба сатҳи минтақаҳои ҷумҳурӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гузаронида шаванд. Дар ин маврид аз таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти принсипи маблағгузории меъёрӣ-сарикасии ташкилоти бахши давлатӣ бояд истифода бурд. Бо қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ аз 1-уми октябри соли 2007, таҳти рақами 505 “Оид ба тасдиқи қоидаҳои маблағгузории меъёрии (сарикасии) муассисаҳои таҳсилоти умумӣ” оғоз гардид, ки алоқамандии маблағҳои буҷетии ҷудошударо бо ҳаҷм ва сифати хизмати ба аҳолӣ расонидашаванда, инчунин, тақсимоти озмунии маблағҳои буҷетӣ байни ташкилоти шаклҳои гуногуни ҳуқуқӣ пешбинӣ менамояд. Бояд қайд намуд, ки айни замон дар вилояти Суғд як қатор муассисаҳои алоҳидаи бахши давлатӣ бо низоми пардохти натиҷавӣ фаъолият намуда истодаанд. Усули маблағгузории сарикасӣ ба истифодаи босамари маблағҳои буҷет мусоидат намуда, ҳавасмандии муассисаҳои таълимиро афзун ва фарогирии хонандагонро ба таҳсил беҳтар гардонидааст. Инчунин, масъулияти муассисаи таълимӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллиро зимни ҷудо намудани маблағ ба сари ҳар як хонанда ва ҷалб намудани миқдори бештари хонандаҳо ба муассисаҳои таълимӣ зиёд гардонид.

Мувофиқи маълумоти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шумораи муассисаҳои мустақил дар соли 2010 1,15%-ро ташкил медод. Аммо дар айни замон, масалан, дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ ҳиссаи муассисаҳои мустақил ба 13% расидааст. Барои васеъ кардани фаъолияти ин муассисаҳо як қатор мушкилотро ҳаллу фасл кардан зарур аст. Масалан, мустақилияти молиявии муассисаҳои мустақил маҳдуд карда мешавад. Зеро фаъолияти онҳо тибқи дастури Вазорати молия оид ба ташаккул ва расонидани лимитҳои уҳдадориҳои буҷетӣ ба ихтиёрдорони асосии маблағҳои буҷетӣ амалӣ карда мешавад. Ин дар асл, бозгашт ба маблағгузорӣ тавассути сметаи даромад ва хароҷот мебошад. Ин вазъият ғояҳои асосӣ ва мақсади ташкили муассисаҳои мустақилро, ки нисбат ба муассисаҳои буҷетӣ бояд мустақилияти бештари молиявӣ ва иқтисодӣ дошта бошанд, таҳриф мекунад. Ғайр аз ин, маблағҳое, ки аз шаҳрвандони дар хизматрасонии иҷтимоӣ бо тартиби пардохти қисми хизматрасониҳои иҷтимоӣ қарордошта ворид шудаанд, тибқи қонунгузории андоз ба сифати фоидаи муассиса дониста шуда, бояд андозбандӣ карда шаванд. Аммо даромади мазкур дар асл фоида нестанд, балки як қисми супориши давлатӣ мебошанд ва ба ин маблағ барои муассисаҳои мустақил ҳаҷми таъминоти молиявӣ кам карда мешавад. Аз ин рӯ, мақомоти минтақавӣ бояд ба парлумони кишвар барои таҳрири Кодекси мавҷудаи андоз бояд таклифҳо пешниҳод кунанд.

Тавре ки таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, яке аз самтҳои афзалиятноки такмили низоми идоракунии давлатӣ ташкили муносибатҳои шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ мебошад. Истилоҳи шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ дар ҷумҳурӣ пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ” (28 декабри соли 2012, №907) ба вуҷуд омадааст. Қонуни мазкур “асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ, тартиби амалисозии лоиҳаҳои шарикии бахши

давлатӣ ва хусусиро дар соҳаи инфрасохтор ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ муайян мекунад ва манфиатҳои давлат ва бахши хусусиро ҳимоя мекунад”[73].

Аммо, то айни замон фаҳмиши ягона ва пайдарҳами мафҳуми мазкур, яъне шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба вуҷуд наомадааст ва дар ҷомеаи илмии ватанӣ ин падида низ ба таври чуқур ва дақиқ омӯхта нашудааст. Таърифи нисбатан умумиро ба ин падида олими рус В.Г. Варнавский додааст: “Шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ иттифоқи ниҳодӣ ва ташкилии байни давлат ва тиҷорат бо мақсади татбиқи лоиҳа ва барномаҳои аз ҷиҳати ҷамъиятӣ муҳим дар доираи васеи соҳаҳо ва КИТОК то бахши хизматрасонӣ мебошад”[74].

Аммо таърифи дар боло овардашуда наметавонад тамоми доираи шарикии бахшҳои хусусиву давлатиро ба пуррагӣ инъикос намояд.

Аломатҳои зерини шарикии бахши давлатӣ ва хусусиро тасниф кардан мумкин аст:

1. Шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ эҳтиёҷоти бахши давлатиро бо истифода ё қарз гирифтани захираҳои бахши хусусӣ қонеъ мекунад.

2. Шарикии бахшҳои давлативу хусусӣ ваколат ва вазифаҳои давлатро дастгирӣ мекунад, ҳамзамон, муштарак бо бахши хусусӣ хизматрасониро пешниҳод мекунад.

3. Шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ аз ду ё зиёда тарафҳо иборат аст, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои муштарак фаъолият мекунанд. Иштирокчиёни шарикии бахшҳои давлативу хусусӣ метавонанд: мақомоти маҳаллӣ ва марказӣ, корхонаҳои тиҷоратӣ ва ташкилоти ғайритиҷоратӣ бошанд.

4. Иштирокчиёни муносибатҳои шарикӣ ваколат ва масъулиятро тақсим мекунанд, баробар амал мекунанд, вақт ва захираҳоро муштарак сарф мекунанд, сармоягузорӣ, хатару фоидаҳоро тақсим мекунанд, дар тӯли муддати

---

[73]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлатӣ ва хусусӣ», 28 декабри соли 2012 №907.

[74]. Варнавский В.Г. Процессы институциональной адаптации частно-государственного партнерства к реальной экономике очень. [Электронный ресурс] URL: www.opec.ru/point_doc.asp?tmpl=point_doc_print&d_no=50580#33 (дата обращения: 27.06.2009).

муайян бо ҳам муносибат доранд, қарордод, шартнома ё дигар санади дигари ҳуқуқ муқарраркунандаро доранд [75].

Ташаккул ва рушди ниҳодҳои самарабахши ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ шарти муҳим ва омили баландшавии суръати фаъолияти инноватсионӣ, рушди инфрасохтори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Самтҳои афзалиятноки шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ дар соҳаи неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ: маблағгузории таҳқиқоти илмӣ бо дурнамои тиҷоратикунонӣ ва рушди инфрасохтори инноватсионӣ; низоми таҳсилоти касбӣ ва бозомӯзии кормандон; тандурустӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ мебошанд.

Яке аз воситаҳои самараноки амалигардонии лоиҳаҳои афзалиятнок дар доираи шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ ин истифодаи миёнаравони молиявӣ, пеш аз ҳама, бонкҳои давлатӣ мебошад. Бонк бояд воситаи самараноки маблағгузории лоиҳаҳое гардад, ки ба ҳавасмандкунии равандҳои инноватсионӣ, амалигардонии як қатор масъалаҳои иҷтимоӣ дар соҳаҳои маориф ва тандурустӣ нигаронида шудаанд. Дар соҳаи инноватсия самтҳои муҳимтарини шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ бояд татбиқи чорабиниҳо оид ба ҷалби муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба раванди инноватсионӣ, муайян намудани афзалиятҳо барои маблағгузории давлатии таҳқиқоти бунёдӣ ва татбиқӣ бо иштироки намояндагони соҳибкорӣ бошанд.

Воситаҳои самараноки шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ ташаккули нақшаҳои минтақавии шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ мебошанд, ки ба таҳияи барномаҳои таҳсилоти касбӣ, гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, озмоишӣ-конструкторӣ ва тиҷоратикунонии натиҷаҳои онҳо равона карда шудаанд. Ҳангоми баррасии фаъолияти ташкилоти алоҳидаи бахши давлатӣ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки ба амалияи ташкилот ва идоракунии бахши ҷамъиятӣ, ташкилоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ механизму воситаҳои зерин ворид кардан мумкин аст:

---

[75]. Шаповалова Н.В. Частно-государственное партнерство при реализации стратегических планов: практика и рекомендации. - СПб: Международный центр социально-экономических исследований «Леонтьевский центр», 2005. - С.6.

• лоиҳакашии иҷтимоӣ;

• маркетинги иҷтимоӣ;

• фандрайзинг;

• бенчмаркинг;

• ташкили фаъолияти ихтиёрӣ.

Тамоюли муҳимми рушди бахши давлатии иқтисодиёти минтақа ин гузариш аз равиши вазифавӣ-идоравӣ ба ташкили фаъолият тибқи барномаҳои мақсаднок мебошад. Вобаста ба ин, зарур аст, ки ба фаъолияти тамоми ташкилоти бахши давлатӣ таҷрибаи лоиҳакашии иҷтимоӣ ворид карда шавад. Ин бештар ба фаъолияти ташкилоти самти иҷтимоидошта дахл дорад, ки мустақиман бо аҳолӣ ҳамкорӣ ва неъматҳои муҳимми иҷтимоиро таъмин мекунанд. Лоиҳакашии иҷтимоӣ фаъолияте мебошад, ки барои таҳия ва амалигардонии лоиҳаҳои дорои аҳаммияти иҷтимоидошта равона карда шудааст. Дар ин ҷо асосноккунии иттилоотӣ ва молиявию иқтисодӣ талаб мешавад, ки барои ҳалли масъалаҳои муайяни иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои иҷтимоӣ ба маркетинги иҷтимоӣ такя мекунанд.

Мафҳуми «маркетинги иҷтимоӣ» соли 1971 ба вуҷуд омадааст[76] ва барои истифодаи принсипҳои маркетинг ва усулҳои он барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, амалисозии ғояҳои иҷтимоӣ, инчунин, дар ҷараёни иқдомҳои иҷтимоӣ пешбинӣ шудааст. М.Брун ва Д.Тилмес навишта буданд: «Аз меъёрҳои расмии тавсифи ташкилот дида, омодагии он барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, қобилияти ташкилот барои иқдом намудани фаъолият дар соҳаи маркетинги иҷтимоӣ муҳимтар аст. Бинобар ин, барои баҳогузории арзиши маркетинги иҷтимоӣ бояд арзиши нисбии гузориши масъалаҳои иҷтимоиро муайян кардан зарур аст» [77].

Зарурати истифодаи маркетинги иҷтимоӣ дар ташкилоти бахши давлатӣ дар назарияи «истеҳсоли неъматҳои давлатӣ», ки олимони америкоӣ Д.Шиф ва Б. Вайсброд пешниҳод намудаанд, асоснок карда шуд.

---

[76]. Kotler P. Marketing-Management: Analyse, Plannung und Kontrolle. — Stuttgart, 1982. - P.717.
[77] ВшЬп М., татеэ I. 8оыа1 Магкейпя. - 1989. - P.23.

Шарти зарурии истеҳсоли неъматҳои ҷамъиятӣ, тибқи гуфтаи Вайсброд, истифодаи маркетинги иҷтимоӣ (ғайритиҷоратӣ) мебошад[78].

Маркетинги иҷтимоиро муаллифони алоҳида ҳамчун муайян кардани талабот, ниёз ва манфиатҳои бозорҳои мақсаднок ва таъмин намудани қаноатмандии дилпазир бо усулҳои нисбат ба рақибон самаранок ва ҳамзамон, нигоҳдорӣ ва таҳкими некуаҳволии истеъмолкунандагон ва ҷомеа муайян менамоянд[79].

Ба андешаи мо, маркетинги иҷтимоӣ омӯзиши талаботи муштариён ба неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ва қонеъ кардани онҳо бо усулҳои аз ҳама самаранок мебошад, ки таъсири мусбии берунаро зиёд мегардонад ва некуаҳволии ҳамаи аъзоёни ҷомеаро таъмин мекунад. Қолаби маркетинги иҷтимоӣ ба самти рушд ҳам дар сатҳи иҷтимоӣ ва ҳам иқтисодӣ нигаронида шудааст.

Маъмулан неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ройгон пешниҳод мешаванд ё қисман пардохт карда мешаванд. Дар шароити муосир баъзе намудҳои неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ метавонанд ройгон бошанд, аммо ташкилоти бахши давлатӣ комилан аз ҳисоби хизматрасонии музднок вуҷуд дошта наметавонанд. Тамоюлҳои муосири рушди ташкилоти бахши давлатӣ бо зарурати васеъ кардани Сарчашмаҳои маблағгузории фаъолияти онҳо берун аз меъёрҳои буҷет алоқаманд мебошанд. Дар чунин шароит истифодаи фандрайзинг муҳим мегардад.

Фандрайзинг - самти идоракунӣ оид ба ҷалб ва ҷамъоварии Сарчашмаҳои берунаи маблағгузорӣ, ба монанди бурсҳо (грантҳо), субсидияҳои давлатӣ, андӯхтҳои хайриявӣ ва кумаки пулии сарпарастии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, ташкилоти бахши ҷамъиятӣ, ҳам давлатӣ ва ҳам ғайридавлатӣ ҳамеша ба захираҳои иловагӣ, новобаста аз он ки онҳо аз буҷет ё аз дигар сарчашмаҳо маблағгузорӣ мешаванд, эҳтиёҷ доранд. Ин бо зарурати қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни аҳолӣ дар

[78] Weisbrod, B. The Nonprofit Economy. - Cambridge: Harvard Univ. Press, 1994.
[79]. Захарова, С. Кризис индустриализма и концепция социального маркетинга [Текст]/С.Захарова // Социологические исследования. — 1995. - № 5. - С. 34-38.

хизматрасониҳои иҷтимоӣ, хизматрасонии босифат ва таъминоти иҷтимоӣ, ки қонунгузории амалкунанда, иқтисодиёти кишвар ва низоми мавҷудаи ҳифзи иҷтимоӣ бо суръати афзоиши он мутобиқ шуда наметавонад, шарҳ дода мешавад. Масъалаи ҷалби захираҳои иловагӣ барои ташкили фаъолияти ташкилоти бахши ҷамъиятӣ ниҳоят муҳим аст, зеро он доимо дарҳол пас аз васеъ шудани соҳаҳои фаъолияти ташкилот, афзоиши ҳаҷми кор (хизматрасонӣ) ва баланд бардоштани сифат ба вуҷуд меояд.

Аз давраи таъсиси аввалин ташкилоти ғайритиҷоратӣ дар кишварҳои пешрафта таҷрибаи ғанӣ дар ҷалби захираҳо ба даст оварда шудааст, ки мутаассифона, аз ҷониби ташкилоти муосири давлатии дар ҷумҳурии мо фаъолияткунанда кам истифода мешавад. Аз ин рӯ, пешниҳоди маълумот дар бораи имкониятҳои маблағгузории буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, дар кормандони бахши давлатӣ тарбия кардани малакаҳои ҷустуҷӯ ва ҷорикунии шакл ва усулҳои нави кор, ҷалби захираҳои иловагӣ барои ташкили фаъолияти онҳо муҳим аст. Ҳамин тариқ, низоми идоракунии ташкилоти бахши давлатӣ бояд ба истифодаи фандрайзинг ҳамчун фаъолият барои ҷалби захираҳои иловагӣ равона карда шавад.

Дар фаъолияти ташкилотҳои бахши давлатӣ тавсия дода мешавад, ки консепсияи идоракунии бенчмаркинг ҷорӣ карда шавад. Дар минтақаҳо зарурати ҳамкории ташкилоти байнидавлатии минтақавӣ ва ташкилоти ғайридавлатӣ оид ба табодули таҷрибаи пешқадам, дониш ва технологияҳои пешрафта эҳсос мегардад, ки истифодаи онҳо метавонад самараи фаъолиятро ба таври назаррас баланд бардошта, фазои мусоидро барои фаъолияти муассисаҳои давлатӣ (таълимӣ, тиббӣ-профилактикӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фарҳанг, бехатарӣ ва ғ.) ва ташкилоти ғайритиҷоратӣ фароҳам орад. Натиҷаҳои фаъолияти ташкилоти бахши ҷамъиятӣ ба шароити зисти шаҳрвандони минтақа таъсир мерасонанд. Дар солҳои охир вобаста ба амалигардонии лоиҳаҳои афзалиятноки миллӣ ва «озмоишӣ», стратегия ва барномаҳои минтақавӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ зарурати калони таҳияи равишҳо, усул ва воситаҳои нави идоракунӣ барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ташкилоти бахши

давлатӣ тавассути бенчмаркинг ба вуҷуд омад. Моҳияти консепсияи бенчмаркинг - ин ҷустуҷӯ, танзим, муайянсозӣ, омӯзиш, муқоисаи дониш, таҷриба, иттилоот дар бораи равандҳои самаранок ва натиҷаҳои фаъолияти ташкилот барои истифодаи минбаъдаи онҳо дар ташкилоти таҳқиқшаванда мебошад.

Дар амал истифодаи консепсияи бенчмаркинг дар зерсохторҳои ташкилот мунтазам баргузор кардани чорабиниҳо оид ба идоракунии дониш, мубодилаи таҷрибаи пешқадам, баланд намудани сатҳи самаранокии раванд ва технологияҳои ташкилотро дар назар дорад. Надонистан ё истифода набурдани воситаҳои муосири бенчмаркинг дар айни замон ба он ҳолат мерасонад, ки роҳбарон ва мутахассисон аз чизе, ки дар шафати онҳо қарор дорад, фоида намегиранд, дониши арзишманд, ғояҳо, таҷрибаи пешқадам, инноватсияҳое, ки дар фаъолияти ҳаррӯза истифода шуда метавонанд, бе таваҷҷуҳи зарурӣ мегузоранд.

Таҷриба, дониш, салоҳияти роҳбарон ва мутахассисон ҷузъи асосии сармояи зеҳнии ташкилот мебошад, ки арзиши он дар ҷаҳони муосир босуръат афзоиш меёбад. Равандҳои ҳамкорӣ, мубодилаи таҷрибаи пешқадам, дониши амиқ, технологияҳо, инноватсияҳо бояд дар ҳама сатҳҳои идоракунӣ ба низом даровარда шаванд ва амалӣ гарданд.

Раванди бенчмаркинг дар ташкилоти бахши давлатӣ бояд аз марҳилаҳои зерин иборат бошад:

1. Таҳлили мушкилот ва ташаккули ҳадафҳо барои баланд бардоштани самаранокии ташкилоти минтақавии бахши ҷамъиятӣ. Таҳлили ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи ташкилот, вазъияти соҳа ба роҳ монда мешавад; дараҷаи таъсири сохторҳои болоӣ ва поёнӣ ба муваффақияти фаъолияти ташкилот муайян карда мешавад; ҳадаф ва вазифаҳое таҳия мешаванд, ки бояд дар доираи лоиҳаи бенчмаркинг татбиқ шаванд.

2. Интихоби меъёрҳои баҳогузории самаранокии интизоршаванда аз истифодаи таҷрибаи пешқадам дар ташкилоти минтақавии бахши давлатӣ. Дар назди низоми меъёрҳо талаботи пуррагӣ ва воқеияти инъикос кардани ҳолати

ташкилот ё раванд гузошта мешаванд. Маҷмуи принсип ва усулҳои таҳлили баланд бардоштани самаранокии кори ташкилот ба як қатор меъёрҳо гурӯҳбандӣ шудаанд, ки аз панҷ гурӯҳи таснифӣ иборатанд: молия, кор бо мизоҷон, омӯзонидани кормандон, ташкили равандҳои дохилӣ ва самаранокии иҷтимоӣ-иқтисодӣ.

3. Муайянсозӣ ва таҳлили омилҳо ба самаранокии мутобиқсозии таҷрибаи пешқадам дар ташкилоти минтақавии бахши давлатӣ таъсир мерасонанд. Таҳлили омилҳо интихоб ва муқоисаи иттилоот, дониш дар бораи ҳар як омилро дар бар мегирад; муайян кардани сабаб ва оқибати падидаи мазкур; муайян кардани муносибати сабабу натиҷа.

4. Ҷустуҷӯ ва танзими Сарчашмаҳои таҷрибаи пешқадам, дониш, иттилоот. Сарчашмаҳои дониши дастрас: фармонҳо, қарорҳо, мактубҳо, қоидаҳои ҳамкорӣ, консепсияҳо, усулҳо, методикаҳо, технологияҳо, меъёрҳо, нақшаҳо, ҷадвалҳои корӣ, ҳисобот оид ба корҳои анҷомдодашуда, маълумот дар бораи ҳамкориҳои ташкилотҳо ё зерсохторҳо ва ғайра. Сарчашмаҳои таҷрибаи пешқадам, донишҳо дар шабакаи Интернет, дар намоишгоҳҳо, ярмаркаҳо, конфронсҳо, семинарҳо, вохӯриҳои корӣ ва ғайрирасмӣ ва ғайра мутамарказ мешаванд.

5. Дарёфт ва таҳлили таҷрибаи мусбии ташкилоти муваффақ. Марҳилаи мазкур бо марҳилаҳои қаблӣ робитаи зич дорад. Дар ин ҷо дониш, малака, маҳорат ва иттилоот муайян карда мешавад, ки дар асоси онҳо барои такмил додани равандҳои мавҷуда чорабиниҳои минбаъда таҳия карда мешавад.

6. Таҳияи чорабиниҳо оид ба мутобиқ кардани таҷриба, дониш, иттилоот ба шароити ташкилоти минтақавии бахши давлатӣ. Дар барномаи чорабиниҳо рӯйхати расмиёт, мӯҳлати иҷрои он, рӯйхати шахсони масъул ва иҷрокунандагони мушаххас дохил карда мешаванд.

7. Баҳогузории самаранокии интизоршаванда аз татбиқи чорабиниҳои пешниҳодшуда дар асоси истифодаи низоми нишондиҳандаҳои мутавозин. Низоми нишондиҳандаҳои мутавозин - низоми идоракунии стратегии дар асоси

андозагирӣ ва баҳогузории самаранокии он аз рӯйи маҷмуи нишондиҳандаҳо (ҳам молиявӣ ва ҳам ғайримолиявӣ).

8. Мониторинги натиҷаҳои истифодаи раванди бенчмаркинг дар ташкилоти минтақавии бахши ҷамъиятӣ. Роҳбарон ва мутахассисон вазифадоранд, ки тамоми марҳилаҳои ҷараёни амалишавандаи бенчмаркингро мунтазам назорат кунанд. Истифодаи фаъолонаи технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ тавсия дода мешавад. Ин имкон медиҳад, ки иттилооти муҳим дар заминаи иттилооти сари вақт ба инобат гирифта шуда, гузоришҳои таҳлилии зарурӣ ташаккул дода шаванд.

Дар таҷрибаи муосири татбиқи манфиатҳои ҷамъиятӣ манбае чун фаъолияти ихтиёрӣ ба таври фаъолона истифода мешавад. Фаъолияти ихтиёрӣ низоми мушаххаси муносибатҳои меҳнатӣ мебошад, ки ба механизми ҳавасмандкунии ғайримоддӣ такя карда, ҳадафҳои иҷтимоӣ, хайриявӣ ва мақсадҳои дигари иҷтимоӣ дорад. Дар шароити маҳдуд будани захираҳои ташкилоти бахши давлатӣ имконияти ҷалб кардани қувваи кории ройгони бемузд самаранокии фаъолияти бахши давлатиро зиёд мегардонад. Ин алалхусус дар сатҳи бахши ҷамъиятии иқтисодиёти минтақа ба назар мерасад.

Барои ворид намудани технологияҳои дар боло зикршуда, фаъолиятҳои омӯзишӣ, гузаронидани чорабиниҳои мунтазами омӯзишӣ, семинар-тренингҳо, фаъолиятҳои машваратӣ бо ҷалби мутахассисони соҳаҳои гуногун зарур аст. Баланд бардоштани сатҳи касбии роҳбарон, менеҷерҳо, мутахассисони ташкилоти бахши давлатӣ - омили муҳимми афзоиши самаранокии низоми идоракунии бахши ҷамъиятии иқтисодиёти минтақа дар соҳаи неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки аз нуқтаи назари ноил шудан ба ҳадафҳои амалӣ, фаъолияти бахши давлатӣ дар соҳаи неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ то ҳалли мушкилоти молиявӣ ё ташаккули шароити мусоиди ниҳодӣ самтгузорӣ шудааст. Ҷустуҷӯи истифодаи нисбатан муносиби захираҳои маҳдуди бахши давлатӣ талаботи ба таври қатъӣ муайян кардани механизмҳои афзалиятноки тақсими онҳоро бо назардошти ҳадафҳои мавҷуда ё имкониятҳои баланд

бардоштани самаранокии тақсимоти такрории онҳоро бо назардошти имкониятҳои дохилиминтақавӣ тақозо менамояд.

Ҳамин тариқ, муносибати ҳамаҷониба нисбати муносиб гардонидани низоми идоракунӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сохторҳои идоракунӣ на танҳо барои устувор гардонидани соҳаи пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ дар бахши давлатии ҷумҳурӣ, балки дар маҷмуъ ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ мусоидат хоҳад кард.

## Хулосаи боби 3-юм

